**Кароматулло Олимзода**

# **Паёми садоқат**

**Муҳаррири масъул Саидалӣ Маъмур**

**Душанбе «Адиб»-2013**

Дар ин маҷмӯа ашъори саршор аз меҳру муҳаббат ба халқу Ватан, истиқлолият ва тавсифи ишқи поку вафодорӣ, васфи дӯстию бародарӣ, сулҳу ваҳдати миллӣ ва эҳсосоти самимонаи инсонӣ гирд омадаанд, ки ба қалами яке аз олимони шинохтаи ҷумҳуриамон Кароматулло Олимзода тааллуқ дорад. Маҷмӯа маснавиҳо, ғазалҳо, мухаммасҳо, қитъаҳо, марсияҳоро дар бар мегирад, ки маҳсули бардоштҳои шоир аз таҷрибаи рӯзгор мебошад.

**Ватан, қиблагоҳи суҷудам туӣ**

Кароматулло Олимзода аз хонадони суханварони номии Истаравшани бостонист. Тақрибан ҳама шоираву шоирҳои девондору бедевони ин шаҳри суханпарвар аз хешу ақрабои ӯянд.

Аҳли илму адаби Тоҷикистон Кароматулло Олимзодаро чун файласуфи борикбин, муҳаққиқи осори намояндагони барҷастаи сӯфия, ба вижа Ҳаким Саноӣ ва сиёсатмадори барҷаста мешиносанд. Аммо чун дар шарёнаш хуни ниёгони сухангустараш ҷорист, гоҳ-гоҳ ёди шеър мекунад, қалам ба даст мегирад, эҳсосотеро, ки аз диду боздидҳо, аз шунидаву хондаҳо дар вуҷудаш ба туғён меояд, ба риштаи назм мекашад.

Маснавиҳои «Қиссаи Саноӣ», «Фоҷиаи Айнулқузот», «Изтироби Аҳмади Дониш», «Фоҷиаи Ҷордано Бруно» зодаи он бардоштҳое ҳастанд, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқу омӯзишҳояш ба даст овардааст. Чаро ин қиссаву ривояту ҳолату воқеаҳоро бояд шеър кард? Дар «Изтироби Аҳмади Дониш» омадааст:

Фарангиён чу дар ҷаҳду талошанд,
Мусулмонон чаро бесайъ бошанд?

Роҳи фарангиён ҳам ҳамвор набудааст. Дар «Фоҷиаи Ҷордано Бруно» чунин мисраъҳо ҳаст:

Бруно сӯхт, лекин машъал афганд,
Ҷаҳони куҳнаро аз бех барканд.

Яъне, ҳар лаҳзаи таърихи гузаштаи касон бояд чароғи равшани оянда ва дарси ибрати ворисон бошад.

Кароматулло Олимзода ҳар лаҳзаеро, ки ба тасвир мегирад, барои талқини ҳаётдӯстӣ, ҷустуҷӯву ковишҳо, талошу азму субот дар роҳи мақсади нек аст.

Муаллиф бори аввал сурудаҳои худро дар ин китоб фароҳам овардааст ва шеърҳо мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад. Ман, ки бо Кароматулло дар вазъу ҳолатҳои гуногун вохӯрдааму ҳамкорӣ кардаам, пай бурдаам, ки вай табъи бисёр равон дорад. Бидуни заҳмату мушкилот равон шеър гуфтан мегирад ва ҳамсуҳбати худро ғарқи дарёи ҳайрат мекунад.

Ман боварии комил дорам, ки аксари шеърҳои ин маҷмӯа ҳамин тавр дар сафарҳову суҳбатҳову маҳфилҳо бадоҳатан суруда шудаанд.

Ба ман қиссаеро ёдовар шудаанд, ки соли 2010 дар Исломобод конфронси байналмила-

лии «Тасаввуф ва сулҳ» баргузор гардид. Ӯ, ки дар раёсати он маҷлис будааст, бо хоҳиши раиси Иттиҳодияи нависандагони Покистон Фахр Замон шеъри бадоҳатан эҷодкардааш «Паёми Покистон ё дуруд ба Иқбол»-ро месарояд ва пешкаши ҳозирини ризоманд мекунад:

То ки ояд аз таассуб бар таҳаммул бериё,
Бояд омӯзем дарси сулҳи Турсунзодаро.

Шеърҳои сафарии «Бразил-Саразм», «Соҳили Лейк Параноа», «Лоладарахт», «Парчами Бразилия», «Ба профессор Акино» ҳамин тавр бадоҳатан суруда шудаанд.

Дар ин маҷмӯа шеърҳои зиёде ҳастанд, ки ба модар, Тоҷикистон, маҳбуба, дӯсту бародарони гӯянда бахшида шудаанд. Ҳамаи онҳо самимӣ, хайрхоҳона, некбинона, аз рӯйи меҳру муҳаббат гуфта шудаанд. Бисёр муҳим аст, ки гӯянда аз қадом зовия ба мавҷуди мавриди тасвир назар меафканад. Ҳамон шоири бесаводи деҳотӣ гуфтааст: «Хори ватан аз лолаву райҳон беҳтар», Яъне, агар назар нек набошад, хори ватан хор хоҳад монд.

Кароматулло мегӯяд:

Мардуми бонанги ман кохи замон меофарад,
Хонаи ободи бахти тоҷикон меофарад.
Ҷамъ карда пора-пора фардҳои хештан
Ӯ зи нав як миллати ваҳдатнишон меофарад.

Ман ба Кароматулло Олимзода дар илму адаб қалами бурро орзу мекунам. Бигзор ин байти худи ӯ парчами рӯзгору пайкораш бошад:

Ватан, тору пуди вуҷудам туӣ,
Ватан, қиблагоҳи суҷудам туӣ.

**Гулназар**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

**Суруди садоқат**

Аё Тоҷикистони озоди ман,

Умеди дилу хотири шоди ман.
Чу фарзанди ту ҳозирам бар дифо,
Ба ҳифзи ту ҷонро намоям фидо.

Ватан, боиси ифтихорам туӣ,
Ватан, мабдаи эътиборам туӣ.
Ватан, тору пуди вуҷудам туӣ,
Ватан, қиблагоҳи суҷудам туӣ.

Манам ворисӣ Рустами Достон,
Чу Восеъи размовари паҳлавон,
Чу сарбози Темурмалики замон,
Наёбад зи ман душмани ту амон.

Зи Хатлону Рашту Бадахшони ту,
Хуҷанд Истаравшан зарафшони ту,
Ҳисори чу боғи гулафшони ту.
Шуда муттаҳид родмардони ту.

Ба софии оби зулолат қасам,
Ба покии хоку ҷалолат қасам,
Зи кӯҳсору водӣ-ҳама тоҷикем,
Ҳама аз дилу ҷон ба ту содиқем.

Аё Тоҷикистони озоди ман,
Умеди дилу хотири шоди ман.
Чу фарзанди ту ҳозирам бар дифо,
Ба ҳифзи ту ҷонро намоям фидо.

**Ашъори гуногун (ғазалҳо, сурудҳо, қасидаҳо)**

**Алвидоъ, модар![1]**

Алвидоъ, эй раҳнамои рӯзгорам, модарам.
Боиси хушнудию авҷу барорам, модарам.
Роҳи ман равшан шуд аз шири сафеду поки ту,
Эй чароғи нурбахшу нурборам, модарам.
Бар сафар ҳар гоҳ мерафтам ба амри халқи худ.
Мешуд афзун аз дуоят эътиборам, модарам.
Аз насиҳатҳову лутфу аз табассумҳои ту
Зиндагонӣ дошт файзе чун баҳорам, модарам.
Ҳар гаҳе кардам зи пушти минбари олӣ сухан,
Бо Ватан тавъам ту будӣ ифтихорам, модарам.

[1] Ба ёдбуди модари бузургвор Майрам-апа, ки фарзанди наҷибу сарвари арзанда Эмомалӣ Раҳмонро ба миллати тоҷик тақдим кардааст.

Чашми ту дар роҳ буду ман ҳамеша дар сафар,
Будӣ дар ёди писар шабзиндадорам, модарам.

**Модар**

Хӯрдӣ як умр модар ғам баҳри ҷони фарзанд,
Бо ранҷ шах намудӣ, то устухони фарзанд.
Шабҳо суруди алла хондию рӯз кардӣ,
То хоби ноз ояд бар дидагони фарзанд.
Ангушти нозуатро хуншор кард сӯзан,
Чун дӯхтӣ либосе бар ҷисму ҷони фарзанд.
Авқоти хештанро бас талх карда, аммо
Ширин намудӣ аз меҳр кому даҳони фарзанд.
Худ пай набурда, лекин бас шеъри ноб гуфтӣ,
То бар сухан чу булбул орӣ забони фарзанд.
Гоҳе зи шодмонӣ як гулситон шукуфтӣ,
Чун ғунча ханда дидӣ гар бар лабони фарзанд.
Дар худ фурӯ бибурдӣ бе шиква оҳу нола,
Гар ночашида рафтӣ ноне зи хони фарзанд.
Хатти шикаста мондӣ дар сафҳаи ҷабинат,
Шуд достони умрат душворхони фарзанд.
Ту ашк мефишонӣ аз чашми интизорат,
Шуд кӯлбори ҳиҷрат бори гарони фарзанд.
Н-арзад ба як пашизе он хоне, ки модар
Поро намонда бошад бар остони фарзанд.
Гар мерасад ба қадри шири сафеди модар
Сарсабз бод умре нахли ҷавони фарзанд.

**Ҷамоли Ватан**

Ҳаёлам шуд баҳороғӯш аз ёди ҷамоли ту,
Адампарвоз шуд нуқси ман аз файзи камоли ту.
Нигаҳ болиду боло рафт то хилватгаҳи хуршед,
Нашуд пайдо ба дунё ҳеҷ монанду мисоли ту.
Фараҳ хезад зи баҳри сина, фавҷи мавҷ рақс орад,
Зи эҳсоси насими хоки атрогинхисоли ту.
Надорад чинӣ ҳаргиз эътиборе назди аҳли дил,
Агар як ҷуръа нӯшидаст аз ҷоми сафоли ту.
Маро ҳар зарра, тору пуд, ҷисму рӯҳ миҳангӯст,
Набинад чашми гардун, Тоҷикистонам, заволи ту.

**Ватан тоҷи сар**

Аз Ватан марғубтар ҷое намебошад дигар,
Дилнишин дар баҳру бар ҷое намебошад дигар.
Гарди он чун сурма равшан кард чашмони маро,
Равшанибахше чунин ҷое намебошад дигар.
Ғунчаи ишқу умедам гул кунад дар ин чаман,
Дилкушотар чун саҳар ҷое намебошад дигар.
Ғофилон ҷӯянд амни хеш дар ғурбатсаро,
Ғайри меҳан бехатар ҷое намебошад дигар.
Дар Ватан нозу адои ёр дорад нашъае,
Нозбардоре дигар ҷое намебошад дигар.
Ном хоҳӣ, нанг дорӣ, дар миёни халқ бош,

Мардро тоҷе ба сар ҷое намебошад дигар.

**Ошёни бахт**

Эй Ватан, сарчашмаи бахту баќо хонам туро,
Тӯҳфаи пурарзиши лутфи Худо хонам туро.
Бе ту ободию озодӣ надорад қимате,
Маскани ободу озоду сафо хонам туро.
Ҷон бароят дода мардони вафодору далер,
Баҳри мо мероси мардони расо хонам туро.
В-эй басе хун рехт аз дасти адӯ аз баҳри ту,
Аз шаҳидон порае чун хунбаҳо хонам туро.
Зарра-зарра кам шудӣ дар гиру дори рӯзгор,
Пораи дилҳою ашки илтиҷо хонам туро.
Кардам истиқбол истиқлолро бо ашку хун,
Ошёни бахту иқболу вафо хонам туро.

**Забони модарӣ**

Забони модарӣ, бар ман ҷаҳони бекаронӣ ту,
Забони сулҳу ваҳдат, панду шеъри ҷовидонӣ ту.
Забони Рӯдакию Бӯалӣ Синою Фирдавсӣ,
Забони шоирону нуктасанҷони ҷаҳонӣ ту.
Туро чун Тоҷикистон дӯст дорам аз дилу аз ҷон,
Ки чун модар бароям қуввати рӯҳу равонӣ ту.
Туро чун гавҳари чашмони худ ман ҳифз месозам,
Зи бас сарчашмаи фарҳангу нури дидагонӣ ту.
Ту мероси ниёгон ҳамчу кӯҳу рӯди кӯҳистон
Барои ташнагони маънӣ чун оби равонӣ ту.
Агар чун шаҳсутуне Рӯдакию Айнӣ бар миллат,
Асоси устувори кохи бахти ҷовидонӣ ту.

**Ватан гӯям**

Агар пурсанд маҳди аввалини ман, Ватан гӯям.
В-агар ҷӯянд роҳи охирини ман, Ватан гӯям.
Ҷаҳонгардон чу менозанд бо Порису бо Ландан,
Ҷаҳони дилрабову беҳтарини манВатан гӯям.
Агарчанде таассуб доғ бар рӯи Ватан овард,
Ба фарҳанги ҷаҳон фардо нигини манн Ватан гӯям.
Зи ҳар як зарра хоки поки он зар мешавад пайдо,
Умеди мардуми зарофарини ман Ватан гӯям.
Навои обшоронаш, ҳавои кӯҳсоронаш,
Диҳад умри дигар, ҷонофарини ман, Ватан гӯям.
Биё, овораву саргашта андар ҷустуҷӯи бахт,
Макони бахту тахти дилнишини ман, Ватан гӯям.

**Хонаи обод**

Эй Ватан, эй хонаи ободи ман, поянда бош,
Порае аз миҳани аҷдоди ман, поянда бош.
Борҳо чун моҳи гардун сӯхтию бохтӣ,
Бо ҳама доғе, ки дорӣ дар бадан, поянда бош.
Равшанибахши ҷаҳони тира будӣ як замон,
Чун чароғи нурбори анҷуман поянда бош.

Макрҳо дар парда дорад душмани озодият,
Кӯҳсон бар рағми душман, эй Ватан, поянда бош.

**Ёдгори ҷовидон**

Мардуми бонанги ман кохи замон меофарад,
Хонаи ободи бахти тоҷикон меофарад.
Ҷамъ карда пора- пора фардҳои хештан,
Ӯ зи нав як миллати ваҳдатнишон меофарад.
Аз баҳори сулҳу ваҳдат шаҳру деҳаш гулфишон,
Оре, оре сарзамини гулситон меофарад.
Чашмҳо рахшанда аз уммеди субҳи босафо,
Давлати шоистаи давру замон меофарад.
Ёфт иксире, ки худро боз эҳё мекунад,
Рӯдакӣ бо чашми бино достон меофарад.
Аз ниёгон дар ҷаҳон дорад басе ирсу нишон,
Ёдгори бошукӯҳи ҷовидон меофарад.

**Фаввораи Душанбе**

Бингар, чи гуна зебо фаввораи Душанбе,
Чун қулла рӯҳафзо фаввораи Душанбе.
Бо қатраҳои покаш созад басе навозиш,
Щӯх аст тифлосо фаввораи Душанбе.
Дар гирдаш ошиқон ҳам шодоби васл ҳастанд,
Пайвандсози дилҳо фаввораи Душанбе.
Ҳар лаҳза дил рабояд, ҳарранг менамояд,
Чун ранги орзуҳо фаввораи Душанбе.
Гаҳ меравад ба боло мастона, гаҳ фарояд,
Чун гесувони зебо фаввораи Душанбе.
Навошиқон, шуморо гар мушкилест бо ёр,
Мушкилкушост ин ҷо фаввораи Душанбе.
Варзобруд аз кӯҳ бо шавқу шӯр ояд,
То сар кашад ба боло фаввораи Душанбе.

**Суруди ҷавонӣ**

Бароят навиштам суруди ҷавонӣ,
Ки шояд ба лаҳни муносиб бихонӣ.
Суруд ин паёме ба дилҳои ошиқ,
Садо аз ниҳонхонаи осмонӣ.
Биё, то нишинему аз ишқ нозем,
Занем оташ андар ғами зиндагонӣ.
Фиребову зебо чӣ бошад дар олам,
Ба ғайр аз шаби моҳтобу ҷавонӣ?
Дар ин шаб иҷобат шавад ҳар дуо,
Талаб гар намоӣ ту бо меҳрубонӣ.
Илоҳо, нигаҳ дору поянда гардон
Чаҳони ҷавонӣ, замони амонӣ.

**Ба шоираи азизи миллати тоҷик Фарзона**[2]

[2] Ин нома ҷавоб ба китобест, ки бо ихлосу самимият бо соядаст ирсол дошта буданд.

Ту нағмапарвари оҳанги обшоронӣ,
Навои шеъри булӯрини чашмасоронӣ.
Зи шеъри дилкаши ту ранги субҳ ҷилва кунад,
Ба сеҳри хомаи шабранг нурборонӣ.
Ба сайргоҳи ҷамолу ҷалоли фикри баланд
Чи хуш, ки пешрави хайли шаҳсаворонӣ.
Ҳамин бас аст, ки Фарзонаи замона туӣ,
Бад-ин уруҷи фазилат зи хоксоронӣ.
Агарчи мо, ҳама дар банди буду нобудем,
Ту Рахши ҳастӣ суи ҷовидона меронӣ.
Чу муддаӣ кунад инкори тоҷдории мо,
Далели қотеъи иқрори тоҷдоронӣ
Чу руди Сир ба зоҳир агарчи оромӣ,
Дар ишқи меҳану миллат зи беқаророни.
Зи дарди мардуму сангиндилии бедардон,
Ману фишори дилу ҷӯши хуну ҳайронӣ.
Зи шохи пургули табъи ту дур бод хазон,
Ки андалеби шакарлаҳҷаи баҳоро
24 июли с.2010, ҳавопаймои Москва-Лондон

**Ёри вафодор**

Ҳамчу ман андар вафо ёре намеояд дигар,
Ишқро бо ҷон харидоре намеояд дигар.
Ёри хатлонии ман, то чанд месозӣ ҷафо,
Ҳамчу мижгонат дилозоре намеояд дигар.
Аз нигоҳат дасту пои хешро гум мекунам,
З-он гаронтар, ҷони ман, боре намеояд дигар.
Дидаам яғмогарони мулки дил бисёр, лек
Бурдаӣ дил чун ту дилдоре намеояд дигар.
Чашми мастат бе шаробе маст месозад маро,
К-аз нигоҳат ҳеҷ ҳушёре намеояд дигар.
Ошиқон дар васфи ту байти фаровон гуфтаанд,
Беҳтар аз ин шеър гуфторе намеояд дигар.

**Тавахҳумгоҳ**

Як ҷаҳон девона мебинем, ҳушёре куҷост?
Чашмбози хоболудем, бедоре куҷост?
Кундзеҳну кундфаҳму кундрафторем мо,
Тавсани нозукхирому тезрафторе куҷост?
Гапфурӯшему дилозорему бадхӯ гаштаем,
Кордону корфармо, нармгуфторе куҷост?
Раҳзани дилҳо ба шеъру меҳрубонӣ будаем,
Роҳзан гаштему марди ростпиндоре куҷост?
Сарбаландӣ дар ҷаҳони илму ирфон доштем,
Гавҳари ақлу қаноатро харидоре куҷост?
Чун кулоҳи шамъ дар сар орзу парвардаем,
То саҳаргоҳи саодат равшаниборӣ куҷост? 28.04.1992

**Орзуи дидор**

Хотирам ошуфта аз зулфи парешони шумо,
Дидаам оинадори моҳи тобони шумо.
Гарчи боре аз лаби лаъли шумо ширин нашуд
Коми ман дорад умед аз шаккаристони шумо.
Рӯҳпарвар ин саҳар омад насими фораме,
Ёдам омад гесувони атрафшони шумо.
Дар замони мо мурувват тухми анқо гаштааст,
Кош медидем боре лутфу эҳсони шумо.
Дар суроғи бахт мардум мекунад ҳар сӯ сафар,
Эй хушо, он кас, ки дорад сайри айвони шумо.
Дарди ҳиҷронро ба ҷон кандан баробар гуфтаанд,
Ҷони мо мӯҳтоҷ мебошад ба дармони шумо.
Соате дар кӯчабоғи шаҳри мо меҳмон шавед,
Муддате то бишканам дар хеш армони шумо.
8.04.1995

**Аз назар афтодаем**

Дар муҳити обшорон ташнаком афтодаем,
Дар фарози кӯҳсорон аз хиром афтодаем.
Тоҷи сар мекард нақши пои мо гарчи ҷибол,
Ҳамчу реги зери дарё пастном афтодаем.
Баски мо аз имтиёзи ёру ағёрем дур,
Шамъсон доғе ба дил беилтиём афтодаем.
Ноз чун нилуфар аз субҳи дурахшон доштем,
Бар умеди партави маҳтоби бом афтодаем.
Ҳамчу кӯрон шиквае аз рӯзи равшан кардаем,
Аз камоли носипосиҳо ба шом афтодаем.
Баски аз ҳангомаҷӯшӣ гарм шуд бозори мо,
Бо матои касмахар дар фикри хом афтодаем.
Қадри иззатро надонистем аз дунҳимматӣ,
З-ин сабаб аз пешгоҳи эҳтиром афтодаем.
1994

**Пайки оштӣ[3]**

Пайки оштӣ омад, мурғи дил ғазалхон шуд,
Барқи орзу андар дидаҳо дурахшон шуд.
Сози базми мусиқӣ ҳар тараф танин андохт,
Ҳам суруди ҷонпарвар ҳар тараф парафшон шуд.
Ҷанги хонумонсӯзӣ хайрият, ки поён ёфт,
Сулҳи хонасоз омад, муждаи гулистон шуд.
Дилбари фирорӣ ҳам, шукр, бар Ватан омад,
Чашми ошиқ аз шодӣ мавҷи гавҳарафшон шуд.
Мардумони ду дида соҳиби назар гаштанд,
Э хушо, нигаҳ акнун бар ду дида ҳамсон шуд.

**Руҷӯи академик Раҷаб Амонов**

Чанд маҷнунвор бо фикре парешон зистан?
То ба кай дар ваҳму дар талвосаи ҷон зистан?
Аз фиреби чархи гардун шиква кардан то ба кай?
То ба кай андар муҳити доду афғон зистан?
То ба кай аз устухони кӯҳна кардан ифтихор?

[3] Ин шеър ба муносибати имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва аз Маскав ба Душанбе омадани Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997 иншо шудааст.

Дар миёни чордеворе чу зиндон зистан?
Чанд андар нашъаи банги таассуб бо хаёл
Бе шароби маърифат монанди ғӯлон зистан?
Чанд бо худ душманӣ варзем, мебояд кунун
Дар вафою дӯстиву аҳду паймон зистан.
Шуд маҳалбозӣ ба мо оину мазҳаб, водареғ,
То ба кай дар пораҳои Тоҷикистон зистан?
соли 1992

**Офтоб**

Рангомезӣ намояд баъди борон офтоб.
Дорад аз рангинкамонҳояш гиребон офтоб.
Тавқи арринро барорад бар фалак, созад ба ноз,
Зевару зар аз гулӯбандаш намоён офтоб.
Чархи гардунро кунад тақдим тоқи нақшбанд,
Ҳам бар ин дарвозааш бошад нигаҳбон офтоб.
Мефишонад гул ба болои арӯсони баҳор,
Ин қадар дорад муаттар гул ба домон офтоб.
Чун ниҳад бо меҳр шабнам сар ба болини гуле,
Хештанро мекунад то субҳ пинҳон офтоб.
Шоми тор омад шабеҳи ҷаҳл андар рӯзгор,
Шуд ба доноён далели илму ирфон офтоб.
Ҷони ман, чун анкабутон то напечӣ гирди худ,
Худпарастӣ маҳв кун чун шӯълаафшон офтоб.
Зулмро то чанд медорӣ раво, эй ҷони ман?
К-аз адолат шуд азизи чархи гардон офтоб.
30.08.1998

**Сеҳри забони модарӣ**

Дари маънӣ сухангӯён чу бикшоянд, бинмоянд
Дури лафзи дарӣ дар маҳфиле, к-аз меҳр ороянд.
Забони порсӣ худ шаккарафшонӣ кунад ҳар дам,
Зи килки он азизоне, ки соҳибмулки маъноянд.
Касоне, к-аз камоли маърифат донову дороянд,
Адабсармоягон ҳастанд, к-аз дониш дил ороянд.
Ҷаҳони маърифат бас вусъате дорад, ки то манзил
Расанд онон, ки бо сабру қаноат роҳ паймоянд.
Басе дидем ононро, ки зар доранд, ҳам зӯранд,
Вале бо зӯру зар дар курсии заррин намепоянд.
Забони мо чу боғи рӯҳбахшу атрафшон аст,
Ки дар оғӯши он тоҷику эронӣ биосоянд.
Мақоми он зи бас дар авҷи иззатҳову ибратҳост,
Зи ҳасрат душманон ангушти худ пайваста мехоянд.
Набошад Каъбаи мақсуд , бар девони Ҳофиз чун
Ҷабини хештан муштоқҳо ҳар рӯз месоянд?
Маро худ ифтихору эътибор аз ин забон бошад,
Бад-ин мифтоҳ қуфли маъниҳо бисёр бикшоянд.
Азизони Ватан, кӯшед дар ҳифзи забон чандон,
Сухангӯёни беилму ҳунар онро нафарсоянд.

**Ба Истаравшан**

Истаравшан, хонаи уммеду армонам туӣ,
Шаҳри пуровозаи мардони майдонам туӣ,
Аз гузарҳои ту дорад ҷилва таърихи куҳан,

Достони бостонии ниёконам туӣ.
Захм хӯрд ин ҷо, агар пои ҷаҳонгире расид,
Қаҳрамони размиОзар то ба Юнонам туӣ.
Ҳайдари Афшин чу шуд сарлашкари мулки араб,
Гуфт: Маъвои ман, озодию имонам туӣ.
Лаззате з-ангури ту дар ком дорам то ҳанӯз,
Сарзамини шаҳдпарвар, шаҳдборонам туӣ.
Чашмаи ҷонбахш меҷӯшид аз шеъру адаб,
Ҳазратишоҳам, ба чандин дард дармонам туӣ.
Камтарин шоир дар ин ҷо соҳиби девон бувад,
Эй басо гумкарда шоирҳову девонам туӣ.
Дар вафову ҳифзи истиқлол побарҷостӣ,
Шаҳсутуне дар бинои Тоҷикистонам туӣ.

**Зинда бодо ишқ**

Гирд гардонад ҷаҳонро, зинда бодо ишқ, ишқ.
Мекунад ширин ғами мо, зинда бодо ишқ, ишқ.
Зиндагӣ дорад басе санҷиш, намехоҳад, ки ман,
Бошам андар разм танҳо, зинда бодо ишқ, ишқ.
Медиҳад гарчи ҳама буду набуди мо ба бод,
Давлати дунёст бо мо, зинда бодо ишқ, ишқ.
Мебарад бар кӯи хубон, то расонад бар висол,
Мекунад ҳалли муаммо, зинда бодо ишқ, ишқ.
Дар замоне, ки ҷаҳон мағлуби дунёишавист,
Ғолиб аст ӯ дар ҳама ҷо, зинда бодо ишқ, ишқ.
Ошиқон бисёр ҳамчун аскарони бенишон,
Мекунад гумгашта пайдо, зинда бодо ишқ, ишқ.
Орзуҳое, ки дар фасли ҷавонӣ мурдаанд,
Мекунад дар пирӣ эҳё, зинда бодо ишқ, ишқ.

**Тақдир**

Ҳар ҷавоне дар ҷаҳон тақдиру қисмат доштаст,
Гоҳ ранҷу нобарорӣ, боз давлат доштаст.
Ғам махур аз бори нокомии кори хештан,
Чунки боз авҷу бароре аҳли заҳмат доштаст.
Ин насиҳат гӯш кун, бо воизон камтар нишин,
Воиз орад дарди сар, бо ҳар кӣ сӯҳбат доштаст.
Нуқс мегардад аён дар сӯҳбати соҳибдилон,
Гардам аз соҳибдиле, ки ӯ насиҳат доштаст.
Қадри худро ҳифз бинмо, сар ба ҳар дар хам макун,
Занги дарҳо аз садои хеш миннат доштаст.

**Кохи босафо**[4]

Биё, ки маҳфили ёрони бовафо ин ҷост,
Садои ваҳдати дилҳои ошно ин ҷост.
Расидаем ба сад мушкиле ба мазраи дил
Зи роҳи меҳру вафо, баски муддао ин ҷост.
Қадам ба нияти неку хулуси дил бигузор,
Ки мустаҷоб шавад, даргаҳи дуо ин ҷост.

---

[4] Ба муносибати ифтитоҳи Кохи Сомон, дар рӯзи савгандёдкунии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноябри 2006

Ниҳодаем дар ин қасри ноз пораи дил,
Ба рӯи нақшу нигоре, ки бармало ин ҷост.
Маро умед аз ин боргоҳ пайванд аст,
Магӯй ҳар араку кавзае ҷудо ин ҷост.
Ба қадри ҳиммату имкон нишон зи худ бигузор,
Ки ному ёди туро баъди ту бақо ин ҷост.

**Оҳиста-оҳиста**

Рабудӣ аз дилам тобу тавон оҳиста-оҳиста,
Фаромӯшам намудӣ дилситон оҳиста-оҳиста.
Маро аз ваъдаҳои васли худ шодоб мекардӣ,
Фикандӣ дар сароби имтиҳон оҳиста-оҳиста.
На дар ид аз ту табрике, ҷавобе на ба занги ман,
Магар хоҳӣ шудан аз ман ниҳон оҳиста, оҳиста.
Агар ҷаври ту аз ҳад бигзарад, бигзор, бокам нест,
Шавад ҳар мушкил осон дар ҷаҳон оҳиста-оҳиста.
Маро оҳе зи ҳиҷрон меравад ҳар лаҳза бар кӯят,
Ба манзил мерасад ин корвон оҳиста-оҳиста.
Мапиндорӣ, ки дар аҳд ошиқонат бевафо ҳастанд,
Биё, бахшам дар оғӯши ту ҷон оҳиста-оҳиста.

**Дил**

Мекашад бори ҷафои даҳрро бисёр дил,
Чун ҳақиқатҷӯ зи ҳар сӯе кашад озор дил.
Аз ҷудоӣ гашта хун, аз баҳри ваҳдат метапад,
Ин таманно мекунад бо хуни худ изҳор дил.
Медиҳад дарси вафо дар рӯзгори бевафо,
Чун шафақ аз шоми ғафлатҳо кунад бедор дил.
Умр бигзашту вале ӯ тан ба пирӣ кай диҳад?
Бӯса хоҳад аз лаби ҷому лаби дилдор дил.
Ишқро сармашқи кори хеш месозад мудом,
Масҷиду дайру калисоро кунад инкор дил.
Воизони хушк дунёро ба хун оғуштаанд,
Зинда дорад ёди Мансуру танобу дор дил.
Бетаваққуф меситезад бо таассубҳои давр,
Тарсам, охир мешавад қурбони ин пайкор дил.

**Бигзарад**

Сабр кун, номеҳрубониҳои ҷонон бигзарад,
Мавсими сардию фасли барфу борон бигзарад.
Боз ояд давраи гул, сабз гардад орзу,
Ноумедиҳои дилҳои парешон бигзарад.
Ханда бар лаб ғунчаҳо оғӯшро во мекунанд,
Тангдил будан сар ояд чун зимистон бигзарад.
Мо, ки дар роҳи гузори ёр ҳастем интизор,
Бар умеди ин ки як раҳ ӯ хиромон бигзарад.
********
Расидаам ба масире, ки раҳсипоре нест,
Ба ин диле, ки пур аз дард, ғамгусоре нест.
Ҳанӯз метапад он бар хаёли ҷоми висол.
Чу маст дар назар асту вале хуморе нест.
Бирафтаанд азизон ба сайргоҳи бақо,

Чу дар ситамкада касро даме қароре нест.
Гаҳе сиришк чу марҷон ба тори мижгон аст,
Чи сабҳаест, ки ё раб, варо шуморе нест?!
Чу бастаанд маро ҳалқаҳои оҳ ба худ,
Дило, марову туро з-ин кишан фироре нест.
Ба теғи тези нигоҳе биёву пора бикун
Ҳиҷоби ҳаҷр, ки дигар маро гузоре нест.

**Ҷонон, биё**

Як шаб ба дидани ман, эй ҷони ҷаҳон, биё,
Бар дидани ғуруби мани нотавон биё.
Поиз ҳам даромада бо ранги заъфарон,
Хуш диданист чеҳраи фасли хазон, биё.
Аз сабзии ҷавонии худ лоф мезадам,
Ҳоло, ки нест ҳолати шарҳу баён, биё.
Чанголи бози зиндагӣ болу парам биканд,
Сайёди марг бе ғами тиру камон, биё.
Мардум ба ҷустуҷӯи зару молу сарватанд,
Бе ҷустуҷӯи зар шудаам зарфишон, биё.
Моро шаҳиди ишқи ту гуфтанд, рост аст,
Қурбони ишқи хеш бубинӣ равон, биё.

**Башорати ваҳдат**

Ваҳдат, бидон, башорати субҳи саодат аст,
Пиндори нек ҳам зи саодат башорат аст.
Гар эътимод нест ба ҳам-зиндагӣ хароб,
Ҳар ҷо, ки эътимод набошад, адоват аст.
Ҳар сарвате, ки ҷамъ шавад бо ҳазор ранҷ,
Бе амну эътимод ба чанголи ғорат аст.
Ҳар ҷо, ки ҳаст амну адолат, сафо дар ӯст,
Ҳар ҷо сафои ақлу дил он ҷо иморат аст.
Эй ҷони ман, зи ҷодаи сулҳу вафо бирав,
К-он бар муроди раҳрави оқил ишорат аст.

**Баҳори нав**

Омад баҳори нав боз, ёрон,
Гулпӯш ҳар ҷо аз лолазорон.
Шуд шӯхтар боз аз лутфи найсон
Оби равон ҳам дар ҷӯйборон.
Боди баҳорӣ дар рақс орад
Ҳар сабзаеро дар сабзазорон.
Тӯри арӯсӣ пӯшид бар сар
Бодом имрӯз, эй интизорон.
Фасли гулу май-вақти арӯсист,
Ҳангома созед, эй дӯстдорон.
Кайфияте хуш бахшад ба ҳар кас
Савту наво ҳам аз обшорон.
Ризқи азазон гардад фаровон
Аз муғча маълум дар шохсорон.
Наврӯз омад бар кишвари мо,
Бодо муборак, эй ҳамдиёрон!

**Ёди ту**

Имшаб ба сарам ёди ту меҳмони азиз аст,
Чун нуқлу наботе, ки ба ҳар хони азиз аст.
Ҷонро, ки зи аҳди шаби васли ту баҳорест,
Дилро тараб аз меҳри ту паймони азиз аст.
Чашми ту, ки ҷавлонгаҳи сад нозу карашмаст,
Абрӯи ту пайваста нигаҳбони азиз аст.
Дар ҳасрати лаъли ту, ки эъҷози Масеҳост,
Сад куштаи ҳаҷрат зи паи ҷони азиз аст.
Овози равонпарвару ғулғулфикани ту
Чун булбули хушлаҳҷаву хушхони азиз аст.
Аз ҳаҷри туву шавқи ҷамоли ту ба сина
Дардест, ки дидори ту дармони азиз аст.

**Ёди зодгоҳ**

Дӯстон, бар зодгоҳи хештан боз омадам,
Ҷони аз тан рафтае будам, ба тан боз омадам.
На, на, ман тан будаму ҷонам дар ин ҷо монда буд,
Бар суроғи ҷони худ бар Истаравшан омадам.
Кардаам бар Шарқу Ғарби ин ҷаҳон парвозҳо,
Ҳамчу бози рафта бар кӯҳу даман боз омадам.
Будам андар анҷуманҳои ҷаҳонӣ борҳо,
Гашта пазмони диёру анҷуман боз омадам.
Гарчи гулҳо дидаму гулбоғҳои мӯҳташам,
Бо хаёли гулрухи гулпираҳан боз омадам.
Дил ба доми нозанинони ҷаҳон моил нашуд,
Бо суроғи дилбари ширинсухан боз омадам.
Шаҳри ман як гӯшаи ҷаннатнишони тоҷикон,
Эй хушо, бар гӯшаи сабзи Ватан боз омадам.
Омадам, таъзим то орам ба рӯҳи Ҷавҳарӣ,
То бичинам гавҳар аз баҳри сухан, боз омадам.

**Баҳори дӯстӣ**

Тоҷикистон гул ба сар шуд аз баҳори дӯстӣ,
Аз баҳори файзбори беғубори дӯстӣ.
Ҳар гулеро рангу бӯй аз меҳрубониҳои ёр,
Ғунча хандад аз насими ифтихори дӯстӣ.
Чашмаҳои шӯху соф аз кӯҳсорон меравaнд,
Ҳар куҷо ҷорист аз кӯҳ обшори дӯстӣ.
Тифлакон дар ҷашнҳо бо ханда бар ҳар дар раванд,
Туҳфа мехоҳанд андар кӯлбори дӯстӣ.
Рӯдро тобеъ кунад,эъмор созад кохи нур,
Мекашад аз об оташ иқтидори дӯстӣ.
Ҳар касе бар дӯстии халқҳо монеъ шавад,
Мешавад беобрӯ аз эътибори дӯстӣ.
Ташнагони сулҳро оби муҳаббат медиҳад
Шеъри Турсунзода ҳамчун чашмасори дӯстӣ.

**Нанги ҷаҳон**

Ин ҷаҳон аз бетамизӣ нанг дорад бештар,
Кохи даврон аз ситам авранг дорад бештар

Мардуми чашм аз хиҷолат парда дар худ кардааст,
Боли парвози нигаҳ шабранг дорад бештар.
Синаҳои воизон зарфи кудурат гаштааст,
Сар ба ҷои маънавият банг дорад бештар.
Носипосон қадри сулҳи мо чу камтар мекунанд,
Назди эшон қадру рафъат ҷанг дорад бештар.
Бастаанд аз баски роҳи пешрафти илмро
Ақл парвози фазои танг дорад бештар.
Сози навмедӣ танинандоз дар ҳар кишваре,
Марг дар ҳар гӯшае оҳанг дорад бештар.
Ҷавҳари оинаҳои пандомӯзони халқ
Аз ғубори худпарастӣ занг дорад бештар.
Зарфишон дарёи мову зарбарон бегонагон,
Баҳраи мо сарнавишт аз санг дорад бештар.
Мешавад иқлим дигар, қораҳо дар зери об,
Ханда бар инсон кунун харчанг дорад бештар.
Пардадори рози ҳастиро, надонам, укда чист?
Ҳалли мушкил бо туфангу танк дорад бештар.

## Ёди деҳа

Шаҳрӣ шудем, аммо дар дил ҳавои деҳа,
Дил гум занад ҳамеша бар кӯчаҳои деҳа.
Дар боми пасти лоин, дар рӯи суфаву кат
Шабҳо ситора буду афсонаҳои деҳа.
Эй хуш, ки медавидем дар байни боғу гулҳо,
Мафтуни гул будему парвонаҳои деҳа.
Чун чӯҷаи уқобон пар мезадем бебок,
Аз ёлае ба ёла, бар шонаҳои деҳа.
Оши ҳалол мегуфт ҳар субҳ подабонаш,
Нон бурда медавидем то подаҷоҳи деҳа.
Бинам ғубори дуди мошин ба шаҳр, орад
Дар ёд подаҳою пурчанг роҳи деҳа.

## Ба **ҳамдеҳагон**

( Ба ёдбуди рафиқони ҳамдеҳаам Абдувоҳид Абдуғаффоров ва Тилло Саидов)

Салом, эй дӯстон, ҳамдеҳагони меҳрубони ман,
Дар ин дунёи ноором, ороми равони ман.
Дилам гум мезанад бар хонаҳои ошнои деҳ,
Ки дар овони тифлӣ бомҳо буд ошёни ман.
Ба ман ин бомҳо буданд ҷои сайргоҳи хуш,
Баҳорон лолазори орзуҳои ҷавони ман.
Ҷаҳиданҳо зи боми паст бар боми баланде буд,
Ба мисли зинаҳои осмон андар гумони ман.
Зи рӯи бомҳо гӯё ба ман наздиктар мешуд,
Маҳу хуршеду ахтарҳову «Роҳи Каҳкашон»-и ман.
Писаргумкардаҳо дар ҷанг модарҳо ба ахтарҳо
Ҳамегуфтанд:- Ку он посбони хонадони ман?
Ғаму шодии мо пайванд бо рӯзу шаби деҳ буд,
Ба тӯяш хандаву дар мотамаш оҳу фиғони ман.
Ба дил меҳри Шумо, дар ёд дидори Шумо бошад,
Набошам дур ҳаргиз аз Шумо, ҳамдеҳагони ман.
15. 07. 2011

**Қадри Ватан**

Ҳар лаҳза умр мегузарад, гирудор чист?
Аз мо нишон намонад агар, рӯзгор чист?
Ҳар дам ғанимат аст, бигӯянд воизон,
Зоеъ кунанд умр, сухан бину кор чист?
Ҳар миллате барои рифоҳаш ба ҷустуҷӯст,
Моро дар ин миёна сукуту қарор чист?
Масҷид пур аст з-аҳли ибодат, хушем аз ин,
Мактаб чу холӣ гашт, дигар ибтикор чист?
Якчанд кори неку бузурге накардаанд,
Гӯри калон харанд ба худ, ин мазор чист?
Шӯҳратгадо шуданду ватан тарк кардаанд,
Пас маънии муҳаббати халқу диёр чист?
Бо дарду хандаҳои Ватан зиндаем мо,
Донистаем з-ин ду сухан нангу ор чист!

**Тоҷику эронӣ**

Мо ду халқему ду кишвар, ду бародар ҳастем,
Ҳамчу ду шамъи фурӯзандаи ховар ҳастем.
Дини мо як. дили мо як, ба забон низ якем,
Ду бародар, ки зи як хонаи модар ҳастем.
Кӯшише кард адӯ баҳри ҷудоӣ, лекин
Боз пайванди ҳаму додару хоҳар ҳастем.
Дар раҳи васли ману ту чи басо фитна бирехт,
Эй хуш имрӯз, ки дар минбари бовар ҳастем.
Ҷоми чашмам зи маи васли ту лабрез имрӯз,
Давлате ҳаст, ки маст аз маю соғар ҳастем.
Ин ғазал ҳадяи наврӯзии ман бод ба ту,
Ки ба майдони вафо ҳамсафу сангар ҳастем.

**Оқибат**

Пора шуд чун пардаи рангини пиндор оқибат,
Аз хиҷолат бо арақ шустем рухсор оқибат.
Тоқати дине, ки зоҳид дошт моро нест, нест,
Бурд ин мазҳаб ба сӯи кӯи хаммор оқибат.
Саҷда дар меҳроби ҳамкешон хаёлу хоб буд,
Бурд дил бар хонақоҳи ринди бедор оқибат.
Мақсадам ҳосил нашуд аз масҷиду аҳли риё,
Ҳам накардам интихоби дайру зуннор оқибат.
Баски тӯмори таассуб баст дар бозуи хеш,
Алғараз гаштам зи дину куфр безор оқибат.
Он чи аз доираи ҳастӣ нишон ҷустем мо,
Таркиши як нуқта дил будаст ночор оқибат.
Ишқ кайҳонро фиреби ҷазб додаст ончунон,
Нурро ҳам мекашад бар қулзуми тор оқибат.

**Ҳамсинфҳо**
(ба муносибати 50-солоагии хатми мактаби миёна)

Шодам аз дидоратон, ҳамсолҳо,ҳамсинфҳо.

Дӯстони софу беғаш, бовафо ҳамсинфҳо.
Зиндагонӣ кард моро гарчи чун соҳил ҷудо,
Дил вале ҳаргиз набуд аз ҳам ҷудо, ҳамсинфҳо.
Шуд яке духтур, дигар ронанда, сеюм инженер,
Чорумӣ омӯзгори раҳкушо, ҳамсинфҳо.
Шуд яке олим, дигар тоҷиру он як роҳбар,
Ҳар кӣ шуд дар соҳае мушкилкушо, ҳамсинфҳо.
Алғараз, ҳар кас мақоме ёфт андар рӯзгор,
Баски шуд панди муаллим раҳнамо, ҳамсинфҳо.
Иддае рафтанд аз дунё, валекин рӯҳашон
Чун кабӯтар пар занад дар ёдҳо, ҳамсинфҳо.
Ҳар касеро ахтаре гар тофт андар зиндагӣ,
Хуб буд оғози он парвозҳо, ҳамсинфҳо.
Духтарони гулрухи хандонлаби он рӯзҳо
Дилҷавонанду ҳанӯзам дилрабо, ҳамсинфҳо.
Эй азизон, боз панҷоҳи дигар бедарду доғ
Умри хуш бинед, хоҳам аз Худо, ҳамсинфҳо.
Истаравшан. 13 июни соли 2009

**Диёри ваҳдат**

Шуд кишвари мо диёри ваҳдат,
Сарсабз шуд аз баҳори ваҳдат.
Гулпӯш шудаст хонаву дар
Чун атласи гулузори ваҳдат.
Ҳар чашма, ки сӯи руд ҷорист,
Оинаи беғубори ваҳдат.
Ҳар кӯчаи шаҳру деҳ музайян
Аз парчами ифтихори ваҳдат.
Ҳар шоҳсутуни пойтахт аст
Чун бозуи иқтидори ваҳдат.
Эй ёр, биё ба рағми ағёр,
Як умр шавем ёри ваҳдат.
Хушбахт шавад ҷавони ошиқ
Дар оғуши бахтёри ваҳдат.

**Ваҳдатобод**

Ваҳдатободи азизон Тоҷикистони ман аст,
Сарфароз аз илму ирфон Тоҷикистони ман аст.
Чун падарҳо ҷон нисор аз баҳри ваҳдат кардаанд,
Ин муқаддас тӯҳфа чун ҷон Тоҷикистони ман аст.
Обҳои ҷонфизо аз кӯҳҳо ҷорӣ шаванд,
Чашмаҳои меҳри ҷӯшон Тоҷикистони ман аст.

**Муборак бод мегӯям**[5]

Туӣ имрӯзу ҳам фардо, муборак бод, мегӯям.
Ба ҳар шеъри ту салламно, муборак бод, мегӯям.
Дар ин дунёи пурлағзиш, ки виҷдон нолаҳо дорад,
Туӣ имони побарҷо, муборак бод, мегӯям.

[5] Ба Фарзонабонуи азиз, ки китоби «Себарга»-и зебои худро бо меҳрубонӣ ирсол карда буданд, ин чанд мисраъ ба хулуси ният ва ибрози сипос иншо шуд.

Бурокҳи шеър агар меъроҷ дорад бо сафои дил,
Савори он туӣ танҳо, муборак бод, мегӯям.
Сухан чун Каъбаву аз чор сӯяш саҷда меоранд,
Ба ин се ҳарфи пурмаъно, муборак бод, мегӯям.
Дили «Себарга»-ат саршор чун аз лаъли руммонист,
Аё минои истиғно, муборак бод, мегӯям.

15 июли соли 2011
**************

Чатри гул бар сар кашад боғи муроди мову ту,
Ишқ агар покиза бошад дар ниҳоди мову ту.
Мӯр ҳам бори бузурги зиндагиро мекашад,
Мебарад бори вафо дилҳои шоди мову ту.
Пойдорӣ дар вафо аз кӯҳсор омӯхтем,
То садоқат шуд шиори умрбоди мову ту.
Орузҳои ҷавонӣ ҳам чи зебо будаанд,
Нақши худ бастанд андар эътиқоди мову ту.

**Тазмин ба ғазали устод Турсунзода**

Нигорам чун баҳорон бо лаби пурханда меояд,
Чу хуршеди саҳар бо чеҳраи рахшанда меояд.
Рақиби фитнагар чанде варо аз ман ҷудо бинмуд,
Ба рағми душманон дар аҳди худ поянда меояд.
Насими навбаҳорон муждаи ишқу вафо овард
Ситезу кинаҳои хештан афканда меояд.
Кушоям оғуши пурмеҳрро бар пешвози ӯ,
Ки бо меҳру муҳаббат сӯи ман боланда меояд.
Музайян мешавад аз нури ваҳдат хонаи ошиқ,
Рақиби нотавон чун сояи шарманда меояд.
Зи чашмон гавҳари шодӣ фишонад модари тоҷик,
Ки фарзандаш чу соҳибхонаи арзанда меояд.
6 июли соли1997, ш.Маскав-«Президент-Отел»

*********

Тоҷикистони азизам, шуд фазоят беғубор,
Мерасад бар гӯш ҷои тир савти обшор.
Аз зиёи меҳру ишқу барқи чашми дилбарон
Мешавад равшан ҳама гулгаштҳо дар шоми тор.
Мурғи уммеду фараҳ аз нав гузорад ошён
Дар дили афсурда ҳамчун булбулон дар шохсор.
Бораҳои хонаҳои шаҳр нурафшон шаванд
Аз табассумҳои хуршеди саҳархези диёр.
Кӯдакон бо шодмонӣ сӯи мактаб раҳсипор
Ҳамчу гунҷишкони болафшону шӯху беқарор.
Медурахшад меҳру шафқат аз нигоҳи хосу ом,
Ком ҳам ширин шавад аз илтизози рӯзгор.
Чуғзи навмедӣ кунад парвоз бар сӯи адам,
Ҷилва созад мурғи бахт андар фазои ифтихор.
Рӯҳи Турсунзода меояд дар ин базми тараб
Сулҳро табрик гӯяд шоири ваҳдатшиор.
21 марти соли1998
*************

Дӯстон, бар зиндагӣ ҳар субҳу шом ошиқ шавед.
Бар нигоҳи дилбарони хушхиром ошиқ шавед.

Чун насими субҳи наврӯзӣ фараҳхез аст дил,
Эй ҳарифон, май кашед, акнун ба ҷом ошиқ шавед.
То арӯси орзӯ бо ноз ояд дар канор,
Бар нигори бовафои некном ошиқ шавед.
Дар бари кӯҳед ё дар домани гулгашти шаҳр,
Ҳар куҷо ҳастед, дар ҳар як мақом ошиқ шавед.
Хешро озод бинмоед аз кину ситез,
Бо диле оинаваш, бо нангу ном ошиқ шавед.
Талхии ҳиҷрон нагардад то ба коми дил қарин
Бар ҷамоли дилбари ширинкалом ошиқ шавед.
Шеъри Турсунзодаро хонед дар рӯзи висол,
Бо дили саршори меҳру эҳтиром ошиқ шавед.
сентябри соли1997, ш.Душанбе,меҳмонхонаи «Вахш»

*******************

**Тазмин ба шеъри Шаҳриёр**

Афтодам аз назораи чашмони ёр ҳам,
Бечора дил шудаст ба ночору чор ҳам.
Тӯфони ғам сафинаи шодӣ шикаста кард,
Эй соҳили мурод, наёӣ ба кор ҳам.
Рафт он замон, ки бахт дар оғӯш мекашид,
Дигар намонд хоҳиши бӯсу канор ҳам.
Умрам ба ҳарза рафт паи ваъдаҳои ёр,
Ку умри дигаре, ки кашам интизор ҳам?
Тухми вафову сулҳ чу парвардам , аз чи рӯ
Омад низову ҷанг зи парвардигор ҳам.
Эй Ҳофизи азиз, бигӯ, фоли бад зи кист?
Эрон чудо шуд аз ману эронтабор ҳам.
Шӯри қиёмат омадаву пардаҳо дарид,
Дорам шикоят аз худу аз пардадор ҳам.
Тар кардаам ба хуни сиришкам қалам кунун,
Азбаски хунталаб шуда ин рӯзгор ҳам.
Дар ҳайратам, ки бар сари тоҷики бегунаҳ
Ҳамсоя санг мезанаду раҳгузор ҳам.
Ин ҷо шиносномаи дин гаштааст риш,
Аз тарс кӯса ришталабу ришдор ҳам.
Аз мавъизат гирифт дилам, майли бода кард,
Лекин намондааст маю майгусор ҳам.
Аъмоли бад ҳавола ба тақдир мекунанд.
Аз ҷабр хаста гштаму аз ихтёр ҳам.
Ин ҳам ҷавоби Соя, ки бар Шаҳриёр гуфт:
«Аз шаҳр шиква дораму аз Шаҳриёр ҳам.»[6]
Октябри соли 1992
***********

Чист ҳастӣ? Хешро афрӯхтан,
Лахта-лахта хуни худро рехтан.
Дигаронро шод кардан ҳамчу субҳ,
Бо ғами дунё чу шаб омехтан.
Баҳри гавҳар мавҷҳоро бохтан.
Баҳри доне хирманеро бехтан.
Нахли сабзи умрро дар кӯраи
Нафс баҳри мурдани худ сӯхтан.

[6] Ишора ба мисраи шоири Эрон Соя. ки ба он Шаҳриёр ғазал сохта буд.

Оқибат бо сӯзани мижгони хеш
Бар нигоҳи худ кафанро дӯхтан.
23.11.2012
*****************

**Ба Зулфия Атоӣ**
ки бо соядаст «Девони зулф»-и худро тақдим карда буд.

Мекашад аз домани дил ҳар замон девони Зулф.
Сеҳр дорад ҳамчу ҳусни дилбарон девони Зулф.
Гарчи дорад нолаҳо аз ҳаҷри ҷонон бештар,
Лек уммеди висоли ошиқон девони Зулф.
Медиҳад дарси вафо дар рӯзгори бевафо,
Ин қадар маънӣ ба худ дорад ниҳон девони Зулф.
Ҳамчу дарё дар хурӯшу ҳамчу кӯҳ аст устувор,
Ҳамчу оби чашмаҳо софу равон девони Зулф.
Ҳамчу зулфони шикан андар шикан дорад ғазал,
Байтҳои ҳамчу теғи абрувон девони Зулф.
Боғи гулҳоро таҷассум мекунад ҳамчун баҳор,
Рангҳо дорад чу гул рангинкамон девони Зулф.
Ишқро дар пардаи лафзи накӯ мепарварад,
Пирро ошиқ кунад ҳамчун ҷавон девони Зулф.

*****************
Имшаб набурд хоб, вуҷудам хароб буд,
Чун мӯ дар оташе, ки ҳама печутоб буд.
Роҳи нафас гирифта чу нои ҳанӯз хом,
Фарёд дар гулӯ гираҳи инқилоб буд.
Кардам ҳисоб умри ба беҳуда рафтаро,
Эй вой, умри бесамарам беҳисоб буд.
Ҳар оҳи рафта лахтае аз ҷон ҳамерабуд,
Ҳар нолае барои азимат хитоб буд.
Аз худ суол кардам, аз ин зиндагӣ чӣ суд?
Дил метапиду масъалатам беҷавоб буд.
15.10.2012
**Сарҳад**

Зи умри рафта, чӣ гӯям, ки пурмалол гузашт.
Дар орзуи шакархандаи висол гузашт.
Чу аз қаламрави ёри азиз дур шудам,
Чи донад ӯ, ки маро умр дар чӣ ҳол гузашт.
Ҳанӯз заҳри ҷудоӣ ба коми ман резад,
Чи фитнаҳо зи рақибони бадсигол гузашт.
Шабони ҳаҷр чи мушкил буванду тӯлонӣ,
Чи шаб, ки ҳамчу маҳу моҳи ман чу сол гузашт.
Ғами ҷудоию симхорҳои ҳавлангез,
Чи сарҳадест, ки аз ҳадди эътидол гузашт.
На раҳму шафқати бемору ошиқу маъшуқ,
Чунин муомила ҳаргиз на аз хаёл гузашт.
Чи хуш бувад, ки расад муждае зи ҳотифи ғайб,
Ки сад шикаста шуду давраи малол гузашт.
25.08.2012
**Ба ёри бадахшонӣ**

Дилбари бадахшонӣ, ман фидои чашмонат,

Сеҳри рақси мавзунат, кокулони печонат.
Гар ту чарх мегардӣ. мешавад фалак ҳайрон
З-остини пурнақшат, давргарди домонат.
Аз лабони майгунат ҳар сухан, ки меояд,
Нашъа медиҳад чун май бар вуҷуди меҳмонат.
Аз нигоҳи пурмеҳрат дар дилам шарар резад,
Бо шарори дил ҳар дам гаштаам ғазалхонат.
Аз лабони ширинат лафзи меҳр меборад.
Чун суруди ҷонбахши чашмаи Бадахшонат.
Як ҷаҳон бишуд ошиқ бар ту, нозанини Шарқ,
Ман валек танҳоям дар вафову паймонат.
*******************

Чатри гул бар сар кашад боғи муроди мову ту,
Ишқ агар покиза бошад дар ниҳоди мову ту.
Мӯр ҳам бо азм бори зиндагиро мекашад,
Мебарад бори гарон дилҳои шоди мову ту.
Пойдорӣ дар вафо аз кӯҳсор омӯхтем,
То садоқат шуд шиори умрбоди мову ту.
Орзуҳои ҷавонӣ ҳам чи зебо будаанд,
Нақши худ бастанд андар эътиқоди мову ту.

**Ба Абдуфаттоҳ Кулолӣ**

Хондам ба шавқ шеъри пур аз ҳикмати туро,
Андеша орифонаву феъли чу порсо.
Аз ҳиммати баланд қаноат гузидаӣ
Дар гӯшае, ки нест варо сояи риё.
Аз ҷавҳараш таҷаллии ваҳдат кунад зуҳур,
Аз оризаш лавомеи ҳар гуна дар ҷило.
Нӯш аст он сухан, ки ту мегӯӣ аз Худо.
Неш аст, ҳар сухан, ки ту мегӯӣ бо ҳиҷо.
Шод аст рӯҳи Боқӣ зи васфе, ки кардаӣ,
Мирзои чирадаст зи ихлоси ту ризо.
Кардам ишорате ба назокат ба Меҳмон:
«Танҳо аз иттифоқ шавад бахт бобақо.
Хом аст кӯзаҳои адаб бе гили накӯ,
Онро Кулоли хуб кунад пухтаю расо».
Умрат дароз боду дилат шоду ҷом пур,
Ҳар ҳоҷате, ки дорӣ, Худо созадат раво.
Бар файласуф, ки таъна задӣ, кори хуб нест,
Таҳқири ақл аз каси фарзонае чаро?
Хоҳам, ки аз китоби муқаддас-Авесто
Зартушт ояте ба ту хонад зи «Ваззуҳо».
Ту ҳоҷие, ки хонаи Аллоҳ рафтаӣ,
Дар ҷустуҷӯи хонахудоям дар ин саро.
Онро, ки қуллахои баланд аст дар Ватан,
Ҳам кони лаъл,санги сияҳ нест муддао.
Дил ҷустуҷӯ намудаму ин Каъбаи бузург
Оташгаҳест, хонаи ҷонону ҳам худо.
Фурсат агар ки даст диҳад, по ба роҳ дор,
Боре ба шаҳри даври ҷавонии худ биё.
Душанбе, июли соли 2007

**Дӯстӣ**

Ҳар куҷо ки решаҳо дорад ниҳоли дӯстӣ,
Мешавад сарсабзу зебо аз ҷамоли дӯстӣ.
Борҳо хондем аз таъриху дидам дар ҳаёт
Инҳидоми қавмҳо аз инфиоли дӯстӣ.
Кохи он давлат бақо дорад, агар бигзоштанд
Дар асосаш хиштҳои безаволи дӯстӣ.
Эй ҷавонони Ватан, уммеди сабзи тоҷикон,
Парваред андар замири худ хисоли дӯстӣ.
Мерасад бар авҷи иззат, ҳар кӣ парвозе кунад
Дар фазои синаҳои софу боли дӯстӣ.
Боиси бахти сиёҳи мардумон донӣ, ки чист?
Дур аз сар кардаанд онҳо хаёли дӯстӣ.
Асрҳо бигзашт андар корзори хоку хун,
Асрҳо минбаъд бодо асру соли дӯстӣ!
То шавад хушбахт насли одамӣ андар ҷаҳон
Дарсҳо бояд паёпай аз ҷалоли дӯстӣ.

*************

Шабе дар хоб дидам,ҷони ман, рӯи чу моҳи ту,
Дар оғӯшам чу будӣ, бӯсаборон шуд гувоҳи ту.
Лабони нозукат чун ғунчаи садбарги тар хандид,
Ба дил оташ ҳамеандохт чашмони сиёҳи ту.
Камони абрувонат тирборон кард ҷонамро,
Чи хуш гуфтӣ, ки ин ҷо ҳаст ҷои сайдгоҳи ту.
Чу зулфи ҳамчу морат ҳалқа зад бар гарданам боре,
Бигуфтӣ: «Ишқ ганҷу мори ман пушту паноҳи ту».
Чу мижгон боз мекардӣ, нигоҳат фитна меангехт,
Ду чашмат соғари май буду ман маст аз нигоҳи ту.
Ту соқӣ будӣ дар ин базми васлу шоми маҳтобӣ,
Мани сармаст дар ин базм ҳар дам бӯсахоҳи ту.
24 сентябри соли 2011

**Ғафлати умр**

Зи бас дар зиндагонӣ гардсон дар панҷаи бодам,
Гаҳу ногоҳ умри рафта меорад ба фарёдам.
Хазон дар парда фаслу сол дорад, ман зи нодонӣ
Ба рангу бӯи гул чун булбули масти ҳавас шодам.
Ба сони ҳалқа дар занҷири доми даҳр побандам,
Валекин аз садои ҳалқа пиндорам, ки озодам.
Маро аз иттиҳоди чор унсур чун бувад ҳастӣ,
Ба андак ғафлате канданд ин аздод бунёдам.
Маро аз кӯҳи ғам кай ком ширин мешавад, эй дил,
Магар аз санг ҳосил мешавад мақсуди Фарҳодам?
Ҳуҷуми дарду яъси зиндагӣ вайрон кунад охир
Бинои ҳастие, к-аз меҳри дил карданд ободам.
Агар сабру таҳаммул бор васли ёр меорад,
Ҳамин кори накӯ шуд пешаам аз дарси устодам.
Ҷаҳон аз интизоми адл мехоҳад шавад берун,
Магар парвардигори дод дорад майли бедодам?
Чу аз ҳимматбаландӣ ман талоқи нафсро додам,
Арӯси гӯшаи мулки қаноат кард домодам.

*********************

Хуш бош Ватан, толеъу даврони ту омад.
Айёми шукуфои гулистони ту омад.
Наврӯз ҷаҳонӣ шуду омад ба суроғат,
Хандон бишав, эй гул, ки баҳорони ту омад.
Эй ошиқи ранҷур зи ҳиҷрону ғами ёр,
Ҳаҷри ту ба сар омаду дармони ту омад.
Омад хабари васл, бидеҳ мужда Вароруд,
К-он ёр зи Эрону Хуросони ту омад.
Эй тан, ки будӣ хаста зи осеби ҷудоӣ ,
Пайвандгари рӯҳу дилу ҷони ту омад.
Эй миллати эҷодгару ҳомии Наврӯз,
Табъи мани болида ғазалхони ту омад.
15 марти соли 2010

**МУНОҶОТ**

Бидеҳ бар дардҳо дармон, Худоё.
Ба ранҷи ранҷбар поён, Худоё.
Зи номардӣ ҷаҳон андар азоб аст,
Бидеҳ мардӣ ба номардон.ю Худоё.
Ба дилҳое, ки холӣ аз муҳаббат,
Бубахшо ишқи пуртуғён, Худоё.
Ҷаҳон сард аст аз бемеҳрии мо,
Зи меҳрат гармие бар ҷон, Худоё.
Ба ҳар сӯ халқ аз даҳшат гурезон.
Бидеҳ ором бар инсон, Худоё.
Зи макри ғарбиён то чанд бошад
Диёри шарқиён вайрон, Худоё?
Мусалмон ғарқи гирдоби таассуб,
К-аз он ислом дар нисён, Худоё.
Зи исломи дурӯғин хаста гаштам,
Намо роҳе ба ҳақпӯён, Худоё.
Ба ваҳдат сидқ варзидам ,ба ман шуд
Якӣ ислому ҳам имон , Худоё.
17 марти соли 2012
*****************

Боз Наврӯз ба кӯҳсору даман омадааст,
Қолии сабзаву гул зеби чаман омадааст.
Ёр бар абруи худ вусма кашидаст ба ноз,
Нигаҳаш бар дили мо тирфикан омадааст.
Лаби ҷонпарвараш аз ҷоми маи лаълсифат
Бӯсаҳо карда зи мастӣ ба сухан омадааст.
Фарши гулкории зебои замин ҳамчу ҳино
Аз хиромаш ба тамошову фитан омадааст.
Бахти наврӯзӣ дар ин фасли наҷибонаву ишқ
Тӯҳфа гӯё зи фалак сӯи Ватан омадааст.
Субҳи 18 марти соли 2012
******************

Сад варақ нолаву чун ғунча хамӯшам, ё раб,
Бори сад қофила ғам ҳаст ба дӯшам, ё раб.
Зоҳидон фитнаву найранг хамӯшона кунанд,
Расми риндон кунам эҳёву хурӯшам, ё раб.
Туӣ ғуфрону бипӯшонӣ ҳама айби маро,

Хирқаи макру риё ҳеҷ напӯшам, ё раб.
Аҳли тақво, ки ба пинҳонӣ маи ноб хуранд,
Ман басе содааму фош бинӯшам, ё раб.
Оташи тези ҷаҳолат, ки «Аналҳақ»-ро сӯхт,
Аз таҳи дор расад боз ба гӯшам, ё раб.
Аҳли тазвир наям бо сари савдоии хеш,
Ки каломи ту ба ҳар гӯша фурӯшам, ё раб.

******************

Чун сипанд аз доғи ғам мушти фиғон гардидаам,
Ноларо ҳамчун дили най ошён гардидаам.
То ки афтодам зи чашми ёр аз дасти рақиб,
Ҷавҳари ҳақ будаму арзи гумон гардидаам.
Лутф меболид ҳамчун шабнам аз ҳар субҳи ман,
Чун ғубори ваҳшати шоми гарон гардидаам.
Шохи сабзе дар баҳори зиндагонӣ доштам,
Барги зарди қосиди фасли хазон гардидаам.
Шӯълаи тобони шамъе будам андар маҳфиле,
Тирафонуси хаёли бангиён гардидаам.
Ахтари тобандаам дар осмони бахт буд,
Осмон гум карда нақши остон гардидаам.
То набинам, эй дило, дар хун тапиданҳои ту
Чун нигаҳ дар пардаи мижгон ниҳон гардидаам.

****************

Аз ин замонаи бебандубор метарсам,
Зи шамъҳои хамӯши мазор метарсам.
Чу хонаҳо ба сукути шабона ғарқ шаванд,
Зи кӯчаҳои шабаҳзои тор метарсам.
Мусофире ба сари роҳ бо хаёл нишаст,
Мабод то ба саҳар интизор, метарсам.
Чу субҳ боз кунад дидаҳо ба теғи шафақ,
Зи чашми хунталаби рӯзгор метарсам.
Намонд бода дигар дар дили сурохии мо,
Намонд чора ба рафъи хумор, метарсам.
Дилам чу оина равшан зи рӯи ёре буд,
Шикаст оина аз ҳаҷри ёр, метарсам.
Маи соли 1992
*******************

**Сабақи ҳаёт**
**Эҳдо ба Тағай Раҳмонов**
Чанд ношукре ба ман шукри Ватан омӯхтанд,
Чанд хокистарниҳоде сӯхтан омӯхтанд.
Ҳарзагӯёне, ки аз меҳру вафо гап мезананд,
Бо ҳама лакнатзабониҳо сухан омӯхтанд.
Оташандозоне андар хирману гулзори халқ
Сабз карданҳои майдону чаман омӯхтанд.
Чанд тан вобастагони суфраи бегонагон
Дар Ватан бо сарбаландӣ зистан омӯхтанд.
Чанд маккоре, ки мардумро ба чоҳ афкандаанд,
Шеваи озодӣ аз чоҳу расан омӯхтанд.
Шайтанатпарвардагони иншиобандози халқ
Ҷоннисорӣ дар раҳи ваҳдат ба ман омӯхтанд.

Муфтшӯҳратхостороне, ки хунҳо рехтанд,
Парчами сулҳи Ватан афроштан омӯхтанд.

**Дилҳои ҷавон**

Гоҳ дар пирӣ ҷавонӣ мекунем,
Ронда ғамро шодмонӣ мекунем.
Ин ҷаҳон ҳамчун сабӯи орзуст,
К-аз маи он зиндагонӣ мекунем.
Ошкоро ишқ меварзем, боз
Тавба дар шабҳо иниҳонӣ мекунем.
Ҳар кӣ бо мо некие дорад раво,
Мо як умре меҳрубонӣ мекунем.
Мо, ки шири тоҷикӣ нӯшидаем,
Бо ҳама ширинзабонӣ мекунем.
То бузургони сухан дорем мо,
Машқи умри ҷовидонӣ мекунем.

**Баҳор**
Чи субҳи дилнишин имрӯз, файзи рӯзгор омад,
Зи равзан нури хуршед омаду аз дар нигор омад.
Ба сози дигаре мурғони хушовоз мехонанд,
Садои ҳамсароён аз театри шохсор омад.
Кабӯтарҳо муаллақ мезананд андар фазо бо шавқ,
Табиат коргардони балети навбаҳор омад.
Сари ҳар гул қадаҳворею пур аз бодаи шабнам,
Насими субҳ дар базми сабӯҳӣ майгусор омад.
Зи меҳробу манори кӯҳсорон рӯд мастона
Суи водӣ ба зикру саҷдаҳои обшор омад.
Дили ман аз висоли ёру зебоии кӯҳистон
Чу кабки маст вассофи баҳорони диёр омад.

**Ба Турсунпӯлод Аминҷонов**

Диле дорӣ, ки беғаш ҳамчу оби чашмасорон аст.
Муҳаббат дар ниҳодат мавҷзан чун обшорон аст.
Туро дар меҳрубонию рафоқат нест ҳамтое,
Аминӣ, дар вуҷудат ҷавҳари зотии виҷдон аст.
Таҳаммул обутобе дода андар кӯраи ибрат.
Чу шамшере, ки обе ёфта аз путку сандон аст.
Ба мисли шохи пурборе тавозӯъпешаи доим,
Туро ҳусни адаб мероси оини ниёкон аст.
Ба симову садо умри азизи хеш бахшидӣ,
Чу кори тарбият шоистаи инсони шоён аст.
Ба шеър оғоз кардӣ дер, лекин зуд паймудӣ
Раҳе, к-аз печу хамҳояш гузаштан ҳам на осон аст.
Ба шаст акнун расидӣ, гарчи кори ту на таъҷил аст,
Баҳори шасти ту гул кардаву табъат ғазалхон аст.
Бихоҳам шасти дигар, гавҳарат мавҷи сухан резад,
Ки дурри маънӣ дар батни садафҳои ту пинҳон аст.

**Эҳсоси нотакрор**

Шеър оини дили чобуксаворон будааст,
Ё раме аз гӯшаи чашми ғизолон будааст.

Тунд меояд гаҳе дар водии дил ногаҳон,
Беқарору мавҷзан сели хурӯшон будааст.
Ҳоли моро мекунад чун ишқ гаҳ зеру забар,
Як қалам эҳсоси нотакрори инсон будааст.
Гоҳ чун фавворае аз чашмаи меҳру вафо,
Гоҳ теғи синасӯзи барқи ҳиҷрон будааст.
Танг мегирад ҷунуномез гоҳе синаро,
Чун атои эзидӣ бар тангдастон будааст.
Гоҳ бахшад қудрате аз ҳиммати олӣ маро.
Мазҳари эҳсони ин дунёи имкон будааст.

**Нигори хуҷандӣ**

Шудам асири хироми ту, навниҳоли хуҷандӣ,
Каму зиёда надидам дар эътидоли хуҷандӣ.
Ба як сухан бибарад дил, чи шевае ё раб,
Шакар зиёда ниҳоданд дар мақоли хуҷандӣ?
Зи меҳрубонию одоби дилбарӣ ҳаргиз
Надидааст нигоре дилам мисоли хуҷандӣ.
На ҳар кӣ ҷуръати посух кунад дар он маҳфил,
Ба хандаҳои латифе шавад суоли хуҷандӣ.
Шаробу косаи чинӣ камэътибор шавад,
Агар чашидаӣ сиркое аз сафоли хуҷандӣ.
Ба нола ҳамчу ҳазорон ғазалсаро гардид,
Ба ёди ин чаману боғ ҳам Камоли Хуҷандӣ.
Илоҳӣ чашми бад аз манзари ту бошад дур,
Мабод рахнае дар шавкату ҷалоли хуҷандӣ.
Макун умеди раҳоӣ агар ки сайд шудӣ
Ба доми гесуву якдона холи хуҷандӣ.
Сухан дароз магӯ, чунки ғайри зулфи дароз
Ҳар он чи тӯл кашад, мешавад малоли хуҷандӣ.

**Илҳом**

Файзи субҳи баҳорро монӣ,
Нолаи обшорро монӣ.
Бигзарӣ зуд чун шиҳоб аз дил,
Ҷилваи як шарорро монӣ.
Чун ҳубобӣ ба рӯи мавҷи хаёл,
Дидаи интизорро монӣ.
Гаҳ фаромӯш мешавӣ чун ман,
Марди узлатшиорро монӣ.
Чун рами оҳувонию гӯё
Мани беихтиёрро монӣ.

**Сулҳ**

Хуш омадӣ бар диёри мо, сулҳ,
Зебоии рӯзгори мо, сулҳ.
Будем басе рамида аз ҷанг,
Ороми дилу қарори мо, сулҳ.
Чун хандаи поки тифлаконӣ

Андар рухи рӯзгори мо, сулҳ.
Орӣ ту навиди васли фарзанд
Бар модари интизори мо, сулҳ.
Аз кину ситез нотавонем,
Овардӣ ба тан модари мо, сулҳ.
Шуд коста оби рӯй аз ҷанг,
Афзуд ба эътибори мо, сулҳ.
Пурсанд, ки бо чӣ ноз дорем?
Гӯем, ки ифтихори мо сулҳ.
Дар парчами халқи мо навишта:
Набвад ба ҷуз аз шиори мо сулҳ.
Ободию бахти хонадонӣ,
Шаъну шарафу виқори мо сулҳ.
Лабрез намуда ҷом, баргӯй:
«Бодо ҳама умр ёри мо сулҳ!»
1997

**Субҳи Ваҳдат**

Муждаи тоза рӯзгор омад,
Ёр бо меҳр дар канор омад.
Хатм гардид ҷанги шайтонӣ,
Сулҳи раҳмонӣ устувор омад.
Шӯру ғавғову ҳою ҳу бигзашт,
Даври тамкину сабру кор омад.
Дӯст ояд ба хонаи тоҷик,
Душман аз сулҳ шармсор омад.
Аз гуноҳи ҳама гузар ту, Ватан,
Дил шуда пок аз ғубор омад.
Гар ту мардӣ, бишав ҳаётэҷод,
Ки силоҳи ту маргбор омад.
Шоми ҳиҷрони орзуҳо рафт,
Субҳи ваҳдат чӣ нурбор омад.
Сидкро пеша кун, дигар маситез,
Ки ба имони ту мадор омад.
Ҷоми саршор деҳ, ки дар ин рӯз
Табъи ман бас ғазалнисор омад.

**Тоҷикистони шод мехоҳад**

Халқ боз иттиҳод мехоҳад,
Гули боғи мурод мехоҳад.
Аз парешонӣ боли ӯ бишкаст,
Ваҳдати умрбод мехоҳад.
Аз ҷафоҳои ёр дилгир аст,
Ошиқи хаста дод мехоҳад.
Такягаҳгумнамуда заҳматкаш
Такяву эътимод мехоҳад.
Боз мансабпарасту ғоратгар
Як муҳити фасод мехоҳад.
Душмани пешрафти мулки азиз
Мамлакатро касод мехоҳад.
Халқи ваҳдатпарасту боимон
Тоҷикистони шод мехоҳад.

**Аз ваҳдат бувад**

Пешрафти миллати мову ту аз ваҳдат бувад,
Обрӯву иззати мову ту аз ваҳдат бувад.
Аз ҷудоӣ кай шавад ободд дастархони мо,
Издиёди сарвати мову ту аз ваҳдат бувад.
Кӯтаҳандешӣ барад бар шармсорӣ оқибат,
Рӯи сурхи ҳиммати мову ту аз ваҳдат бувад.
Душманам хоҳад низоъи Вахшу Кӯлобу Хуҷанд,
Дӯстию роҳати мову ту аз ваҳдат бувад.
Пора нанмо хоки моро, пора нонро бин ба ҳам,
Ғофил аз худ, шавкати мову ту аз ваҳдат бувад.
Хомтабъи дар сиёсат мавҳи истиқлолу бас,
Пухтагии давлати мову ту аз ваҳдат бувад.
Тарк кун майдони кину ой бар майдони меҳр,
Рафъи ҷумла ҳоҷати мову ту аз ваҳдат бувад.25 апрели 1992

*******************

Нагардад бе ғаму ҷон кандани кас пора нон пайдо,
Чи миқдоре шавад хун шир то дандон шавад пайдо.[7]
Ба зери чархи гардун ҳамчу дон дар осиё гардад,
Ки то як хушаи уммед бар деҳқон шавад пайдо.
Кашад ранҷи ниҳон бисёр соҳибхонаи оқил,
Ки як барги табассум бар лаби меҳмон шавад пайдо.
Барад бори гарони асрҳоро миллате бо худ,
Ки то як раҳбари боадлу бовиҷдон шавад пайдо.

**Муҷассамаи устод Айнӣ**

Қалам ба қадди камон гаштаам асои ман аст,
Нигоҳи сарди хамӯшонаам садои ман аст.
Агарчи маншаи мавлуди ман Бухоро буд,
Дар обу хоки Душанбе кунун бақои ман аст.
«Намуна»-ам ту агар хондаӣ, тааммул кун,
Ҳазорсола тамаддун чу ибтидои ман аст.
Касе, ки пок зи мафкураи маҳалбозист,
Шарики фикру набарди ман, ошнои ман аст.
Магӯ, ки рафтааму аз ғами Ватан дурам,
Шарора дар бағалам, санг гар қабои ман аст.
Аз «Инқилоби Бухоро»-и ман биҷӯ панде,
Ки шукри неъмати озодӣ муддаои ман аст.
Рақиб номи маро чун кашад хати бутлон,
Ки қалби халқи азизам ҳамеша ҷои ман аст?
Ситодаам шабу рӯзон ба поси Истиқлол,
Бақои ваҳдати миллат ҳама дуои ман аст.
Саре, ки хам ба тааммул фикандаам, эй дӯст,
Баландии сари андешаи расои ман аст.

**Хоҳад монд**

Дар дили беғубори пурмеҳрам
Доғи ишқат нишона хоҳад монд.
Аз мани ташнаи шароби лабат
Ғазали ошиқона хоҳад монд.
Ёдгор аз ту ҳамчу ахтарҳо

[77] Мазмун аз Бедил

Бӯсаҳои шабона хоҳад монд.
Гарчи умрам дар ишқ кӯтаҳ шуд,
Дар вафо ҷовидона хоҳад монд.
Хуни ман, ҷони ман ба гардани ту
Ҳамчу муҳри замона хоҳад монд.
Мекушӣ бо ҳазор шева маро,
Марг лекин баҳона хоҳад монд.

**Суруди ҷавонӣ**

Бароят навиштам суруди ҷавонӣ,
Ки шояд ба лаҳни муносиб бихонӣ.
Суруд ин паёме ба дилҳои ошиқ,
Садо аз ниҳонхонаи осмонӣ.
Биё, то нишинему шодӣ намоем,
Занем оташ андар ғами зиндагонӣ.
Фиребову зебо чи бошад дар олам.
Ба ғайр аз шаби моҳтобу ҷавонӣ.
Дар ин шаб иҷобат шавад ҳар дуо,
Талаб гар намоӣ ту бо меҳрубонӣ.
Илоҳо, нигаҳ дору поянда гардон,
Чаҳони ҷавонӣ, замони амонӣ.

**Шеъри Ҳофиз**

Рӯзи ғам ту ғамбарорам мешавӣ,
Сабру тамкину қарорам мешавӣ.
Гар танамро хаста созад зиндагӣ.
Бар ту рӯ орам, мадорам мешавӣ.
Гар шавам афсурдадил ҳамчун хазон,
Муждаи сабзи баҳорам мешавӣ.
Гоҳ андар чорсӯи зиндагӣ
Раҳнамои рӯзгорам мешавӣ.
Гар қадаҳ гирам ба базми гулрухон,
Хуштарин ҳарфу шиорам мешавӣ.
Аз бузургони сухан нозе кунанд,
Ҳикмати пурифтихорам мешавӣ.
Алғараз дар ҷилвагоҳи бешу кам
Эътибору ифтихорам мешавӣ.
Гар насибам шуд кафи хоки Ватан,
Сабт дар санги мазорам мешавӣ.

***************

Гаҳе маҳви ҷунуномези як наззора мегардам,
Гаҳе як ҷилвае монанди оташпора мегардам.
Гаҳе чун сабза помолам, гаҳе чун руд менолам,
Гаҳе чун панба нарму гоҳ санги хора мегардам.
Гаҳе андар сукутам ҳамчу бори шонаи тобут,
Гаҳе чун мавҷи меҳри кӯдаки гаҳвора мегардам.
Гаҳе ҳамчун сипанди миҷмарам дар маҳфили гарме,
Гаҳе дар олами танҳои худ овора мегардам.
Гаҳе рози вуҷуди хештан таҳқиқ месозам,
Гаҳе дар ҷустуҷӯи собиту сайёра мегардам.
Гаҳе мағрурам аз донишпажӯҳии дурӯғине,
Гаҳе дарвеши гардолудаи бечора мегардам.

Ба бозоре, ки қадри санги беоташ фузун бошад,
Ба мисли шишаи номуси дил садпора мегардам

**Сандалӣ**

Бас азизе гашт дар фасли зимистон сандалӣ,
Бар камардардон бувад дорую дармон сандалӣ.
Андаке ангишт аз сардии дай созад раҳо,
Кисасустонро рафиқи сахтпаймон сандалӣ.
Баски газ дар ҳар кучо бар кас набошад дастрас,
Бошад аз буржуйка ҳам бисёр арзон сандалӣ.
Дасту пои сарду ларзон гар дароянд аз бурун,
Гарм дар оғӯш гирад ҷумла тифлон сандалӣ.
Раҳмати Ҳақ бод бар обову аҷдоди касе,
К-ӯ намуда ихтиро чун роҳати ҷон сандалӣ.

**Ба муаллим**
(Эҳдо ба 90-солагии омӯзгори мактаби миёнаам Набиҷон Қодиров)

Ту ғамгусори маориф чу офтоби адаб,
Ту устоди риёзиву худ китоби адаб.
Сари баланди ту сирри фурӯтанӣ донад,
Агарчи ранҷ кашидӣ, кушодӣ боби адаб.
Ту чун паямбари аҳли маорифӣ, бешак,
Набист номи ту з-ин рӯй дар ҳисоби адаб.
Ту боғбонию боғи бузурги пурсамаре,
Ки сабз гашта ба номи ту дар нисоби адаб.
Расонӣ оҳани хоме ба рутбаи пӯлод,
Дар оташи дили ту ёфт обутоби адаб.
Ту ҳамқиронию ҳамсаф ба ду Разиюллоҳ[8],
Ки з-ин ду мард басе карда иктисоби адаб.
Харобазори деҳу шаҳрҳо шавад ободӣ,
Ба ҷуз харобии мардум зи инқилоби адаб.
Ту з-ин сабаб ҳама рӯзон ба дарс биштобӣ,
Ки пои мактабиён бинӣ дар рикоби адаб.
Ба мақдами ту басе эҳтиёҷи мактаб ҳаст,
Ки ҳар сухан зи ту пандест чун ҷавоби адаб.
Ту зинда бош, муаллим, азизи давру замон,
Дар ихтиёри ту шуд илму ҳам таноби адаб.

**Ҷавонӣ ва ишқ**

Мадду ҷазри баҳрҳо аз гардиши маҳ будааст,
Мадду ҷазри дил зи ишқи ёри маҳрӯ будааст.
Роҳи васли ёр пастию баландӣ доштаст,
Ин раҳи душвор паймудан чи некӯ будааст.
Мерасад бар қуллаи мақсуд марди устувор,
Ҳар касе дар нимаи раҳ монд, тарсӯ будааст.
Шиква аз тақдир баҳри мард кори хуб нест,
Бахт роми одамони поку ҳақҷӯ будааст.
Чанд рӯзе дар ҷавонӣ давру даврон доштем.
Даври мушкилнописандиҳо чи дилҷӯ будааст.

---

8 Разиюлло Неъматуллоев ва Разиюлло Абдуллозода дар назар ҳастанд, ки аз ҷумлаи муаллимони донишманд ва машҳури Истаравшан буданд.

Ишқро зебу фаре дорад ҷавонӣ, баъд аз он
Фасли пирӣ худ хазонрез аз ҳама сӯ будааст.

**Ба ёри ваҳдатгаро**

Чи лутфе кардаӣ аз баҳри маҳҷурон, саломат бош!.
Раҳо кардӣ дил аз побандии ҳиҷрон, саломат бош!
Чу субҳи босафое омадӣ бар манзари дида,
Зи нури васли ту шуд толеам тобон, саломат бош!
Чӣ бошад дар ҷаҳони бевафо беҳ аз вафодорӣ,
Нишон додӣ вафои хеш бар паймон, саломат бош!
Ману ту содадил аз макри душман бехабар будем,
Бипайвстем акнун ҳамчу тан бо ҷон, саломат бош!
Ниҳоли сабзи истиқлоли мо то борвар гардад,
Шудӣ ваҳдатгаро бо сидқу бо имон, саломат бош!

**Роғун**

Майдони имтиҳон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Машҳур дар ҷаҳон шуд имрӯз НОБ-и Роғун
Хурду бузурги миллат бо ифтихор гӯяд:
Фардои тоҷикон шуд имрӯз НОБ-и Роғун
То сарбаланд бошем дар пеши душману дӯст,
Тахти баландамон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
То хонадони тоҷик равшан шавад ҳамеша
Уммеди хонадон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Ин машъалест, к-онро ваҳдат кунад фурӯзон
Машъалфурӯзамон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Ин арсаи набарди номусу нанг бошад,
Мизони нангамон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Аз мушкили замона дигар ҳарос набвад,
Мушкилкушоямон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Дунё дигар надорад садде ба ин баландӣ,
Толеъбаландимон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Бояд камар бубандем чун паҳлавони миллат
Майдони размамон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.
Ҳам кони барқ гардад, ҳам саҳми бахт гардад,
Шодии халқамон шуд имрӯз НОБ-и Роғун.

**Ба Низомӣ**

Эй Низомӣ, бар дарат рӯи ниёз овардаам,
Аз муҳаббатномаҳо дар сина роз овардаам.
Ганҷи ишқу шавқи оташбор дар дил доштам,
Бар дари Лайло чу Маҷнун сӯзу соз овардаам.
Машъале аз оташи ишқи бузурги тоҷикон
Чун ливои хусравӣ дар эҳтизоз овардаам.
Баҳри ёри шӯхчашму меҳрубони озарӣ
Ман паёми ошиқони покбоз овардаам.
Чун каломи ту паёми ишки оламгир шуд,
Ман чу муштоқон ба даргоҳи ту ноз овардаам.
Хамсаҳо дар кишвари ман кӯҳҳо мепарваранд,
Ман дуруд аз Панҷруди сарфароз овардаам.
Аз диёри Рӯдакӣ, соҳибқирони шоирон

Шеъри тар бар дилбарони дилнавоз овардаам.
2012, Боку

**Ба дӯстони озарӣ**
(Ба муносибати 870-умин солгарди Низомии Ганҷавӣ)

Дӯстони меҳрубону дилнавози озарӣ,
Гӯӣ, сабқат бурда дар майдони меҳру дилбарӣ.
Бокуи зебои дар ҳусну латофат дилпазир,
Мекунад дилҳои моро сайд монанди парӣ.
Он биноҳое, ки шаб чун шӯълаҳои оташанд
Чун ливои зардуҳиштӣ мекунад равшангарӣ.
Ганҷаи зебои ошиқпарвари Маҷнуннавоз
Шод месозад Низомиро ба Лайлопарварӣ.
Зинда дорад рӯҳи Ширинро ба оини адаб.
Ишқи Хусравро диҳад парвози некӯахтарӣ.
Мекашад тасвири зебо ҳар тараф аз«Хамса»-аш
Мекунад ҳар сӯ назар з-оинаи Искандарӣ.
Саҷда овардам ба рӯҳӣ ӯ дар Озарбодагон,
Баски боло бурд қадри шеър бо лафзи дарӣ.
Ганҷа шуд маъвои ишқу посдори турбаташ,
Офарин бар қадрдониҳои ёри озарӣ.

**Камоли ишқ**

Бар ту ошиқтар зи ман яке дӯстдоре ҳаст?- Нест!
Чун гули рӯи ту зеботар баҳоре ҳаст?- Нест!
Гоҳ маҳзун мешавам аз бевафоиҳои даҳр,
Ҷуз ту дар ин лахза бо ман ғамгусоре ҳаст?- Нест!
Дар дилам ишкат ниҳону пок медорам чу ҷон,
Инчунин ишқе, ки бе гарду ғуборе ҳаст?- Нест!
Номи ту сарлавҳаи девони ишқ омад ба ман,
Боз болотар аз ин ному шиоре ҳаст?- Нест!
Он чунон ишқи туро дар мағзи ҷон ҷо кардаам,
Ҷуз ҳузури ту дар он гуфтугузоре ҳаст? - Нест!
Он қадар васфи ту кардам дода ҷавлон табъи худ,
К-нчунин дар васф касро иқтидоре ҳаст?- Нест!

**Бемори нимашаб**[9]
**Эҳдо ба Ҳофизии Халқии Тоҷикистон Абдулло Назрӣ**

Ё раб, мабод ҳеҷ кас бемори нимашаб,
Дар бистари ҳазинӣ гирифтори нимашаб.
Дил метапад чу моҳии хомӯшу ташнаком,
Чун моҳӣ аст шеваи гуфтори нимашаб.
Рухсори зард гашта паёмовари хазон,
Ин аст ранги ҷилваи гулзори нимашаб.
Берун шудам зи ёди табибон, даво чӣ суд

[9] 28 феврали соли 2001 дар беморхонаи Ҳукуматӣ устод Абдулло Назрӣ хоб буд ва шабҳо аз бехобӣ ранҷ мекашид. Ҳамон шаб дар ҳуҷраи ман то соати 2-и шаб ҳамсӯҳбат будем ва дар наздаш ин шеърро навишта, тақдим кардам. Фардо замзама мекарду гуфт, ки ба оҳанг даровардanист. Ёдаш ба хайр ин ҳунарманди асили миллатро.

Онро, ки дард ёвари бедори нимашаб.
Чун Йӯсуфам, бигӯ ба дуо корвони субҳ
Созад раҳо зи чоҳи дилозори нимашаб?
Тори рубоби ман назанад нағмае дигар,
Оҳанги яъс медиҳад чун тори нимашаб.
Бо ёди ёр зиндаву дар сар ҳавои васл,
Иқрори субҳ дораму инкори нимашаб.

**Паноҳи вопасин**

Меравам аз ин ҷаҳон бо як нигоҳи вопасин,
Бошад изҳори видоъ бо дӯст оҳи вопасин.
Гар биёӣ дер бар сарвақти ман баҳри дуо
Даст бардорӣ, шавӣ як хайрхоҳи вопасин.
Эй басе ногуфта ҳарфи хештанро мебарам,
Ин ҳама дарди дилам бошад гувоҳи вопасин.
Он шабе, ки ҷон диҳам биншин ту бар болини ман,
То равам дар партави рухсори моҳи вопасин.
Гарчи паймудем дунёро, вале дунёи дил
Монд, ҳайҳот, аз назар чун сайргоҳи вопасин.
Эй Ватан, дар васфи ту гар дер ман гуфтам сухан,
Афв мехоҳам барои ин гуноҳи вопасин.
Гар ба шуҳратхоҳу мансабҷӯ намудам дӯстӣ,
Дӯстон, маъзурам аз ин иштибоҳи вопасин.
Оқибат, хоки Ватан, дар олами пуршӯру шар
Мешавӣ модарсифат бар ман паноҳи вопасин.

**Чашмони ту**

Як ҷаҳони лутфу эҳсон аст дар чашмони ту,
Ахтари ишқи фурӯзон аст дар чашмони ту.
Ин чи афсуне, дили манро барӣ бо як нигаҳ?
Шуд яқинам, доми пинҳон аст дар чашмони ту.
Сайди дилҳо мекунӣ ин қадр бо тири нигаҳ,
Чун сафи бераҳми мижгон аст дар чашмони ту.
Бод эмин, ҷони ман, чашмонат аз чашмони бад,
Рози сад уммеду армон аст дар чашмони ту.
Мақдаматро интизорӣ мекашад чашмони ман,
Аҳди сад нобаста паймон аст дар чашмони ту.
То ба кай дар пардаи асрор пинҳон мекунӣ?
Дидаам, ишқи ту урён аст дар чашмони ту.

**Ба Зоҳир Аҳрорӣ**[10]

Фазилатнишоно, фасоҳатбаёно,
Пазир аз ман имрӯз ин армуғоно!
Ба ҳадди камолӣ, ба некӯхисолӣ,
Ба ҷисми фазилат ту ҳастӣ равоно.
Ба фаҳмондани шеъру гуфтори шево
Кам устод имрӯз чун ту тавоно.
Адаб аз ту дорад шукуҳу балоғат,

[10] Ин шеър ба таври шӯхӣ ба муносибати осебе, ки ба пои Зоҳир Аҳрорӣ-ҳамсоя, дӯсти донишманду наҷиб ва зарофатгӯямон расида буд ва банда ба аёдаташ дертар рафта будам, иншо шуда буд. Ёдаш ба хайр.

Чу дар синаи ту шуд онро маконо.
Ҳар он ҷо, ки мурғи латифи забонат
Ба чаҳ-чаҳ дарояд, шавад гулфишоно.
Чу оби зулол аст табъи равонат,
Тароват физояд чу оби равоно.
Шунидам, ки чандест пои муборак
Барои хиромат шуда нотавоно.
Кадомин нигоҳи ҳасуди камондор
Фиристода аз кин ба сӯят синоно?
Маро низ ранҷе гиребон гирифта,
Вагарна бирафтам ба сӯят давоно.
Маро орзуи шифои ту бошад
Шабу рӯз чун вирд андар забоно.
Илоҳо, набинад баҳори вуҷудат
Зи боди мухолиф нишони хазоно.
Ба ту як табақ манту овардам имрӯз,
Шаробу газак мешавад аз ту, ҷоно?
Ба бечорагон деҳ як оши худоӣ,
Шифо то ки бахшад худоят ҳамоно.

**Ба як муфаттишзани ришватхоҳ**

Гули рӯи туро мебинаму ёд аз баҳор ояд,
Ду чашми масти ту мебинаму ёд аз хумор ояд.
Суханҳои ту аз ошиқнавозӣ дур ҳаст, аммо
Камони абруят мебинаму ёд аз шикор ояд.
Ту ришват меситонӣ, ман чӣ дорам ҷуз дили пора,
Ситон ин пораро, шояд ки бар нафсат қарор ояд.
Чу ҳар як тори мӯят бишканӣ қонуни дил ҳар дам,
Чу қонун бишканад, назми адолат бар чӣ кор ояд?
Занон чун дилрабову поку боиффат буванд, оё
Дигар шуд ҷавҳари зан, гул саросар маҳви хор ояд?

**Мувашшаҳ ба Фарзона**

Файзбахши шеъри олӣ партави ирфони ту,
Сар ба сар дарси наҷобат сафҳаи девони ту.
Розҳо дорад ниёзи аҳли дил чун ғунчаҳо,
Мекунад ифшо насими харфи атрафшони ту.
Зонуям оинадори хилвати андеша шуд,
То ки андар ҷилва ояд маънии пинҳони ту.
Ошён дар осмони ифтихор овард адаб,
То уруҷе кард пайдо шеъри олишони ту.
Накҳати хокс аст дар гуфтори мавзунат чунон,
К-аз гулоб эҷод гардидаст табъу ҷони ту.
Ҳаст з-эъҷози каломи ту камолоти сухан,
З-ин сабаб иклили хар байтам шуда унвони ту.

**Мувашшаҳ**

Не огаҳӣ аз хати ниёгон,
Аз бухл қалам намуда чавгон.
Ваҳм аст ҳама ҳақиқати ӯ,
Рашк аст варо ба ҷои имон.
Устод шуда ба кинатӯзӣ,

Зангор зи кинааш дилу ҷон.
Осуда намешавад зи бухтон,
Вобаста намешавад ба виҷдон.
Султони дурӯғу тухмату оз,
Сориқи китобу нанги дуздон.

**Дареғ**

Дареғо, худпарастӣ канд тори ошноиҳо,
Наорад дигар оҳанге ба ғайр аз бевафоиҳо.
Агар мизони бозори ҷаҳон ин аст, метарсам,
Ки ин савдо наорад суд ғайр аз беҳаёиҳо.
Риё шуд соқие дар базмгоҳи дину бединӣ,
Тамаъ кул-кул кунад аз шишаҳои порсоиҳо.
Ман аз хунрезии чашмони Ғарбу Шарқ донистам,
Ки мехоҳанд олам ғарқ гардад дар ҷудоиҳо.
Барои ризқ инсонҳо парешон гашта дар дунё
Аз ин сармоядорӣ нест ҳосил ҷуз гадоиҳо.

**Санади ҳамдигарбахшӣ**[11]

Азизам, дарди ҳиҷронро ту медонӣ, намедонӣ?
Агар дармон намесозӣ, тамоми умр дар монӣ.
Набошад ҷуз Ватан моро парасторе дар ин гетӣ,
Магар беҳтар парасторе барои хеш медонӣ?
Хати тақдир моро мекунад аз ҳам ҷудо оё?
Ҷудо дар байт набвад мисраҳо гар хубтар хонӣ.
Набошад сарвати волотарин аз ҳамватан дигар,
Нигоҳе, ҳиммате, меҳру муҳаббат дор арзонӣ.
Қазо бисёр бояд хонд дар меҳроби халқи худ,
Барои саҷдаҳои шукр ҳамвор аст пешонӣ.
Ба танг омад чу ғунча дил даруни сина бе рӯят,
Биё чун субҳдам, то хотири моро шукуфонӣ.
Ҷаҳон дорад басе макру ҳиял, аз дом берун о,
«Чаро оқил кунад коре, ки бор орад пушаймонӣ».
Чи хуш имрӯз имзо гашт хатти ҳамдигарбахшӣ,
Ки он амрест инсонию имонию виҷдонӣ.
10 июли соли 1997.

**Бонуи Тоҷикистон**[12]

Дар ҳусну меҳр якто бонуи Тоҷикистон,
Чун ҷон азизи дилҳо бонуи Тоҷикистон.
Бо як нигоҳи шӯхаш дилро кашад ба сӯяш,
Оҳанрабост гӯё, бонуи Тоҷикистон.
Гаштам ба даҳр, дидам хубони мамлакатҳо,
Зеботарини дунё бонуи Тоҷикистон.
Шаҳду шакар бирезад аз лутфи ӯ ба маҷлис,
Чун сар кунад суханро бонуи Тоҷикистон.
Бошад чу кӯҳ маҳкам дар роҳи аҳду паймон,
Бонангу ору тақво бонуи Тоҷикистон.
Дар саҳнаҳои разму дар касби илму дониш

[11] Ин шеър ба муносибати қабули аввалин ҳуҷҷати Комиссияи Оштии миллӣ «Санади ҳамдигарбахшӣ» дар «Президент-отел»-и ш. Маскав иншо шуда буд..
[12] Ба муносибати таъсиси маљаллаи «Бонувони Тољикистон»

Гардид дастболо бонуи Тоҷикистон.
Сӯзан ба даст гирад ҷон медиҳад маторо
Бо ранги орзуҳо бонуи Тоҷикистон.
Мардонавор кӯшем дар хидматаш, ки бошад
То бо замона ҳампо бонуи Тоҷикистон.

**Ба ҳамдарси донишгоҳиам Зарифи Шариф**

Рафиқи арҷманду хуби мо Зариф Шариф.
Зи роҳи рост ҳеҷ гаҳ нагашта мунҳариф,
Ҳамеша бо ҳаёт ҳаммарому ҳамқадам,
На вазну қофия ба туст садду не радиф.
Ба шеър додаӣ ту ҷон ба вазни хоси хеш,
Аз ин лиҳоз ҷавҳари каломи ту зариф.
Ба ҳиммату рафоқату садоқату ба меҳр
Намунаӣ ба дигарон чу марди содаю шариф.
Шавад ҳаёти ту ҳамеша бобарору хуш,
Чу қалби ту, ки бар хилофи ҷисми ту наҳиф.

**Нома ба ҳаммиллати бегонашуда**

Бахтбаргашта касе шуд, ки талабгори ту нест,
Дар паи субҳи сафопарвари дидори ту нест.
Нашкуфад ғунча насими саҳарӣ гар н-ояд,
Маҳви ғафлат шавад он чашм, ки бедори ту нест.
Дили осуда набошад зи ғами даҳр, агар
Нигаҳи чашми пурасрору шарарбори ту нест.
Сӯхтан дораму пинҳон, ки рақиби ману ту
Кард афсуну аз ин ҳодиса ахбори ту нест.
Лафзи ширини ту бо алла ба гаҳвора бимонд,
Хориҷ аз зеҳни карданд, ки иқрори ту нест.
Ончунон тарси ғизолон ба ту омӯхтаанд,
Ҳар чӣ пурсанд, бигӯӣ, ки ба он кори ту нест.
Сухани модарӣ оҳиставу пинҳон гӯӣ,
Ки мабодо шунавад он кӣ мададгори ту нест.
Он забоне, ки аз ин ҷо ба ҷаҳон ҳамчун шаҳд
Рафт, афсӯс, ки дар мактабу бозори ту нест.
ман надонам, ки ғурурат ба чӣ наҳве бедор
Дар ниҳоди ту намоям, ки ба пиндори ту нест.
Худшиносии ман аз дурии ту ноқис шуд.
Як гули хотира биншон, ки ба гулзори ту нест.
Ҳақталошӣ бинамо, қимати худро бишинос,
Он кӣ фарҳанграбояст, харидори ту нест!

**Баҳору ёди модар**

Боз бӯи баҳор меояд.
Мавсими лолазор меояд.
Лек ҳар соли умри рафтаи ман
Чун хазон дар шумор меояд.

Боз ҳам торҳои мӯи сафед
Бештар мешаванд дар сари ман,
Гоҳу ногоҳ мекунанд ҳуҷум
Лашкари дардҳо ба пайкари ман.

Боз дар пардаи хаёл шавад
Ҷилвагар кӯдакию домани деҳ,
Мӯсафедони оқилу сода,
Бо чанорони сояафкани деҳ.

Оре, ин мардҳои нуронӣ
Обрӯю виқори деҳ буданд.
Чун чанори бузурги Боғи калон
Ҳар яке ифтихори деҳ буданд.

Ҳар гаҳе мекунам сафар суи деҳ
Хотирам мешавад малулу ҳазин.
Суфаи зери шохаҳои чанор
Холӣ аз пирҳои равшанбин.

Ёд орам занони меҳнатдӯст,
Дастҳои дурушту обиладор,
Соҳиби қалби поку меҳру вафо.
Бо ғурури баланд. ҷумла баор.

Бо вуҷуди ғаму ҷудоиҳо-
Оқибатҳои ҷанги оламсӯз.
Ҳама ҳамдарду меҳрубон буданд,
Дар ғаму шодӣ ҳам шабу ҳам рӯз.

Ҳалқасон дар канори модари ман
Ҷамъ меомаданд ҳар бегаҳ.
Мешуниданд қиссаҳои дароз
Аз Абӯмуслиму зи «Шаҳнома».

Нони зарди зағора, нуқлу мавиз
Рӯи дастурхону сӯҳбати гарм.
Ёди фарзандҳои мурдаи хеш
Менамуданд, санг мешуд нарм.

Ҳама рафтанд аз ҳаёт, акнун
Хонаҳои падар ҳама холист.

Сандалии шикаста дар хона
Мондаасту китоби модар нест.

Ашк оҳиста ҳалқа зад дар чашм,
Кӯ ҳамон сӯҳбат андар ин хона?
Ёди модар кунам ба ҳасрат чун
Қиссаи нотамому «Шаҳнома».

**Дили ман**

Зери ҳар обила сад ғам пинҳон,
Ғами халқу ғами ёру ғами ҷон.
Зери ҳар мақбарае сад армон,
Рози ҳамчун мани аз чашм ниҳон.
Шишаи обилаҳо шуд дили ман,
Гунбади валвалаҳо шуд дили ман.

Як ҷаҳон шӯри қиёмат барпост,
Мавҷи киштибари тӯфони балост.
Гоҳ пайдову гаҳе нопайдост,
Дод аз ин дил, ки балои таҳи пост.
Марказы зилзилаҳо шуд дили ман,
Нолаи шилшилаҳо шуд дили ман.

Ту, ки аз сели ғамам бехабарӣ,
Ба ҳарамхонаи дил раҳ набарӣ.
Корвонест, ки дорад сафаре,
Нашнавад наъраи он гӯши каре.
Ноқуси ғулғулаҳо шуд дили ман.
Дар сари қофилаҳо шуд дили ман.

Ҳиммат, эй ҳамнафасон, ҳамсафарон
Андар ин давру замони гузарон.
Раҳму инсоф ба хешу дигарон,
Нашканад то дили соҳибназарон,
Ҷумла пок аз гилаҳо шуд дили ман.
Солики марҳалаҳо шуд дили ман. 20.02.1995

**Субҳи Хуҷанд**

Мурғакон бо савти зебову суруд
Мужда медоданд аз рӯзи навин.
Ҷамъ андар шохсорон гаштааст
Дастаи симфониёи беҳтарин.
Мешавад бедор шаҳри дилписанд,
Шаҳри зебову дилорои Хуҷанд.

Менамояд дар назарҳо рӯди Сир
Ҳамчу як оинаи софи кабир.
Ҷои диду боздиди ошиқон,
Роздори қиссаҳои дилпазир.
Медиҳад ин руд як дунёи панд
З-ишқу меҳри нозанинони Хуҷанд.

Бо тулӯи субҳи рӯзи нурбор

Шаҳр зери осмони беғубор,
Чун арӯси тозаи атлас ба бар,
Бар салом омода шуд беихтиёр.
Рӯзгорат бод шоду дилписанд,
Мардуми ҳуснофари шаҳри Хуҷанд.

**Эй нозанин диёрам**

Маъбуди ман ту ҳастӣ,
Мақсуди ман ту ҳастӣ,
Эй фахри рӯзгорам,
Эй нозанин диёрам.

Ободии ту бошад,
Озодии ту бошад
Ҳам кору ҳам шиорам,
Эй нозанин диёрам.

Водию кӯҳсорат,
Гулзору чашмасорат
Ҷон бахшаду мадорам,
Эй нозанин диёрам.

Ҳар заррае зи хокат,
Ҳар қатра оби покат
Афзояд ифтихорам,
Эй нозанин диёрам.

Сад бор шукр гӯям
Бар қибла карда рӯям,
Ту ҷаннатам, баҳорам,
Эй нозанин баҳорам.

**Ҳамсолони Истиқлол**

Мо, ки хушбахт наврасон ҳастем,
Навниҳолони боғи истиқлол.
Ҳама шодем дар канори Ватан-
Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Мо, ки фарзанди нозпарвардем,
Мепарастем хоки покашро,
Соҳиби фазлу нангу номусем,
Ориёист аслу нисбати мо.

Парчами сулҳу ваҳдати миллат
Бар сари мо ҳамеша парафшон,
Хидмати кишвари азизи мо
Амри таъриху модару виҷдон.

Синаи кӯҳро шикофтаем,
Боз кардем нақби Истиқлол,

Роҳҳо гаштаанд чун кафи даст,
Нест монеа бар Ҷанубу Шимол.

Парчами сулҳро барафрозем,
Маҳв гардад низову кинаву ҷанг,
«Зинда бодо», ҳамеша мегӯем,
«Дӯстию рафоқату фарҳанг!»

## Қуллаи Президент

Дар фарозу нишеби кӯҳистон
Дил рабудему ганҷ бохтаем.
Дар ҳамин пастию баландиҳо
Душману дӯстро шинохтаем.

Ҳамчу роҳе, ки пасту ноҳамвор
Роҳҳо сӯи бахти мо будаст,
Мисли хатти ҷабини деҳқонон
Бо гузашти замона афзудаст.

Гарчи шеъри баланду ноби дарӣ
Кард тасхир рӯи оламро,
Сарзаминаш вале бишуд тасхир
Давлвташ илму шеър шуд танҳо.

Бохтанҳо зи мову аз душман
Тохтан буду куштану ғорат.
Соҳиби илму фазл буд асир,
Ҳам пароканда чун хати қисмат.

Сулҳи мо субҳи тозаэҷоде
Дар китоби бақои миллат шуд.
Сабаби бебарориро фаҳмид,
К-аз тахаллуф зи амри ваҳдат шуд.

Ҳарзае гар ба боғи ваҳдати мо
Мисли анчар агар амал созад,
Решааш хушку қатъ бояд кард,
То ниҳоли Ватан қад афрозад.

Бояд омӯхт дарси ваҳдатро
Ҳамчу Қуръон ба кӯдаку зану мард,
То ки монад чу кӯҳсор матин
Тани миллат саломату бедард.

Дар фазои Ватан кунад парвоз
Мурғи инсофу покию азамат.
Ҳам зи хуршеди тобноки якӣ
Бидамад субҳи равшани миллат.

Ман зи виҷдони пок ёд кунам
Ба муқаддастарин сухан савганд,

Ки сари миллати азизамро
Дар ҷаҳон мекунам чу қулла баланд.

Парчами ифтихори қуллаи ман
Нангу номусу дилнавозиҳост,
Зистан дар муҳити покию адл
Боиси бахту сарфарозиҳост.

**Ба силоҳбозон**

Гар ту фарзанди диёрӣ,
Соҳиби нангию орӣ,
Ҷони ман, андеша бинмо,
Роҳи некӯ пеша бинмо.

Чун падарҳо нармхӯ шав,
Меҳрубону нармгӯ шав,
Лоиқи номи баланди
Тоҷики бообрӯ шав.

Ҳарфи беҷову ҳақорат,
Нашъаву duздиву ғорат
Чун саги дайду намояд
Оқибат беэътиборат.

Бо силаҳ таҳдид кардан
Кори ноаҳлона бошад.
Меҳрубон бо халқ будан
Хислати мардона бошад.

Ақлу фарҳангу адолат
Буда моро тоҷи давлат.
Кӯш бо кори ҳалолат,
То шавӣ фарзанди миллат.

Гар ту фарзанди диёрӣ,
Соҳиби нангию орӣ,
Ҷони ман, андеша бинмо,
Роҳи некӯ пеша бинмо.
Соли 1994

**Бразил-Саразм**

Бразил [13]- пойтахту шаҳри модерн,
Ки ба зебоӣ камназир бувад,
Ин ҷавоншаҳри чун арӯсу баҳор
Рашки дунёи золи пир бувад.

Дар ҳамин шаҳр баргузор бишуд
Маҷлиси бошукӯҳи Юнеско,

---

[13]. Дар толори Маҷлисҳои бузурги меҳмонхонаи «Роял Талип», ки дар Иҷлосияи 34 Маркази мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО соати 10-и шаб Саразм якдилона ба Феҳристи ҷаҳонӣ ворид гардид ва шеъри мазкур ба ҳамин муносибат иншо шуд. Бразил-пойтахли давлати Бразилия

Шомили ёдгорҳои ҷаҳон
Шуд Саразми басе қадимаи мо.

Омадам аз Душанбеи зебо,
Шаҳри сулҳу ҷавонию иқбол,
Пойтахти азизи давлати ман
Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Панҷ даҳсола Бразил[14] дорад
Умр чун навҷавони рӯ ба камол,
Сар кашида чу сарв иморатҳош,
Чаману боғҳо биҳиштмисол.

Мардум ин ҷо ба хубӣ медонад
Талхию ранҷҳои истеъмор.
Кард озод кишвар аз занҷир
Бо муборизаи таҳамтанвор.

Мечашад шаҳди ишқи озодӣ
Парфишон карда ӯ ливои Ватан,
Хокро зар намуда бо меҳнат
Ба ғуломӣ намедиҳад ӯ тан.

Меҳр бастам ба шаҳри лолаву гул,
Бразили ба мисли афсона,
Ҳар гулу ҳар дарахту роҳу бино
Ҳайратовар бувад ба бегона.

Асрҳои зиёд пеш Саразм
Буда маҳди тамаддуну фарҳанг,
Гардиши рӯзгор кард хароб?
На, на к-аз душманию ғорату ҷанг.

Ҳар кӣ бинад Саразм, ғарқ шавад
Дар талотуми баҳри андеша.
Маъбаду қасрҳои шоҳнишин
Монда дар зери хок чун реша.

Реша мондасту нест шоху тана,
Кунҷи ҳар хона ҷои фарёд аст,
Кохи вайронаи ниёгонам
Асрҳо шуд, ба панҷаи бод аст.

Эй Саразм, эй харобаи таърих,
Гарчи вайронаӣ, шудӣ машҳур.
Чунки бо дарду доғҳои зиёд
Омадӣ аз замонаҳои дур.

Ҳамчу ибратгаҳи макону замон
Сӯят оянд фавҷи сайёҳон,
Ту кунун вирди ҳар забон ҳастӣ
Мисли ин боғшаҳри сабзу ҷавон.

---

[14] Манзур Бразилия аст, ки соли 1960 истиқлолият ба даст овардааст.

Бразил, шаҳри ишқу зебоӣ,
Сабақе гир аз Саразми пир.
Бохабар бош, ки аҷузаи даҳр
Накунад дар тилисми хеш асир.
30 июли соли 2010,

**Соҳили Лейк Параноя**

Бигзарад аз миёнаи Бразил
Кӯли пуроби Лейк Парано.
Меравад бо виқору ботамкин
Ба макону замона бепарво.

Соҳили кӯл аҷаб иморатҳо
Ҷангали сарвро ба ёд оранд,
Аз шукӯҳу таолии Бразил
Муждаи бешумор меоранд.

Соҳили кӯл боғу майдонҳо
Пургулу пок, ҳам тароватбор,
Роҳҳои васеи чандқабат
Ҳар тараф мебаранд беозор.

Чеҳраи мардумаш шукуфон аст
Чашму лабҳо табассуморанда,
Меҳмонро азиз медоранд,
Дилу ният зи меҳр оганда.

Қомату чеҳраи ҷавононаш
Чун ниҳолони сабзи боланда.
Ҳар нигаҳ з- илму донишу фарҳанг
Ҳамчу ахтар бувад намоянда.

«Бонжуру», «обригада»[15] ҳар лаҳза
Ҳар куҷо чун садои мусиқист,
Аз салому ташаккури онон
Мефизояд фараҳ ба дил беист.
ш. Бразил, 27 июли с.2010

**Лоладарахт**

Дар ҳотели «Роял Талип», лаби руд,
Дар миёни дарахтҳои базеб
Ду дарахте, ки ғарқи гул дидам
Гулашон ҳамчу лола аст аҷиб.

Гулу ҳам мевашон бувад лола,
Сурху зебо, назаррабоянда,
«Тулип» андар забони португалӣ
Лола будаст, лолазоянда..

[15] Бонжуру- салом, обригада-ташаккур

Аз сари шохаҳои он ҳар дам
Лолаҳо мефитанд рӯи чаман,
Омадам чун ба зери лоладарахт,
Лолаҳо барфишонд бар сари ман.

Лолаеро гирифта дар дастам
Бо тааҷҷуб, ба меҳр медидам.
Гӯӣ мегуфт бо забони лол:
«З-оташи ишқ лола гардидам».
ш. Бразил, меҳмонхонаи «Роял Талип», 28 июли с.2010

**Парчами Бразилия**

Дар миёни шаҳр майдони васеъ
Бурҷи зебою баланде ҷилвагар,
Бар фарози бурҷ аз ҳар ҷои шаҳр
Парчами давлат намояд дар назар.

Ҳар маҳе як бор андар зери бурҷ
Одами бисьёр мегарданд ҷамъ.
Дар миёни анбӯҳи беҳад бузург
Парчаму он бурҷ мегардад чу шамъ.

Савту оҳанги хушу ботантана
Мебиёрад дил ба ваҷду ифтихор.
Парчам ин ҷо ҳар маҳе созанд иваз
Ҳамчу рамзи эътибору иқтидор.

Саф кашанд ин ҷой бо расми низом
Аскарону афсаронаш бовиқор.
Эҳтироми парчами давлат бувад
Ҳисси давлатдӯстию нангу ор.

Парчами нав меравад бо як низом,
Меравад оҳиста то болои бурҷ.
Парчами якмоҳа поин мешавад
Карда иҷро кори худ, то пои бурҷ.

Мешавад аз ҳар тараф боло садо
Ҳамчу раъду барқ бо сад ғулғула,
Васф месозанд Парчамро чунон,
К-аз садо ларзад замин чун зилзила.

Офарин гуфтам ба худ бар мардуме,
К-инчунин доранд ҳисси ифтихор.
Ифтихор аз парчаму давлат бувад
Рамзи истиқлолу файзи рӯзгор.

**Дарси Ҷопон**
Осмонбӯс қасрҳои бузург

Ҳосили ранҷи дасти инсон аст.
Илму ақлу таҳаммулу заҳмат
Хислати мардумони Ҷопон аст.

Чеҳраҳо дар табассуманд чу гул,
Боғи шодоби хубию адабанд.
Дар тавозӯъ чу шохи пурборе,
Ки адаб бар камолашон сабаб аст.

Роҳҳо пок чун кафи дастанд,
Нарм-нармак қадам ҳамемонанд,
Ҳар кафи хоки кишвари худро
Бо муҳаббат азиз медоранд.

Аз маҳалбозӣ мардуми Ҷопон
Ҳамчу тифлони бехабар ҳастанд.
Аз маи ифтихори ваҳдати хеш
Ҳамагон дар нишоту сармастанд.

Қади инсони оқилу доно,
Чун шукӯҳи манораҳош баланд,
Фазлу идроку донишу фарҳанг
Дар вуҷуди ҷопониён пайванд,

Аз таассуб чу олами малакут
Фикру андеша поку озод аст,
Баҳси «ман муъмину ту кофар» нест,
Ҳама дар фикри кору эҷод аст.

Бояд омӯхт дарси ободӣ
Аз ҷапонии ғарқ гашта ба кор,
Роҳи нони ҳалол бояд ҷуст
Бе дуруштию ғорату куштор.
20 марти 1999. Тайёраи Токио-Москва

**Ба профессор Акино**[16]

Эй парастуи диёри офтоб,
Барги сабз овардӣ дар минқор,
Боз кардӣ болҳои хеш,
То биёмӯзӣ усули пар задан озод.
Баҳри истиқболи субҳи сулҳ,
Баҳри сулҳи дилнишин чун субҳ.
Ногаҳон субҳат бадал бар шом шуд,
Тира шуд уммеди равшан,
Пора шуд оинаи дидор.
Болу пар чун баргҳои тирамоҳӣ рехт,
Қатраҳои хуни донишманди ҷопонӣ
Чун маи ноб
Аз қадаҳ вожгун шуду бо хоки соҳил ҷовидон омехт.
Душманони миллати тоҷик,

[16] Профессор Акино дар гурӯҳи нозирони низомии СММ дар Тоҷикистон фаъолият мекард, дар соҳили дарё, ноҳияи Тавилдара соли 1998 ба шаҳодат расид.

Кӯрдилҳои ҷаҳонторик,
Теғро андар гулӯи тифли сулҳи тоҷикон бигзоштанд,
Тухми шак гӯё ба кишти ваҳдати мо коштанд.
Лек онҳо ҳосиле аз лаънату нафрат
Ҳамчу душманҳои оини тамаддун
Аз барои хештан бардоштанд.
Эй Акино, номи ту боқист
Андар сафҳаи сулҳи тилоии диёри ман,
Рӯҳи ту пайванд хоҳад кард,
То сулҳ аст ҷовидон,
Орзуҳои наҷиби тоҷику инсони хайрандеши Ҷопон.

**Рӯди Ватан**

Мавҷи рӯди кӯҳсорон бо хурӯш
Шӯр ангезад. дилам орад ба ҷӯш,
Гӯяд: Эй соҳибватан, то кай хамӯш?
Аз бари ман ҷой гиру май бинӯш.

Ҳамнаво шав бо суруди кӯҳсор,
Мавҷ зан монандаи гесӯи ёр,
Ғуссаи деринаро аз дил барор,
Шодмон шав мисли гулҳои баҳор.

Рӯи санги соҳилам оҳиста шин,
Акси худро дар дили софам бубин,
Хидмати беминнате кун инчунин
Баҳри ободии халқу сарзамин.

Бин, чи ҷӯшону хурӯшон меравам,
Чун саманди рӯзгорон меравам,
Гоҳ афтон гоҳ хезон меравам,
Бо суроғи марди деҳқон меравам.

То шавад сарсабз боғу бӯстон,
Водии лабташна гардад гулфишон,
Сер бошад чашми ҳар пиру ҷавон,
Хокро эҳдо кунам зӯру тавон.

**Ёри вафодор**

Ҳамчу ман андар вафо ёре намеояд дигар,
Ишқро бо ҷон харидоре намеояд дигар.
Ёри хатлонии ман, то чанд месозӣ ҷафо,
Ҳамчу теғи ту дилозоре намеояд дигар.
Аз нигоҳат ончунон бори хиҷолат мекашам,
З-он гаронтар, ҷони ман, боре намеояд дигар.
Дидаам яғмогарони мулки дил бисёр, лек
Чун ту ғоратпеша тарроре намеояд дигар.
Чашми мастат ончунон бегонапарвар гаштааст,
К-аз худиҳо ҳеҷ ҳушёре намеояд дигар.
Ошиқон дар васфи ту байти фаровон гуфтаанд,
Беҳтар аз ин шеър гуфторе намеояд дигар.

**Пораи алмос**

Дилам имшаб чӣ дил?
Як мушти хунполову дардолуд.
Даруни тими сина
Ҳуҷраи ғам, кӯрае пурдуд.
Дар он аз орзуҳо гулхане сӯзон.
Варақҳои умеди динаву имрӯзу ҳам фардо
Ба коми оташини яъс рақси вопасин доранд.
Барои наслҳои шӯрбахти даври оянда
Зи хокистар матои ёдгори беҳтарин доранд.
Шуурам дар муҳити абрҳои тираву мармуз
Зи нури офтоби ақл пинҳон аст,
Ки занги вақт ҳар дам мекунад таҳдид
Ҳамчун теғи Азроил.
Зи дил ояд садои раъдосо:
Бишав хушнуду бепарво,
Ки дар ошӯбгоҳи ҳастии пурмоҷаро
Наздик вақти рафтани ҷон аст.
Ба ҳамроҳии ман як пора алмосе чу мероси замон
Андар кафан пинҳон равад,
К-ин пораи алмос виҷдон аст.
28.04.1995

**Панди рӯзгор**
Руҷуи Саидқули Билол ва Ибодуллоҳи Машраб

Азизам, гӯш кун гаҳ-гаҳ навои обшоронро,
Нигаҳ кун қуллаҳои барфпӯши кӯҳсоронро,
Ба гӯши ҳуш бишнав панди пири рӯзгоронро.

Чаро ин обшорон сар ба зеру нолаҳо доранд?
Чаро ин қуллаҳо майле ба хуршеду само доранд?
Чаро пирони дунёдида панди пурбаҳо доранд?

Тааммул кун, азизам, обшорон нолаҳо доранд,
Ки шояд баҳри ҳосилхезии водӣ дуо доранд
Ва ё бар пои деҳқон сар ниҳодан илтиҷо доранд.

Агар ин қуллаҳо аз домани гарми замин рустанд,
Ба пои сабзи гардун бо ҳазор уммед пайвастанд
Ва ё бо осмон паймону аҳди дӯстӣ бастанд.

Ҳар он чӣ пири дунёдида гӯяд, дор дар ёдат,
Дуою панди пирон мекунад албатта имдодат,
Ба роҳи бахти некӯ мекунад ин панд иршодат.

Аз ин рӯ ҳамнаво шав нолаҳои обшоронро,
Шавӣ то сарбаланд, омӯз роҳи кӯҳсоронро,
Намо сармашқ панди пирамарди рӯзгоронро.

**Тоҷикистон**

Дар дилу дар дида ҷо шуд меҳри ту,
Ишқи ту овард бар ман обрӯ.
Ҳар куҷо, ки кардаам азми сафар,
Рӯи зебои ту дар пеши назар.
Чашмаву водию кӯҳу обшор,
Рудҳои файзбахши беқарор,
Мардумони содаву дилсофи ту,
Дар забони ҳар яке авсофи ту.
Васфи зебоию ҳусни беҳисоб,
Қуллаҳои саҷдагоҳи офтоб.
Зеби гарданҳои хубони ҷаҳон
Лаълу ёқуте зи кӯҳи тоҷикон.
Боварам н-яд, ки ҷуз ин сон диёр
Ҷаннате инсон намояд ихтиёр.

**Ватан**

Эй Ватан, эй модари ғамхори ман,
Бахти ман,номусу нангу ори ман.
Дидаӣ ту ранҷҳои беҳисоб,
Тирабахтӣ, рӯзгорони хароб.
Гаҳ насибат зулму истибдод буд,
Мардум аз бечорагӣ ношод буд.
Қомати мардум чу маҷнунбед хам
Буд аз сангинии бори ситам.
Шаҳру кишварҳои бо шавқу ҳавас
Карда эҷодат намешуд додрас.
Ту кунун озоду соҳибдавлатӣ,
Маскани соҳибтамаддун миллатӣ.
Гаштаӣ шоистаи дунёи нав,
Мондаам ҷонро барои ту гарав.

**Панди таърих**

Рӯз поён шуду шаб ҳам омад,
Гули маҳтоби фалак боз шукуфт.
Осмон бо нигаҳи ахтарҳош
Сухан аз розу ниёзе мегуфт.

Ба мани хокии маҳбуси Замин,
Ба гирифтори ҳавасҳои Замон,
Ханда мекард, ки эй нанги тараб,
Чӣ зи худ мондаӣ дар даҳр нишон?

Ғорати исмату куштору дурӯғ?,
Фитнаву шӯҳрату маккорию оз?,
Гоҳ бо найзаву бо тиру туфанг,
Гаҳ ба саҷҷодаву зуннору намоз.

Маҳви ҳайрат шуда дар ганҷу либос,
Ғарқи шаҳват шуда дар урёнӣ,
Сархуш аз нашъаи ҳар гуна шароб,
Сафарат то ба куҷо, медонӣ?

Дӯзаху барзаху ҷаннат пандест,
Амали неку бади хеш бубин,
Гар фақирию надорӣ чизе,
Ё ки дунёст туро зери нигин.

Ту чаро ҳеҷ нагирӣ панде
На зи Дориюшу на з-Искандар?
Н- аз футӯҳоти Масеҳу ислом,
На зи Чингизу зи хунхори дигар?

Агар ин аст туро роҳу равиш,
Агар ин аст туро ҳадди хирад,
Осмон ҳам ба хиҷолат монад,
Ки ба кунҳи чу туе пай набарад.

Андаке паст шав, эй боди ғурур,
Берун о аз қафаси нафси палид,
Зинда шав, з-он ки ту кайҳо мурдӣ
Дар ғуломии ҳавасҳои шадид.

Давраи мо, ки ҷаҳонӣ шудан аст,
Давраи шеваи найранги навин.
Миллате гар нашавад ботадбир,
Равад оҳиста ба аъмоқи замин.

**Ватан чист?**

Ватан бе қуллаҳояш Тоҷикистон нест,
Ватан бе водиҳои худ гулистон нест.
Ватан бе рӯдҳояш ҳамчу тан бе хун,
Ватан бе чашмаҳояш соҳиби ҷон нест.

Ватан бо ҷумлаи таъриху осораш,
Ватан бо шермардони вафодораш,
Ватан бо дилбарони поку боиффат,
Ватан бошад ба ҳар як фарди бедораш.

Ватан пушту паноҳи ҳар як инсон аст,
Ватан сарчашмаи илҳому имон аст.
Ватан бо аллаву бо шири модар медиҳад нирӯ,
Ватан сармояву тақдиру виҷдон аст.

**Хоҷаи чилдиёр**

Ба хотираи Шарифҷон Ӯроқов

Дар миёни чанорҳои бузург,
Дар баландии кӯҳи боазамат,
Чашмаи нуқрафом ҷӯшида
Меравад ҳамчу муждаи баракат.

Хоҷаи чилдиёрро мардум
Мепарастанд солиёни зиёд,

Мардуми Хоҷачилдиёр буванд
Шӯху меҳмоннавозу покниҳод.

Расму оини поси хотир ҳаст
Баҳри онҳо чу шишаи номус,
Хоҷаи чилдиёр онҳоро
Ҳифз созад зи қувааи манҳус.

Дар замоне, ки турктозиҳо
Тундару гирдбодро мемонд,
Ин чанорону чашмаи кӯҳӣ
Сӯфиёнро ба назди худ мехонд.

Хоҷаи чилдиёр ёронро
Андар ин ҷой менамуд ниҳон.
Кори неку садоқату ҳиммат
Буд асоси рафоқату имон.

Хоҷаи чилдиёр мебахшад
Файз бар зоирони мулки Ҳисор,
Мардуми он ҳама вафокешанд,
Мисли ёрони Хоҷа чилдиёр.

**Дин чист?**

Бо ҳама покию назофати дил,
Бегуноҳони бас гунаҳкорем,
Дур аз илму ҳам амал ҳастем,
Лек худро бузург пиндорем.

Ҳама муште ба синаҳо бизанем,
К-уммати бовафои исломем,
Гар бубинӣ ба дурбини амал,
Тиҳӣ аз маънӣ, бодаи хомем.

Ҳазар ояд аз ин мусалмонӣ,
Ки риё дар либоси ислом аст,
Бо таассуб ҳар он чи олудаст,
Сар ба сар он саробу авҳом аст.

Дин чӣ? Яктопарастию покист,
Азми росих ба ваҳдати башар аст.
Гар ба хунрезию силоҳ барад,
Он на дин аст, балки дарди сар аст.

Гар мусалмонӣ бо замон ҳампо
Нашавад, мебарад ба пасмонӣ.
Оқибат аз чунин мусалмонӣ
Бор н-ояд ба ҷуз пушаймонӣ.

**Рӯзи висол**

Дар танам беқасаби домодӣ,
Дар камар атласи гулдӯзӣ буд.
Дилам он рӯз чу гул аз шодӣ

Мешукуфту ҳаяҷон меафзуд.

Дар танат пираҳани атласи сабз,
Рамзи оғози баҳорони ҳаёт.
Дар сарат тӯри арӯсии сафед,
Муждаи бахт буду субҳи нишот.

Мегузаштем зи байни гулу боғ,
Атри гулҳою алафҳо ба димоғ,
Роҳи мо буд сӯи хонаи бахт,
Бахт ҳам омада моро ба суроғ.

Духтарону писарони деҳа
Пеш-пеши ману ту рақскунон
Чун ниҳолони ҷавон мерафтанд
Қад-қади ҷӯи наву оби равон.

Умр бигзашту кунун пир шудем,
Дил ба ҷӯш ояд аз он рӯз ҳанӯз.
Шод аз онем, кунун фарзандон
Сарфарозанду бабахту фирӯз.

**Илтиҷо**

Эй имомону раҳбарони дин,
Хоҳишамро ба лутф бипзиред.
Дар замони ҷаҳонӣ гардидан
Суръати вақт дар назар гиред.

Мо, ки озоду соҳибистиқлол,
Дари масҷид ба рӯямон боз аст,
Балки ҳар чор сӯи дунё ҳам
Боз бар мо барои парвоз аст.

Ман басе доштам ҷаҳонгардӣ,
Ба ҳама қораҳо сафар кардам.
Бо ҳама мардуми бузургу хурд
Кунҷковона ҳам назар кардам.

Ҷустам аз ҳар куҷо, ки рафтам ман,
Сабаби пешрафту пасмонӣ,
Омадам бар хулосае ночор,
Бӯҳрон аст дар мусалмонӣ.

Мо асирони зоҳири шаръем,
Бештар зоҳиди риёкорем.
Маст аз бодаи таассубҳо
Фикр дорем, ин ки ҳушёрем.

**Хотира**

Бо нигоҳе, ки доштӣ сӯи руд,
Бод медодӣ реги соҳилро.
Гӯиё вонамуд мекардӣ,

Ки надорӣ ба ҳеҷ кас парво.

Мавҷи дарё ба сӯи ту ҳар дам
Қатраҳоро ба шӯхӣ мепошид.
Ба гумонам, ба таври худ мегуфт:
Андар оғӯши ҳамдигар бошед.

Мисли ин мавҷ, ин булӯрин об
Лаҳзаҳои ҳаёт нотакрор,
Мавҷи бо соҳилаш ситезанда
Медиҳад панд, мекунад бедор.

Мепарад лаҳза-лаҳза умри азиз,
Ҳамчу барги хазонрасидаи боғ.
Меравад муфт нақди умр, афсӯс,
Барнагардад дигар ба пурсу суроғ.

Бохабар то шудем аз дунё
Давраи гармии ҷавонӣ рафт.
Ногумон сардии хазон омад,
Шӯри ишқу таронахонӣ рафт.

Солҳо баъд омадӣ лаби руд,
То ба ёд оварӣ ҷавониро.
Шояд афсус мехурӣ ҳоло,
Бохтӣ нақд бар ғурур чаро?

**Саразм**

Ба он сӯи дунё намудем азм
Бароят, куҳандеҳи дунё, Саразм,
Гузар карда аз қитъаи Аврупо.
Ба Амрики Лотин расидем мо,
Ба шаҳре, ки ҳамноми кишвар бувад,
Бразиляро марказу сар бувад.
Ба боғе, ки зебост андар ҷаҳон,
Ки аз ҷаннати адн дорад нишон.
Расидем бар маҳфиле бошукӯҳ,
Гузар карда з-уқёнусу рӯду кӯҳ.
Дар ин маҳфиле, ки зи ҳар кишваре,
Шуда ҷамъ бар мақсади доварӣ.
Зи ман доварон мекунанд ин суол:
-Саразм аз чӣ овард рӯ бар завол?
Чаро гашт маҳди тамаддун хароб,
Чаро монда дар зери хок аст хоб?
Бигуфтам, ки умраш бувад шаш ҳазор
Гаҳе буда шоду гаҳе дилфигор.
Фурӯзанда буд оташи Зардуҳишт,
Ки таърихаш аз хишту оташ навишт.
Зи куштору ғорат, зи пайваста разм,
Нагун гашт толеи аҳли Саразм.
Кунун монда бар тоҷикон ёдгор,
Саразме чу вайронаи рӯзгор.
Вале ҳифз бояд намудан чунон,
К-аз он панд гирандояндагон.

Ба Феҳристи мероси дунё, Саразм.
Ту ворид шудию ба по гашт базм.
Фишурданд дасти маро з-ифтихор,
Вакилони фарҳанг аз ҳар диёр.
Ту гӯӣ зи шодӣ дар он анҷуман
Нагунҷидам он рӯз дар пираҳан,
Ки ин ёдгори ниёгони ман,
Диҳад панд акнун ба ҳар анҷуман,
Ки ҳар порахиште, ки пайдо шудаст,
Чу рамзи тамаддун ҳувайдо шудаст.
Ки ҳар пора чун пораи дил бувад,
Дили пора, к-аз теғ бисмил бувад.
Вале омад он то ба даврони нав,
Ки тоҷики озода шуд пешрав.
Кунун давлати тоза эҷод кард.
Бад-он рӯҳи пешиниён шод кард.
Басе ганҷу асрор дорӣ, Саразм,
Ту бар халқи ман ифтихорӣ, Саразм.

**Ба Шукрӣ Иброҳим,**

Шукрии Иброҳими соҳибсухан,
Шеъри ту мақбули ҳар як анҷуман.
Ифтихорам з-он ки ту ҳамдеҳаӣ,
Шоиру омӯзгори илму фан.

Дар каломи ту ҳақиқат ҷилвагар,
Ҳам ҳақиқат ҳам адолат дар назар,
Баски ҳастӣ шахси бономусу нанг,
Мехурӣ аз дигарон ғам бештар.

Эй рафиқи арҷманду некном,
Бар ту хоҳам зиндагии бардавом,
Килки шеърафшону маънизои ту
Бод дар гулзори коғаз хушхиром.

Гарчи ҳампо нест бо давру замон
Деҳи пуровозамон Боғикалон,
Орзу дорам, ки аз ашъори ту
Панд гирад насли озоду ҷавон.

З-аҳли ирфон монда он ҷо ёдгор
Обу оташдида пири мо- чанор.
Аз Худо хоҳам, ки бошӣ шодком
Чун чанори мо азизу устувор.
31 маи с.2009

**Чанори Боғикалон**

Чанори деҳаи ман солхӯрда мебошад,
Бузург кӯҳсифат, бас салобате дорад.
Ҳазорсола бувад, решаҳош паҳну пареш,
Барои деҳагиёнам наҷобате дорад.

Сафар кунанд зи деҳ одамон ба манзили дур,
Даме ситода ба наздаш сукут меварзанд.
Ду даст бурда ба рӯ илтиҷо кунанд барор,
Гумон кунанд, ки бо ӯ ду ёри беғаразанд.

Падар ҳамеша ҳамегуфт, к-ин чанори бузург
Зи ҷадди ҷадди бузургаш нишона мебошад.
Чу решаҳои чаноранд решаи аҷдод,
Ки хонаводаи мо бекарона мебошад.

Замонаҳои пур аз шӯру шар надод имкон,
Ки ҷумла хешу ақориб ба назди ҳам оянд,
Ҳамеша илму адаб буда сарвати эшон,
Ки кохи маърифату илмро биёроянд.

Падар ҳамеша ба такрор менамуд исрор:
«Ки бе таҳорат аз ин раҳ гузор нанмоем,
Зи баски ҷадди бузургаш буда валиюллоҳ,
Ба ҳусни хулқ аз ин ҷода роҳ паймоем.

Касе, ки поку ба ихлос з-ӯ мадад хоҳад,
Худой кори варо медиҳад кушоду барор.
Аз ин лиҳоз ба ҳангоми раҳгузар будан
Ба ин чанор ба ихлос эҳтиром гузор».

**Дубайтиҳои наврӯзӣ**

Сабзаҳо қолини наврӯзӣ шуданд,
Мурғакон хушком аз рӯзӣ шуданд.
Домани дашту даман аз лолаҳо
Сӯзании сурхи гулдӯзӣ шуданд.

Аз садои шир-шири ҷӯборҳо,
В-аз насими форами кухсорҳо.
Ҷон ҳаловат мебарад чун деҳқон
Аз замини сабзу киштукорҳо.

Абри найсон барфҳоро об кард,
Киштро аз файзи худ шодоб кард.
З-исфаноҷу қоқуву наънои нав
Ошаку самбӯса хӯрданбоб кард.

Фасли Наврӯз аст, торон сар кашид.
Қӯзақарнӣ баъди борон сар кашид.
Қомати ревос дар домони кӯҳ
Бо садои раъд шодон сар кашид.

Баъди борон ҳафтранг омад падид,
Аз баҳори файзбахш омад навид.
Шуд табиат дар назар ҳамчун арӯс,
Чатри гул бодом ҳам бар сар кашид.

Соқиё, май деҳ, ки Наврӯз омадаст.
Зиндагӣ бар марг пирӯз омадаст,

Ҳафтсину ҳафтшин дар хони мо
Аз ниёгон пандомӯз омадаст.

Дил ҷавон шуд, ишқ зеботар шудаст,
Зиндагонӣ ҳам гуворотар шудаст,
Ёр ҳам берун баромад аз ҳиҷоб,
Меҳрубону шӯху раънотар шудаст.

Сабзаву гул, шоххҳои сабзранг
Дур афгананд чодарҳои занг,
Аз табиат ёри мо бигрифт панд,
Бо хурофоту таассуб кард ҷанг.

**Рубоиҳо**

Ман хотираи хеш варақ гардондам,
Дар ҳар варақе ёди муборак хондам.
Ин қадр чу нур дар китобам шудаӣ,
К-аз шамъи фурӯзони ту ҳайрон мондам.

Хуршед, зи танҳоӣ ту саргардонӣ,
Чун миллати танҳои мани ҳайронӣ,
Ҳар ҷо шунавем таъни беинсофон,
Гар нест шавӣ, ҷаҳон шавад зулмонӣ.

Эй Зӯҳра, туро, ки хондаанд ахтари наҳс,
Ин тӯҳмати хокиён туро омаду бас.
Инсон ба чӣ қодир аст, гар донистӣ,
Ҳаргиз нанамудӣ рухи зебот ба кас.

Эй чашм, чу рӯзгори ман тира машав,
Чун парданишину муҷримон хира машав.
Ту оинаи нуру дилу ишқи манӣ,
Ҳампешаи хокистари бешира машав.

**Муноҷот ба субҳ**

Салом, эй субҳ, гармии нафасҳо,
Навиди корвон, бонги ҷарасҳо.
Ҷаҳони хобро созӣ ту бедор,
Сарони сарварон гардад кулаҳдор.
Ба курсӣ меравад маснаднишине,
Ба масҷиду калисо аҳли дине.
Туӣ оғози во кардан даҳонро,
Ҷиҳоди нафс баҳри обу нонро,
Кафи дасте равад баҳри гадоӣ.
Кушоӣ пардаҳои бенавоӣ.
Шаби торик пӯшад розҳоро,
Ту ифшо мекунӣ рози гадоро.
Кушояд ғунчаи дилхун даҳонро
Барорад бар фалак булбул фиғонро.
Занӣ байроқи худро бар сари кӯҳ,
Бигирад ранги хун теғу бари кӯҳ.
Ту монанди арӯсӣ баҳри доро,
Ғами нав, дарди нав ҳар бенаворо.

Ту ҳам хуниндилӣ аз даври гардун,
Шафақ оҳест, к-аз дил созӣ берун.
Биё, бо муждаҳои растагорӣ,
Ки то инсон шавад хушбахт боре.
Барор аз домани худ офтобе,
Саодатро шавад заррин китобе.
**************

Гаштаам басе дилгир
Аз ғами тамаддунҳо,
Аз фурӯғи меғолуд,
Баҳсҳои бемаъно.

Рози ҳастӣ бас ҷустем
Дар замину дар кайҳон,
Кашф шуд басе асрор,
Ғайри ботини инсон.

***************************
Меҳмонем дар ин дори ду дар,
Ҳама дорем аз он азми сафар.
Субҳ бишкуфтану шаб пажмурдан,
Ибрате дод гули шому саҳар.
*************

**Дидори вопасин бо Абдуқодир Маниёзов**

Сухани вопасини худ афсӯс,
Ба шумо нонавишта мемирам.
Лек тухми муҳаббати пурдоғ
Дар дили хеш кишта мемирам.

Рӯзгоре шавад, ки з-обу гилам
Лолаҳо доғдор мерӯянд,
Суханони нагуфтаи манро
Бо забони хамӯши худ гӯянд.

Дили ман з-ишқи нотамоми Шумо
Ҳам зи урёнии риёи замон,
Пора-пора, варақ-варақ хун шуд,
Ки дар он лола гаштааст ниҳон.
15. 07. 2011
***************************

Дар ин Ватан , диёри кӯҳсори дилнишин,
Ба азми пурфутӯҳи сарварии ростин,
Ба давлати навину пуршукӯҳу босафо,
Расидааст миллатам ба шаҳпари вафо.
Ҷаҳон шунав садои тоҷиконаам,
Ки сӯи бахти безаволи худ равонаам.
***********
Роҳи Истиқлол роҳи бахти мост,
Давлати мо, шаъни тоҷу тахти мост.
Ваҳдати халқи Ватан поянда шуд,
Рӯҳи фарзандони миллат зинда шуд.

Шуд дирафши ковиёнӣ парфишон,
Рамзи Истиқлолу разми тоҷикон.
Ваҳдат аз таърихи миллат панди мост,
Ҳифзи Истиқлоли мо савганди мост[17]. 10 августи соли 2012

**Ба Варзобруд**

Гаҳе ҳамнолаи шабзиндадорон,
Гаҳе масти маи ҷоми баҳорон.
Ба аспи мавҷҳо чун шаҳсаворон,
Туӣ васловарӣ бар интизорон,
Аё дарёи шӯрангез, Варзоб,
Аё дунёи меҳрангез, Варзоб.

Паноҳи аввалини ишқбозон,
Суруди беҳтарини дилнавозон,
Паёми оташини ғамгудозон,
Ба сӯят ошиқон оянд тозон,
Ту руди ошиқон, Варзоб, Варзоб.
Ту шеъри ҷовидон Варзоб, Варзоб.

**Муноҷот**
Бидеҳ бар дардҳо дармон, Худоё.
Ба ранҷи ранҷбар поён, Худоё.
Зи номардӣ ҷаҳон андар азоб аст,
Бидеҳ мардӣ ба номардон.ю Худоё.
Ба дилҳое, ки холӣ аз муҳаббат,
Бубахшо ишқи пуртуғён, Худоё.
Ҷаҳон сард аст аз бемеҳрии мо,
Зи меҳрат гармие бар ҷон, Худоё.
Ба ҳар сӯ халқ аз даҳшат гурезон.
Бидеҳ ором бар инсон, Худоё.
Зи макри ғарбиён то чанд бошад
Диёри шарқиён вайрон, Худоё?
Мусалмон ғарқи гирдоби таассуб,
К-аз он ислом дар нисён, Худоё.
Зи исломи дурӯғин хаста гаштам,
Намо роҳе ба ҳақпӯён, Худоё.
Ба ваҳдат сидқ варзидам ,ба ман шуд
Якӣ ислому ҳам имон , Худоё.
17 марти соли 2012
**Ба табибони ҳозиқ**

Эй табибони азизи Ватанам,
Аз шумо ҳаст илоҷи тану ҷон.
Дард аз доруятон маҳв шавад,
Бал давояст нигоҳи хушатон.
Аз суханҳои шумо беморон
Қуввати тоза ба дил касб кунанд,
Лашкари дард ба нирӯи шумо
Бо ду-се ҳамлаи дору шикананд.

---

[17] Ин абёт барои ҷашни 21-умин солгарди Истиқлолият бо хоҳиши устоди ҳунари тоҷик Ибодулло Машрабов иншо шуд.

Зиндагонӣ хушу гар ширин аст,
Тани осудаву солим бо ӯст.
Бо табибони наҷибу дилсӯз
Ҳоли бемор ба ҳар рӯз накӯст.
Ба Шумо, нозири солимии халқ,
Офарин хонаму гӯям аҳсан.
Танатон бод зи ғам осуда,
Дилатон шод чу гулзори Ватан.
18 марти соли 2012

**Ёди модар**

Солҳо гарчи гузаштанд аз он
Рӯзи маҳшар, ки ҷудо аз ту шудам.
Дар талотумкадаи даҳр басе
Бе ту сар ҷуфти сари зону шудам.

Раҳнамое чу ту дигар набувад,
То диҳад маслиҳату панд маро.
То ки он панд шавад ҳамчу сипар,
Надиҳад теғи фалак фанд маро.

Гарчи мардон ҳама ғамбардоранд,
Бе ту, модар, ҳама дам дар ранҷам.
Ҳар қадар сарвату давлат бошад,
Бе ту чун хоки раҳе беганҷам.
10 марти соли 2012

**Некӣ**

Гар соате дилеро
Аз меҳр хуш намоӣ,
Зангу ғубори дилро
Бо хандаат зудоӣ,
Аҳсант бод бар ту,
Аҳсант бод бар ту.

Дасти фитода гирӣ,
Мушкил намоӣ осон,
Як чашми тар зи ғусса
Аз ту шавад фурӯзон.
Аҳсант бод бар ту,
Аҳсант бод бар ту.

Як ташнаи мусофир
Аз дасти ту хурад об,
Ёбад шифо зи лутфат
Як дардманд, нотоб.
Аҳсант бод бар ту.
Аҳсант бод бар ту.

Бар кӯдаки ятиме
Пушту паноҳ гардӣ,
Бар кӯри роҳпаймо
Ҳодии роҳ гардӣ,
Аҳсант бод бар ту.
Аҳсант бод бар ту!

**Ба зани фирории тоҷик**

Куҷо шуд он табассум бар лаби чун ғунча хандонат,
Куҷо шуд лолаи рухсораи шамъи фурӯзонат?
Куҷо шуд он хироми нозуки сарви гулистонат?
Замони бетараҳҳум бурд файзи боғу бустонро,
Тароватҳои ранги рӯю барқи тези чашмонро.

Ҳазорон дил ба тори кокулонат буд овезон,
Ҳамеша мақдамат аз меҳри ёрон буд гулафшон,
Зи ту ними нигоҳе буд иде баҳри муштоқон.
Кунун дур аз назарҳо гоҳу ногаҳ мекашӣ оҳе,
Зи пастию баландиҳои дунё хуб огоҳӣ.

Ватан мегӯию дар хештан мепечӣ ҳамчун мӯ,
Ки вайрон шуд диёр аз дасти чандин шахси мансабҷӯ,
Маҳалбозу сиёсатбози беимони чандинрӯ,
Ту аз ин рӯзгори наҳс ранҷуру парешонӣ,
Аз ожанги ҷабинат сарнавишти талх мехонӣ.

Ҳазорон ҳарф аз номусу нанги хештан гуфтанд,
Ватан озод месозем аз зоғу заған гуфтанд,
Туро худ зиндадаргӯру ғуломи бекафан гуфтанд.
Чунин ҳаррофмардон ҷумла номарданд, донистӣ,
Сухан аз дард мегӯянду бедарданд, донистӣ.

На аз куфру на аз исломи нав ҳосил бишуд тадбир,
Чӣ тадбире? Ба зери ҳар сухан пинҳон бувад тазвир.
Ба болои сарат ногоҳ омад сели тӯпу тир.
Ҳаросон гашта чун оҳу рамидӣ аз ватан, ҷоно,
Замину осмон бар ҳоли зорат буд бепарво.

Ту аз саҳрову кӯҳу руди пуртуғён гузар кардӣ,
Ба дунёи дигар бо чашми сар акнун назар кардӣ,
Ба чандин шева аз пеши раҳат дафъи хатар кардӣ,
Ба ҳар ҷое, ки рафтӣ, нестӣ осудаву ором,
Гирифтӣ дона аз дасти касе, бинҳод чандин дом.

Чу санги осиёбе давр мегардад сарат ҳар дам,
Вучуди нозукат озурда шуд аз захми садҳо ғам,
Ба дил доғи ҷудоӣ дар танат пироҳани мотам,
Зи сар то по танам дар оташи ранҷи ту месӯзад,
Дилам чашми умеди хештан сӯи ту медӯзад.

Дареғо, хонаи уммеди мову ту бишуд тороҷ,
Ба кӯи дигарон афтодаию гаштаӣ муҳтоҷ,
Ба сар тоҷи арӯсӣ доштӣ , гум кардаӣ он тоҷ,
Миёни ин замину осмон сайёра гардидӣ,
Ҷудо аз домани хоки Ватан бечора гардидӣ.

Дилат гум мезанад ҳар лаҳза бар ин чашмаву ин об,
Ки аз занҷири гесӯи ту дар дил дошт печутоб,
Ба ҳар сӯ мезадӣ бебок ҷавлон дар шаби маҳтоб,
Кунун дар хаймаи саҳрои дур аз об маҳбусӣ,

Надорӣ дар кафат сармояе ҷуз оҳу афсӯсе.

Ғанимат буд он даврону расми ошноиҳо,
Ба шӯхӣ менамудӣ гоҳ-гоҳе худнамоиҳо,
Дилам садпора имрӯз аст аз теғи ҷудоиҳо,
Ба ёди хандаҳои лаъли майгунат ҷигархунам,
Аз ин оворагиҳое, ки дорӣ, сахт маҳзунам.

Маро бе ту Ватан чун хонаи торику хомуше,
Туро дур аз Ватан оворагию хонабардӯшӣ,
Агар шарбат диҳандат, гӯӣ, ҷоми заҳр менӯшӣ,
Чунин афсурдагӣ, эй ҷони ширин, то ба кай бошад?
Ба доми дигарон афтодану кин то ба кай бошад?

Биё, то хонаи вайронаро обод бинмоем,
Дил аз кину кудурат як қалам озод бинмоем,
Ба ҳам биншаста ёру дӯстонро шод бинмоем,
Пас аз мо то ки кишвар сабз ҳамчун бӯстон монад,
Фазои Тоҷикистон сулҳпарвар ҷовидон монад.
23 феврали осли 1996

**Ба Сироҷиддин Осимӣ**

Ёди мо кардӣ ба некӣ, эй рафиқ,
Ёди ту дар сафҳаи дил зинда бод.
Киштии уммеди ҳамдилпарварат
Дар расиданҳои соҳил зинда бод.

Рӯзгори мо агарчи мушкил аст,
Ҳамчу кӯҳистони мо ҳамвор нест,
Лек аз мушкилнописандиҳои мо
Зиндагӣ дар сояи девор нест.

Рӯҳ мехоҳад ситезад ҳар даме,
Ақл мегӯяд, ки як дам сабр кун.
Гавҳари уммед парвардан ба дил
Дар баландиҳо қиёс аз абр кун.

Мумиёии садоқатпешагон
Ҷисми миллатро бапайванд оварад,
То ба рағми макру тороҷу ғараз
Тоза як фарзанди миллат офарад.

Бо дили огоҳу азми устувор
Дар баландиҳои фитрат кун мақом,
Шод бош андар ҳарими обрӯ,
Шоири некӯву марди некном.
27. 07.1997

**Тоҷикистон, Тоҷикистон!**

Зодаи даврони тӯфон,
Охирин уммеду армон
Баҳри тоҷикони дунё
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Ворисн «Қонун»-и Сино,
Рӯдакиро чашми бино,
Зиндадори Оли Сомон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Лаълбахшу зарфишонӣ,
Сарзамини кӯҳу конӣ,
Шамси анварро маконӣ,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Бахти мо дар ваҳдати ту,
Дар шукӯҳу шавкати ту,
Дар бақои давлати ту,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

**Мурочиат ба дил**

Илтимос, эй дил, зи ҳадди хештан берун машав.
Аз фишори осиёби ғам даме маҳзун машав.
Теғи даврон тезу чашми рӯзгорон хунфишон,
То нагирӣ хунбаҳои хештанро, хун машав.

То шукуфад ғунчаҳои гулшани армони халқ,
То шавад серобу пургул киштаву майдони халқ,
Бар низому бар мароми хештан собит бимон,
Ҳамнавои сози ваҳдат бошу ҳампаймони халқ.

Шодмон будӣ замоне, халқ Норак офарид,
Аз суруди дилбари гулпираҳан, ки пахта чид,
Аз навои обшороне, ки мебахшад фараҳ,
Аз чароғистони шоми шаҳр, ҳамчун рӯзи ид.

Ҷои ишқу меҳр дарси кину ҷанг омӯхтанд,
Хонаи уммеди моро хонасӯзон сӯхтанд.
Боз фарзандони боидроку дилсӯзи Ватан
Шамъ гардиданду роҳи халқро афрӯхтанд.

Офарин дил, ту тапидӣ дар раҳи сулҳу вафо,
Шод гаштӣ аз шуниданҳои савти ошно.
Сар ба болин гар ниҳам рӯзе зи бозиҳои ту,
Розиям, ки бо ту паймудам раҳи аҳду вафо.

Бо ту мехоҳам бубинам рӯзгори тозаро,
Боз буданҳои роҳу кӯчаву дарвозаро,
Толеи некӯи фарзандони шаҳру деҳи мо.
Шодии заҳматкаши мулки баландовозаро.

**Тоҷи сар**

Дар нигоҳат шӯълаи меҳру вафоро дидаам,
Дар гули рухсораат мавҷи ҳаёро дидаам,
Дар табассумҳои ту уммеди фардо ҷилвагар,
Дар ҷабинат толеи субҳи сафоро дидаам.

Офарин, ту ноумедиро паси сар мекунӣ.
Бо чароғи маърифат роҳат мунаввар мекунӣ,
Бо хушунатҳои даврон дар ситезӣ ҳар замон,
Бо ҷасорат сарнавишти хеш дигар мекунӣ.

Ҷони ман шоистаи давру замони нав туӣ,
Мабдаи нирӯи эҷоди ҷаҳони нав туӣ.
Гармию сардии бисёре таҳаммул кардаӣ,
Боз ҳам дар рӯ ба рӯи имтиҳони нав туӣ.

Аз хурофоту таассуб дур мехоҳӣ шудан,
Бар алайҳи тирашабҳо нур мехоҳӣ шудан.
Чодари мотам зи сарви қоматат партофта,
Аз паи шодию тӯю сур мехоҳӣ шудан.

Зан агар озод набвад, ҳеҷ мулк обод нест,
Зан агар озод набвад, ҳеҷ халқе шод нест,
Зан агар озод набвад, бахт гӯё мурдааст,
Одамиро қудрати парвози истеъдод нест.

Зан ба мисли офтоби форами фасли баҳор,
Чун насими рӯҳбахшу дилнавози кӯҳсор,
Зан тасаллибахши мардон аст дар ҳангоми ғам,
Зомини бахту бақои насли фардои диёр.

Зан фақат зебоию ишқу вафо меофарад,
Қаҳрамони миллату марди шуҷоъ меофарад,
Рӯзгори тозаву сарсабз чун Наврӯзи мо,
Хонаи ободу гарму пурзиё меофарад.

Мард бошӣ, тоҷи сар гардон зани тоҷикро,
Нахли пургул, пурсамар гардон зани точикро,
То ки дунё бо ҳавас бар Тоҷикистон бингарад,
Аз саодат баҳравар гардон зани тоҷикро.

**Меҳмони диёри тоҷикон шав**

Хоҳӣ, ки бубинӣ шодмонӣ,
Дар мақдами дӯст гулфишонӣ,
Ширинсуханию меҳрубонӣ,
Меҳмони диёри тоҷикон шав,
Тоҷи сару нури дидагон шав!

Ҳар гул, ки дар ин диёр рӯяд,
Гӯё ки ба ханда «сулҳ» гӯяд,
Ҷоми маю васли ёр ҷӯяд,
Меҳмони диёри тоҷикон шав,
Тоҷи сару нури дидагон шав!

Бо дӯст, ки ифтихор дорем,
Ҷон дар раҳи ӯ нисор дорем,
Ин расм ба ёдгор дорем,
Меҳмони диёри тоҷикон шав,
Тоҷи сару нури дидагон шав!

Бо сарвари дурбину доно,
Дорем сафар ба сӯи фардо,
Фардои умеду орзуҳо,
Меҳмони диёри тоҷикон шав,
Тоҷи сару нури дидагон шав!

**Шаби пурситора**

Ишқи ман бар ту гулфишонӣ не,
Дил ба ту дода ҷонфишонӣ буд.
Ҳусни ту шӯълаи заминӣ не,
Як таҷаллии осмонӣ буд.

Осмони ситоразоронро
Ҳар ду бо ҳам назора мекардем,
Оғуши ошиқонаи худро
Маҳфили пуршарора мекардем.

Андар он шаб садои ду дили пок
Дилнишин савти зиндагонӣ буд,
Маст андар ҷаҳон зи бодаи ишқ
Ҷоми лабҳои арғувонӣ буд.

Чӣ кунам бе маҳи рухат акнун
Осмони ситоразоронро?
Тани танҳову нолаи дарё,
Ин дили ношикаста армонро?

**Ниҳоли Истиқлол**

Гирифта дасти ҳам
Зи хона омадем бурун.
Ману набераи зебои ман,
Ки медавад акнун.
Ду чашмакаш чи дурахшон,
Нуҳуфта гӯӣ дар он барқ,
Умеди тозабаҳорони ман
Ва ё ки ғунчаи бахти ҳазорсолаи Шарқ.
Ба сӯи боғ бирафтем,
Ниҳолаке бигирифтему
Ҳар ду биншондем.
Ба шодӣ гуфт, ки «Бобо, чӣ аст номи ниҳол?»
Бигуфтам: -Эй дили бобо,
Ниҳоли Истиқлол.
Бидеҳ ҳамеша ту обаш,
Ки сабз гардаду маҳкам,
Расед ҳар ду баробар
Ба боргоҳи камол.
Ниҳолу меваи ширини даври Истиқлол».

**Илтиҷо ба Офтоб**

Офтобо, зи чист туғёнат,
Оташ аз сина афганӣ берун?
Ё дилат аз ғами Замини ман
Оқибат гашт хуни оташгун?

Золиме дар қабои пургули адл
Хуни бечорагон макид магар?
Ё ҷавонмарди ҳақпарасту ғаюр
Дар раҳи ҳақ ба хун тапид магар?

Луқмаи нони як ятимеро
Бирабуданду додаанд озор,
Ё саре аз муборизони халқ
Рафт мардона то ба ҳалқаи дор?

Ё ки сармоя дар замона бишуд
Асли қонуни зиндагонии мо,
Чун адолатпарасти боҳиммат
Ту накардӣ таҳаммули онро?

Ё ки шахсе ба ҳилаву иғво
Гашт пирӯз бар ҳарифи хеш?
К-аз чунин расми ноҷавонмардӣ
Дилу ҷисми ту гашт решу пареш?

Ё ки оини меҳр рафт аз ёд,
Дар фиғон омадӣ зи танҳоӣ?
Ё ки ҳамсанги бовафое нест
Бо ту дар зери чархи миноӣ?

Офтобо, зи чист туғёнат,
Ҳар тараф мавҷи оташин poшӣ?
Дар ғазаб ғӯтавар шудӣ гӯё,
Разм дорӣ ба зидди авбошӣ.

Офтобо, зи шӯру ғулғулаат
Сактадилҳо азобҳо доранд.
Дар дили пурумеду пурармон
Ошиқон изтиробҳо доранд.

Илтиҷо мекунам, каме ором
Шав, ки мо з-ин ҳаёт хаста шудем.
Ёри ман дурр чун Бухоро шуд,
Дар Душанбе зи ҳам гусаста шудем.

Нури сӯзони хешро мафишон
Сӯи ҷисми наҳифу пурдардам,
Ман ҳам оташфишон диле дорам,
Дар назарҳо агарчи хунсардам.

Офтобо, ба эътидол биё,
Адлу инсоф то шавад ҷорӣ.
Мағзҳое, ки кардаӣ таҳрик
Ба худ оянд аз ҷунункорӣ.

1994

**Хотира**

Ёд дорӣ, гоҳ -гоҳе ноз мекардӣ ба ман?
Дар лаби Варзоб дилро боз мекардӣ ба ман.
Мешудӣ гоҳе ҳаросон аз нигоҳи раҳгузар,
Шиква аз ин расми бад оғоз мекардӣ ба ман.

Сӯзанакҳоро кушода аз сари зулфат ба ноз,
Кокулонатро ба сӯи об мекардӣ дароз,
Дар даруни сина дил дар печутоб андохтӣ,
Ғамза кардию фикандӣ дар ҷаҳони сӯзу соз.

Ҳар гаҳе аз соҳили дарё кунун созам гузар,
Ҷилваҳои чашму гесӯи ту ояд дар назар,
Бӯсаҳои гарму нарми аввалини мову ту
Мурғи илҳоми маро аз нав бубахшад болу пар.

Баъди мо ҳам ошиқон оянд ин ҷо бошитоб,
То ки рози дил ба ҳам гӯянд дар паҳлӯи об.
Ишқашон, бигзор, бошад аввалину бардавом,
Орзуҳошон нагардад маҳв дар мавҷи сароб.

**Забони ман, ҷаҳони ман**

Забон дорам, замондорам,
Ватан дорам, ҷаҳондорам.
Дар ин гетӣ аз ин давлат
Ҳам ин дорам, ҳам он дорам.

Агар дарё диле дорад,
В-агар дил мушкиле дорад,
Садаф бошад дар ин дарё,
Дили ман маҳмиле дорад.

Забони ман, ту дарёӣ,
Ватан, бар ман ту дунёӣ,
Ту, эй дарё, ту, эй дунё,
Чи зебоӣ, чи зебоӣ.

Ватан дорам, ҷаҳон дорам,
Забон дорам замон дорам.
Дар ин гетӣ аз ин давлат
Ҷаҳони ҷовидон дорам.

**Асоси саодат**

Шавад кишваре дар ҷаҳон арҷманд,
Ки дар он бувад қадри инсон баланд.
Вазираш бувад оқилу нуктасанҷ,
Зи фазлу қаноат кашад бори ганҷ.
Ба ҳирсу ҳасад ӯ набошад асир,
Ки душман нагардад ба таънаш далер.
Ба ришват кунад ончунон панҷа сахт,
Ки ришватситон з-ӯ шавад тирабахт.

Навозад ба лутфи худ аҳли қалам,
Надорад раво бар заифон ситам.
Ба тадбири давлат бувад пухтакор,
Низоми адолат кунад барқарор.
Асоси саодат адолат бувад,
Ҳар он ҷо адолат саодат бувад.

**Ожанг**

Дида ожанге ба рӯят андар акс
Шодмонияt мубаддал шуд ба ғам.
«Пир гаштам» – гуфта бо афсӯсу оҳ
«Ҳай ҷавонӣ рафт», – гуфтӣ бо алам

Дида як-ду тори мӯҳои сафед
Ҳалқа зад дар чамшҳоят зуд ашк.
Шуд намакпошидае бар сӯхта
Таънаи ноҷои бадҷаҳле зи рашк.

Ҷони ман! Ҷои гурез аз умр нест,
Меравад беист чун оби равон.
Ҳусн ҳам, афсӯс кам-кам меравад,
Пир гардад ҳар касе, буда ҷавон.

Ҷони ман, ҳаргиз махур ғам баъд аз ин
Лаҳзае бо чашми ман бар худ нигар,
Рӯи ту зебост чун гулҳои субҳ,
Чашми ту чун чашми оҳу пуршарар.

Ту ҷавонӣ бо табасумҳои худ,
Ту ҷавонӣ бо сухан, бо дилбарӣ.
Ту ҷавонтар мешавӣ дар ҳар нигоҳ,
Чунки ноогоҳ дилро мебарӣ.

**Рӯймол**

Субҳ дидам чу рӯймоли туро
Пур зи гул буду бӯи гул омехт.
Бод аз атри гесуят сармаст ,
Ҳар тараф бурда атри гул мерехт.

Рӯймолат чу бар гулӯ печад
Сару рӯи туро кунад гулпӯш.
Мебарам ман ҳасад ба рӯмолат
Ки чӣ осон кунад туро оғӯш.

Чун бубинам дубора рӯмолат
Дили ман метапад зи рашку ҳавас,
Кош аз атри мӯю рӯю лабат
Мегирифтам ба лутфу меҳр нафас.

Ту чи зебою дилситону малеҳ
Ба нигоҳе асир мекунӣ дил,
Чӣ кунам ман? Магар гуноҳи ман аст,
Ки ту дил бурда, мекунӣ бисмил?

**Нигоҳ**

Ман фидои чашми зебои туям,
Соғари мавҷи маи эҳсосу ноз.
Бар ман ин эҳсоси ту шавқ оварад,
Бар нигоҳам мекунад оғӯш боз.

Аз таассубҳо гузар бояд намуд,
Канд бояд баъд аз ин банди ҳиҷоб.
Чун Худои ишқ моро додааст
Давлати ишқу ҳаёти боҳисоб

Эй Худои ишқ, бар додам бирас,
Бо ҳам овардию танҳо мондаам.
Гарчи урёнии эҳсоси варо
Аз нигоҳи сеҳрбораш хондаам.

Чун дарахти пургули зебои ноз,
Пой то сар як ҷаҳон розу ниёз,
Мекашад сӯи худ, аммо мениҳад
Ин дили бечораро дар сӯзу соз.

Ҷуръате, эй ғофили дунёи ишқ,
Пеш рав, худро дар оғӯшаш фикан.
Чун Худо худ хилватеро додаст,
Шукр гӯям бар Худои хештан.

Ҳар замон метарсӣ аз бори гуноҳ,
Монда андар пардаи пиндорҳо.
Чун Худо додаст шабҳои висол
Пас бинӯш аз соғари доди Худо.

Мекунӣ эҳсос ҳар гоҳе, ки ман
Бо муҳаббат мекунам сӯят назар,
Ҳамчу симобӣ ба ботин, аз нигоҳ
Беқарорӣ дар дилат шуд бештар.

Аз нигоҳи чашми зебои ту ман
Ҳарфи хомӯши дилатро хондаам.
Баҳри ту душвор гуфтан ошкор,
Бе сухан ман ҳам ба ту дил додаам.

**Ба профессор Хазиев В.С.**

Чашмаҳо наҳр мешаванд охир,
Наҳрҳо руду баҳри пуртуғён.
Ишқ аз сарчашма мебарад ҳар дам
Қатраро сӯи баҳр бо ҳаяҷон.

Одамон низ қатравор раванд
Бо муҳаббат ба сӯи ҳамдигар.
Дӯст гарданд, то аз он ёбанд
Бахту иқболи тоза аҳли башар.

Омадам бо дили чу қатраи пок
Ба Уфа- шаҳри Бошқирдистон.
Ба диёре, ки ҳамчу ҷилваи нур
Рухи ҳар фард дидаам тобон.

Дар сари роҳи мо дарахтонаш
Ҳамчу меҳмоннавоз бедоранд.
Чодар аз барфи тоза бар сарашон,
Сар ба таъзим чун арӯс оранд.

Ин диёре, ки панди Ақмулло
Медиҳад нури маърифат ҳар дам.
Шеъри Мустай Карим бо ғалаён
Мекунад васф ишқу меҳри Ватан.

Ман салому паём овардам
З-оби софу зи қуллаи Помир.
Аз диёри Авеставу Сино,
Рӯдакӣ, баҳри дилбари башқир.

Орзуям, ки фард-фард ин ҷо
Бошад оинадори ишқу вафо.
Ба Шумо дӯстона мегӯям:
Бод ин хона пур зи меҳру зиё!

**Ба рӯҳи Ақмулло**

Дар Уфа, шаҳри фазлу зебоӣ,
Буд имрӯз ҷашни Ақмулло.
Рӯҳи ин марди маърифатпарвар
Зинда гӯё шудаст дар ин ҷо.

Худшиносию маърифатхоҳӣ,
Буд мазмуни зиндагонии ӯ.
Хост то халқи бошқирд шавад
Соҳиби донишу ҳаёти накӯ.

Сӯфии покдил, ҳақиқатҷӯ
Дар мубориза бо ҷаҳолат буд.
Ишқи инсону Ҳақ дар осораш
Меҳвари покию адолат буд.

Оре, ин марди ҳақпараст бувад
Раҳнамои азизи бошқирдон
Мефиристам дуо ба рӯҳӣ ӯ,
Бод ҷояш биҳишти ҷовидон.
Декабри соли 2009, Уфа
**Ноки содиқӣ**

Дар деҳи файзбори Боғикалон
Пирамарде ба номи Содиқ буд.
Боғбони асили заҳматкаш,
Корҳояш ба дил мувофиқ буд.

Ҳар дарахте ба ӯ чу фарзанде
Буд гӯё, ба меҳр мепарвард.
Рафта дар назди ҳар ниҳолу дарахт,
Ҳамчу бо одамӣ сухан мекард.

Дасткола ба даст мебуррид
Шохҳои зиёду бебарро.
Баргпайванд, исканапайванд,
Найчапайванд менамуд ҳар ҷо.

Боғи ӯ нокзори зебо буд,
Ноки ӯ дошт таъму бӯи аҷиб,
Ҳар кӣ мехӯрд офарин мехонд
Ба чунин боғбони неку наҷиб.

Ноки пайвандиаш дар он атроф
Дошт бо номи соҳибаш шуҳрат.
Ноки содиқиро набуд ҳамто
Ҳамчу ҳалвои писта дар лаззат.

Ранги нокаш чу «Ҳусни Йусуф» буд,
Нимааш сурхтобу нима сафед,
Кӯдакон ҳадяе талаб бикунанд,
Нок медод рӯзҳои ид.

Гоҳ дар чойхонаи деҳа
Тоқиро монда менишаст ба шаст.
Табақи ноку носдонкадуро
Васф мекард баҳри аҳли нишаст.

Гоҳ бо оҳу сӯзи дил мегуфт,
Ашкро пок карда аз чашмон:
_ «Ку писар, ки хурад аз ин нокам?
Дод аз дасти ваҳшии Гирмон!»

**Рӯъё**

Имшаб ду чашми ту
Монанди ахтарон
Буданд нурбор.

Имшаб дур рӯи ту
Бо лолаҳои тар
Буданд чун баҳор.

Имшаб ту ҳамраҳам
Будӣ чу ҷон ба тан,
Наздиктар ба ман

Бар тан чу пираҳан.

Афсӯс боз ҳам
Будӣ зи ман ту дур,
Чун офтоби дай,
Чун гармии булӯр.

Будам зи нури ту
Равшан, валек сард.
Сар то пой ман
Як ҳайкале зи дард.

**Ванҷ**

Ванҷ дорад ганҷ бехадду ҳисоб,
Қуллааш ҳамсоя шуд бо офтоб.
Ванҷ дорад меваҳои шаккарин,
Мардумаш озодаву меҳнатқарин.
Кӯҳҳояш нуқрапӯшу ганҷбор,
Оҳувонаш шухчашму беқарор.
Обҳояш соф монанди булӯр,
Нур бар чашм оварад дилро сурур.
Дилбари ванҷист шӯху меҳрубон,
Суҳбаташ нирӯ диҳад бар ҷисму ҷон.
Чун биҳишт андар баҳорон Ванҷи мост,
Ҳусни кӯҳу водияш беинтиҳост.
Қуллаи болотарин андар ҷаҳон
Шуҳраташро бурда сӯи осмон.
Гӯшае аз Тоҷикистони ман аст,
Равнақаш уммеду армони ман аст.

**Ба устод Соҳиб Табаров**
**Ба муносибати 75-солагӣ**

Устоди азизу арҷмандӣ,
Ҳам Соҳиби толеи баландӣ.
Тай кардӣ се биступанҷ аз умр,
Гаҳ дидӣ азобу ранҷ аз умр.
Навмед нагашта лек аз ранҷ,
Овардӣ ба даст махзани ганҷ.
Ганҷинаи туст донишу илм,
Фазлу адабу фаросату ҳилм.
Чун мазҳаби туст ҳақпарастӣ,
Озодаву сарбаланд ҳастӣ.
Оре, ту чу олими худафрӯз
Таҳқиқ намоӣ то ба имрӯз.
Хоҳам ба ту шодию амонӣ,
Осоиши ҷисмию равонӣ.
Устод, ту фахри тоҷиконӣ,
Ҷовид дар ин диёр монӣ.
Осори ту ҳайкалест зебо
Бар илму адаб, мунаққиди мо.

**Мухаммасҳо**

**Фарзанди Ватан бояд...**

Касе халқи Ватанро мекунад таҳрику ноором,
Ба хатте, ки рақибон мекашанд, ӯ мегузорад гом,
Надорад кори некӯ ҷуз хаёлу ваъдаҳои хом,
Яқинан нест ӯ фарзанди халқу кишвару айём,
Шавад аз кардаҳои хештан бадному бадфарҷом.

Ватанро марди ботамкину ботадбир мебояд,
Хирадмандию ҳушёриву панди пир мебояд.
Барои рафъи иллат кори бетаъхир мебояд,
Ба миҳан ҳам чу модар эҳтироми шир мебояд,
Ба некӣ то ба дунё миллати худро барорад ном.

Ба хирман кӯфтан ҳар кас надорад қудрату имкон,
Бибояд сабру меҳру заҳмати деҳқон ба обу дон,
Бубахшад нур то бар хони мардум офтоби нон
Мабод аз гушнагӣ як кӯдаки маъсум надҳад ҷон,
Падарворе хурад ғамҳои мардумро ба субҳу шом.

Саравал ишқ бояд, ишқи истиқлолу озодӣ,
Ба миллат ҷон супорӣ аз барои хонаободӣ,
Зи ҳар хона барояд то садои хандаву шодӣ,
Нагардад зиндагонӣ талх аз торроҷу бедодӣ.
Кунад аз шарбати ваҳдат тамоми халқ ширинком.

Касе, ки ҳиммати волову дасти пурсахо дорад,
Дили бекинаву покизаву дард ошно дорад,
Ба сар аз ифтихори миллату давлат ливо дорад
Нигоҳи меҳрбору такя бар аҳли зиё дорад,
Сазовор аст дар ҳар маҳфилу ҳар хона бар икром.

Чароғи хонадони бахти миллат то фурӯзонтар,
Шавад дастурхони неъмати ӯ то фаровонтар,
Ба дунёи тамаддун ахтараш то бод рахшонтар,
Зи шодии висоли ҳамдигар ушшоқхандонтар
Шавад яксон чу Румӣ бар насоро, буддию ислом.

Замон имруз дигар, кору бори ин ҷаҳон дигар,
Усули фитна, бозию фиреби душманон дигар.
Набояд баст уммеде ба лутфи дигарон, дигар,
Наояд дурри мақсад аз камону аз синон дигар,
Нашояд боз халқи хешро бурдан ба суӣ дом.

Шавад то табъи ҳар соҳибдиле чун сабза боланда,
Суруди ӯ, каломи ӯ расад бар насли оянда,
Бимонад давлати тоҷик ҳамчун кӯҳ поянда.
Зи ақлу маърифат ҳар фард то гардад намоянда,
Садоқатро самимона ба халқи худ кунад эълом.

**Мухаммас бар ғазали Ҳофиз**

Субҳ аз парда бурун шуд, шаби тор охир шуд,

Ҷоми субҳона чу доданд, хумор охир шуд,
Ранҷи раҳпоӣ ба ду дидаи чор охир шуд,
«Рӯзи ҳиҷрону шаби фурқати ёр охир шуд,
Задам ин фолу гузашт ахтару кор охир шуд»,

Ақли кӯтоҳназар бори гарон мефармуд,
Шарҳи маҷмӯаи асрори ҷаҳон мефармуд,
Сабру тамкин ба дилам рӯзу шабон мефармуд,
«Он ҳама нозу танаъум, ки хазон мефармуд,
Оқибат дар қадами боди баҳор охир шуд».

Ин ҳама рӯзаву тақвою намозу ғами дил,
Рӯи саҷҷода нишастан ба ниёзу ғами дил.
Ҳама бетоқатию сӯзу гудозу ғами дил,
«Он парешонию шабҳои дарозу ғами дил
Ҳама дар сояи гесӯи нигор охир шуд».

Нагирифтаст дил аз лаъли лабаш ком ҳанӯз,
Баски бечора гирифтор ба сад дом ҳанӯз,
Нест аз даври фалак гӯшаи ором ҳанӯз,
«Боварам нест зи бадаҳдии айём ҳанӯз,
Қиссаи ғусса, ки дар давлати ёр охир шуд».

Гарчи дил нест зи андешаи дунё озод,
Нест ин даҳр матое, ки аз ӯ гардад шод,
Воизо, ваъдаи ҷаннат чу надорад бунёд,
«Соқиё, лутф намудӣ, қадаҳат пурмай бод,
Ки ба тадбири ту ташвиши хумор охир шуд».

Мабар аз ёд, дило, як нафасе Ҳофизро,
Ки биҷӯянду наёбанд басе Ҳофизро,
Кӣ тавонад , ки кунад додрасӣ Ҳофизро,
«Дар шумор арчи наёвард касе Ҳофизро,
Шукр, к-он меҳнати беҳадду шумор охир шуд».

**Мухаммас бар ғазали Ҳофиз**

Шоми зебо маҳфиле хуш, ёри дилкаш, занги ҷом,
Хотире осуда,дил шод асту айше бардавом.
Нест з-ин беҳтар маконе, нест волотар мақом,
«Ишқбозию ҷавонию шароби лаълфом,
Маҷлиси унсу ҳарифи ҳамдаму шурби мудом».

Ҳар тараф садбаргу савсан, ҷилваи сарву суман,
Бар машом ояд шамими нозбӯю настаран
Сӯҳбате ин ҷо гуворо, турфа некӯ анҷуман,
«Соқии шаккардаҳону мутрибе ширинсухан,
Ҳамнишине неккирдору надиме некном».

Аз рухи дилдор бинам офтоби зиндагӣ,
Мастию шӯру тарабро аз шароби зиндагӣ.
Ҷовидон гӯё ки эҳдо шуд шубоби зиндагӣ.
«Шоҳиде аз лутфу покӣ рашки оби зиндагӣ,
Дилбаре дар ҳусну хубӣ ғайрати моҳи тамом».

Ғунчаи лабҳо шукуфон асту сӯҳбат дилнишин,
Давлати дунёст моро ҳолиё зери нигин,
Хирқа ҳам як сӯ фиканд он зоҳиди хилватгузин.
«Базмгоҳе дилнишон чун қасри фирдавси барин,
Гулшане пироманаш чун равзаи доруссалом».

Равшан аст аз меҳр, фарқе на дар ин ҷо рӯзу шаб,
Хоса равшантар димоғ аз ҷомҳое лаб ба лаб.
Ҷомҳо дар гардишу дилдодаҳо ғарқи тараб.
«Сафнишинон некхоҳу пешкорон боадаб,
Дӯстдорон соҳибасрору ҳарифон дӯстком».

То мапиндорӣ, ки ин ҷо ҳаст рафтори сабук,
Соқиро аз майкашиданҳост озори сабук,
Сӯҳбате ширину дилкаш, ҳазлу гуфтори сабук,
«Бодаи гулрангу талху тезу хушхори сабук,
Нуқлаш аз лаъли нигору нуқлаш аз ёқути хом».

Саф кашида дар миёни кӯҳ ҳам анбӯҳи меғ,
Соқӣ ҳам чун абри найсон лутф дорад бедареғ,
Мезанад ҳар дам ҳарифонро ба сӯи хеш ҷеғ,
«Ғамзаи соқӣ ба яғмои хирад оҳихта теғ,
Зулфи ҷонон аз барои сайди дил густурда дом».

Нағмаҳо шӯханду рақсад дилбари гулпираҳан,
Омада дар шавқ мехонанд мурғони чаман,
Медиҳад доди ғазалро ҳар дам андар анҷуман,
«Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан,
Бахшишомӯзе ҷаҳонафрӯз чун Ҳоҷӣ Кавом».

,
Зоҳидо, аз майпарастон то шудӣ ту узрхоҳ ,
Манъи май донистаӣ, будаст кори иштибоҳ,.
Тарки май дар маҷлиси хосон набошад ҷуз гуноҳ
«Ҳар кӣ ин ишрат нахоҳад, хушдилӣ бар вай табоҳ.
В-он кӣ ин маҷлис наҷӯяд, зиндагӣ бар вай ҳаром».

**Мухаммас бар ғазали Бедил**
**Ба хотираи Аҳмад Бобоқулов**

Парешонрӯзгорам боди ҳарҷогардро монам,
Ба сози ноумедӣ пардаҳои дардро монам,
Диле чун лола ёди дашти хунпарвардро монам.
«Далели корвони ашкам оҳи сардро монам,
Асарпарварди доғам оҳи соҳибдардро монам».

Маро сармоя ғайр аз ин дили бисмил намебошад,
Ҷуз изҳори тапидан сайдро ҳосил намебошад,
Ба ин беравнақиҳо бахт ҳам моил намебошад,
«Рафиқи вахшати ман ғайри доғи дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам».

Зи нуқли ашк ҳамчун шамъ бо худ кардам маҳфил,
Видоъ бо умр гуфтам, баҳри ғамро нест чун соҳил,
Чу ашкам дар сари мижгон, ки як дам кардаам манзил,
«Шикасти рангаму бар дӯш оҳе мекашам маҳмил,
Дар ин дашт аз заифӣ коҳи бодовардро монам».

На хӯям дархури нармӣ, на феълам ҳомили маънӣ,
Дар ин нуқсонсаро боре нагаштам комили маънӣ,
На андар суратам назме, на сират ҳомили маънӣ,
«На доғам моили гармӣ, на нақшам қобили маънӣ,
Бисоторои ваҳмам, каъбатайни нардро монам».

Чу рафт ақли мададгорам, ба даври хеш паргорам,
Чу шоми тира шуд корам, на дар хобам, на бедорам.
Зи ғамҳои ҷаҳон чун ҷоми пур аз бода саршорам,
«Хиҷолат сарфи гуфторам, надомат вақфи кирдорам,
Саропо инфиолам, даъвии номардро монам».

Зи тифлони дабистоне, ки дар оғӯши нисёнам,
Зи дарси додаи устоди гетӣ ҳам пушаймонам,
На парвози нигоҳам, сурате аз чашми ҳайронам,
На ашки зеби мижгонам, на оҳи боли афғонам,
Тапидан ҳам намедонам, дили бедардро монам.

Чи истиқбол дорад бахти ҳамранги пари зоғе,
Хазон дар ҷилва омад дар баҳори сад чу ман боғе,
Магар килки азал дар бедимоғӣ кард иблоғе,
«Ба худ оташ занам, то гарм созаи паҳлуи доғе,
Зи басафсурдатабъиҳо танӯри сардро монам.

Уруҷи толеам бар хокдон меорадам, Бедил,
Хаёли зиндагонӣ тухми ҳазён корадам, Бедил,
Зи доғи бекасӣ аз дида хун мебoрадам, Бедил,
«Фалак умрест дурр аз дӯстон медорадам. Бедил,
Ба рӯи сафҳаи офоқ байти фардро монам».

**Мухаммас бар ғазали Ҷавҳарӣ**

Дар шаби танҳоиям мӯи туам омад ба ёд,
Ғамзаи чашмони оҳуи туам омад ба ёд,
Ҷилваҳои зулфи дилҷӯи туам омад ба ёд,
«Дӣ назар кардам ба гул, рӯи туам омад ба ёд,
Чун шамидам бӯи гул, бӯи туам омад ба ёд».

Хотирам равшан шуд аз ёди ту монанди чароғ,
Лоласон бишкуфт дил , аз худ бурун афканд доғ,
Ёди ту болид чун гулҳои хандон дар димоғ,
«Ғунчаро дидам табассумофарин дар саҳни боғ,
Хандаи лаъли сухангӯи туам омад ба ёд».

То ба гулгашти сари роҳат намудам рафтуо,
Домани уммеди дидори ту нанмудам раҳо,
Чун шудам побанд гесӯи парешони туро,
«Печутоби ҷаъди сунбул рафт дар хотир маро,
Ҳалқаи зулфи суманбӯи туам омад ба ёд».

Дидаам то шуд ба роҳи ту чароғи интизор,
Дар миёни раҳравони ишқ афзуд эътибор,
Бар умеди диданат дил сайр бинмуд ихтиёр,
«Чун тамошои чаман кардам ба гулгашти баҳор,
Хуррамиҳои сари кӯи туам омад ба ёд».

Ахгари ҳаҷр аз танӯри сина парафшон гузашт,
Лола аз рухсораҳоям бурду зарафшон гузашт,
Чун садаф бишкаст, бо мавҷи гуҳарафшон гузашт,
«Кард гул аз абр баркею шарарафшон гузашт,
Шӯълае аз тезии хӯи туам омад ба ёд».

Меваҳо аз боғи пурбори ту чидам, Ҷавҳарӣ,
Шаккар аз мағзи наистонат кашидам, Ҷавҳарӣ,
Лаззати шеъри равонатро чашидам, Ҷавҳарӣ,
«Тӯтиеро маҳви нутқи хеш дидам, Ҷавҳарӣ,
Килки дурбори сухангӯи туам омад ба ёд».

**Боз мухаммас бар ғазали Ҷавҳарӣ**

Зи ҳаҷри ту то ғамнишин гаштаам,
Ба меҳроби ёдат ҷабин гаштаам,
Чӣ пурсӣ, чаро дилҳазин гаштаам,
«Чӣ гӯям, чӣ будам, чунин гаштаам,
Фалакқадр будам, замин гаштаам».

Агар боз будам, шикоре шудам,
Гирифтору беихтиёре шудам,
Чу хирман матои шароре шудам,
«Саҳар будам, аммо ғуборе шудам,
Нафас будам, оҳи ҳазин гаштаам».

Сабуксайр будам чу мурғи хаёл,
Сарафрозу шавкатқарин чун ҳибол,
Сафопарвари рӯзи фархундафол,
«Тарабҷӯш будам чу субҳи висол,
Кунун шоми ғурбаткамин гаштаам».

На сози тараб, ин чи дилмурдагист,
Ба ин мурдагӣ ном худ зиндагист,
Замонро зи инсоф ҳиммат тиҳист,
«Ба аҳди шубоб ин чи афсурдагист,
Баҳори хазонофарин гаштаам».

Надорам ба хоки раҳат имтиёз,
На манро ҳақиқат аён, не маҷоз,
Намуд сурма то чашми таҳқиқ боз,
«Чунон маҳви арзи суҷуди ниёз,
Ба роҳат, ки яксар ҷабин гаштаам».

Ба ҳар ҷо, ки ишқ аст, бошад ҳасад,
Зи ағёр санги маломат расад,
Ҳаросе на аз таъни ҳар неку бад,

«Ба ишқи бутон, Ҷавҳарӣ, раҳ дусад,
Зи номусу дунёву дин гаштаам».

**Мухаммас бар ғазали устод Лоҳутӣ**

Агарчанде надорад раҳнамо дил,
Нагашт аз роҳи душвори вафо дил,
Чу дидори ту дорад муддао дил,
«Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил,
Зиҳӣ дил, офарин дил, марҳабо дил».

Гаҳе аз даст гирад ихтиёрам,
Инони хештанро месупорам,
Намояд рӯзу шабҳо беқарорам,
«Зи дасташ як дам осоиш надорам,
Намедонам, чӣ бояд кард бо дил».

Тамоми ранҷҳову дардам аз ишқ,
Дили нолону оҳи сардам аз ишқ,
Чи ҳосил ғайри ранги зардам аз ишқ?
«Ҳазорон бор манъаш кардам аз ишқ,
Магар баргашт аз роҳи хато дил?»

Даме, ки ҳусн бо ишк ошно кард,
Саломатро вуҷуди ман раҳо кард,
Бубин, барқи нигоҳи ту чиҳо кард,
«Ба чашмонат маро дил мубтало кард,
Фалокат дил, мусибат дил, бало дил».

Ба дарди ишқ деҳ дармон, Худоё,
Паёме овар аз ҷонон, Худоё,
Бидеҳ бар ҳаҷри ман поён Худоё,
«Аз ин дил доди ман бистон, Худоё,
Зи дасташ то ба кай гӯям: Худо, дил».

Чи созам, саркаш асту оташинхӯ,
Аҷаб дар синаам дорад такопӯ,
Рабуд аз ман қарору сабру нирӯ.
«Ту, Лоҳутӣ, зи дил нолӣ, дил аз ту,
Ҳаё кун, ё ту сокит бош, ё дил».

**Мухаммас бар ғазали Қутбӣ Киром**

Чи орад оқибат мансабпарастиҳову раъноӣ?
Карему даъвии бишнидану кӯрему биноӣ.
Ба худ чун шоҳ менозем дар мавқеи мавлоӣ,
«Худоё, тоҷиконатро амон бахшо зи худхоӣ,
Дилам садпора шуд аз маншаи «инҷоӣ онҷоӣ».

Забондонон ҳама дар баҳс андар нуқтаи сарфанд,
Ҳавохоҳони парвози баланд андар чаҳи жарфанд,
Ба даъвӣ оташанду иддае чун ҷавҳари барфанд.
«Суханнодон суханнодидаҳо имрӯз пурҳарфанд,
Дареғо, нуктадоне, нуктасанҷе, нуктафармое».

Яке меҳанпарасте дар баёнаш қатл мехоҳад, ,
Дигар дар зоҳираш сулҳу ниҳонаш қатл мехоҳад.
Дар ин галла нигар, гургу шубонаш қатл мехоҳад,
«Ба ҳар кӣ бингарам, теғи забонаш қатл мехоҳад,
Дареғо, шарбате, нуқле, наботе, мағзу ҳалвое».

Чи тӯфон аст, ё раб, мавҷи хун аз сина мехезад,
Тараб маъдум гардида, ғазаб хоки Ватан безад,
Ҷаҳолат бо разолат баҳри қатли адл омезад,
«Зи чашми мардумӣ ҷои муҳаббат кина мерезад,
Дареғо, наргису бодому оҳуеву ҷодуе».
15 январи соли 1992

**Маснавиҳо**

**Гаҳвораи адл**

**Манзума**

Чу Ҳут охир шавад, ояд баҳорон,
Расад бӯи Ҳамал аз резаборон.
Замин бар тан бипӯшад ҷомаи нав,
Ки Наврӯз ояду ҳангомаи нав.
Ҳама доранд андар сар ҳавое,
Ба сози хеш қонуни навое.
Дили афсурда эҳёҳ гардад,
Бихоҳад аз ҷаҳон огоҳ гардад.
Тапад оҳиста, дорад ҷустуҷӯе,
Умеде дорад он рӯзи накӯе.
Нигаҳ кардам зи чорум ошёна
Ба кӯю барзану атрофи хона,
Чанори назди мо чун боли шоҳин
Ҳамеҷунбонд шохи худ ба тамкин.
Сабақ медод гӯё бар ниҳолон,
Ба бодоме, ки аз гул баста марҷон:
«Ба ҳар коре набояд кард таъҷил,
Ки то поят намонад сахт дар гил.
Ҳанӯз имкони барфу сардӣ ҳам ҳаст,
(Табиатро гаҳе номардӣ ҳам ҳаст).
Мабодо аз сабуксорию таъҷил,
Шавӣ маҳрум аз имсола ҳосил».
Ба монанди арӯси тӯр бар сар
Кунад таъзим бодом аз паси дар.
Варо кай гӯш бар панди чанор аст,
Ки тифли хештанро интизор аст.
Насими тозаро оғӯш гирад,
Чу гул андар бару ҳам душ гирад.
Насим аз вай барад пайки баҳорон,

Ба шаҳру деҳа сӯи интизорон,
Ба истиқболи рӯзи тоза рафтам,
Зи хона ҷониби дарвоза рафтам.
Хаёлам буд банди фасли наврӯз,
Ба уммеде, ки орад рӯзи фирӯз.
Зи боди атрогин маст будам,
Ту гӯӣ ҷом андар даст будам.
Садои мурғакон аз шохсорон
Шуда як муҷтамеъи созу алҳон.
Табиат манбаи илҳом будаст,
Китоби рамзистифҳом будаст,
Ба ногаҳ гашт пайдо бо салобат
Саги мо – Паҳлавон, аз рӯи одат.
Қадам мемонд бо тадриҷу тамкин,
Чу марди хастаю хомӯшу ғамгин.
Нигоҳаш дошт рамзею саволе,
Таманно, изтиробе, ҳам малоле.
Ба пои пеш кам-кам ланг мерафт,
Димоғаш сӯхта аз ҷанг мерафт.
Ғуруре дорад ин саг ҳам чу одам,
Биранҷад гаҳ-гаҳ аз ҳамсояҳо ҳам.
Варо ҳам иззати нафс аст чандон,
Ки бар ҳар дар нагардад аз паси нон.
Даме, ки дар Душанбе ҷанг омад,
Ба болои сари мо санг омад,
Ҳама дар ҷустани тадбир буданд,
Ҳаросон аз силоҳу тир буданд.
Гаҳ аз ину гаҳе аз он хатар буд,
Ба ҳар ҷо шубҳа дар мадди назар буд.
Ба навбат буд моро посбонӣ,
Чу сарҳадаскарону дидбонӣ.
Ҳамин саг бетанаффус посбон буд,
Худаш монанди номаш паҳлавон буд.
Ба шаб ё рӯз ояд ношиносе,
Набуд аз Паҳлавон ӯро халосӣ.
Садои ак-акаш хеле расо буд,
Ба марду зан, ба тифлон ошно буд.
Саги мо посбони олимон буд,
Барои ҳифз омода ба ҷон буд.
Надорад ҳеҷ расми беинонӣ,
Вале хоҳад зи одам меҳрубонӣ.
Дурӯӣ нест ин сагро ба рафтор,
Бимонда дар ҳама ҳолат вафодор.
Кунун ин Паҳлавон ҳам пир гаштаст.
Зи бори зиндагӣ дилгир гаштаст…
Ба ногаҳ кӯдаке аз пеш омад,
Чи кӯдак! Ҳайкале дилреш омад.
Ба зорӣ пора нон мехост аз ман,
Ба худ як пора ҷон мехост аз ман.
Ду дасташ мисли барги гул дуогӯ,
Ниёзизҳор яксар ҳамчу абрӯ.

**Кӯдаки овора**

Чу дидам кӯдаки бесарпанаҳро,

Ду чашми пурумеди бегунаҳро.
Либоси кӯҳнаю фарсуда дар тан,
Ду пой аз чирк ҳамчун кӯҳна оҳан,
Нигоҳаш мисли оҳуи рамида,
Зи дунё меҳрубониро надида.
Рухашро ҳамчу доғи моҳ дидам,
Ғубор оинааш аз оҳ дидам.
Чаро охир замони бетараҳҳум,
Рабуд аз кӯдакон бахту табассум?
Чаро онҳо асири изтиробанд,
Гунаҳ нокарда, аммо дар азобанд?
Киёнанд он гурӯҳи бахтдуздон,
К-аз онҳо тифли инсон гашта сарсон?..
Ба рӯяш дидам осори хазонро,
Ғаму толеъи пасти тоҷиконро,
Хазон дидам дар айёми баҳоре,
Парешонии халқу рӯзгоре.
Нахустин меваи сармоядорӣ,
Гули зери суми мансабсаворӣ.
Нишоне аз маҳалбозии даврон,
Сияҳбахти «вабо»-и Тоҷикистон.
Гирифтам дасти тифлу бо навозиш,
Бигуфтам: Эй писарҷон, ҳаст хоҳиш.
Биё то дасту рӯятро бишӯем,
Сухан аз ҳоли ҳамдигар бигӯем.
Нишаста як пиёла чой нӯшем.
Агар розе бувад, аз ҳам напӯшем.
Чаро андар ватан бошӣ ғарибе,
Зи лутфу меҳрубонӣ бенасибе.
Кадомин бод овардаст танҳо,
Туро бар кӯчаи вайронаи мо?
Падар, модар ту дорӣ? Дар куҷоянд?
Ки шояд ҷустуҷӯят менамоянд?
Бигӯ аввал, ки номат чист? Донам,
Намоям кӯмаке, гар метавонам.
Писар шояд ба ман бинмуд бовар,
Ки озодона сӯҳбатро намуд сар:
- «Амакҷон, номи ман Мирзомурод аст,
Ба ман ин номро бобом додаст.
Буд андар Вахш боғу ҳавлии мо,
Васеъу сермева, ҷои зебо.
Ҳамон рӯзе, ки он ҷо ҷанг сар шуд,
Яку якбора ҳоли мо дигар шуд.
Ман аз мактаб расидам чун ба хона,
Набуд аз ҳеҷ кас он ҷо нишона.
Садои тиру тӯпу танк он дам
Ба мисли раъд меомад паи ҳам.
Калону майда, марду зан фиғон дошт,
Ба ҳар сӯ медавид он кас, ки ҷон дошт.
Маро ҳамсояе овард ҳамроҳ,
Худаш гум шуд, маро монда сари роҳ.
Падар, модар, надонам дар куҷоянд,
Худо гар зинда дорад, мебиёянд.
Ба ҳар ҷое бирафтам, ёд кардам,
Гаҳе тарсидаму фарёд кардам.

Бичӯям ман падарро, модарамро,
Адолат – дӯстрӯяк хоҳарамро.
Ҳамин як пораи чӯбе, ки дорам,
Барои Адл мехоҳам супорам.
Ҳамин як пора аз гаҳвораи ӯст,
Барояш аз ҳама бозича некӯст.
Дар ин гаҳворааш дар вақти бозӣ
Ба зоча мекунад ҳай дилнавозӣ.
Агар ки Адлҷон пайдо шавад боз.
Ба ӯ гаҳвораи нав мекунам соз…»
Ду чашмони писар purашк гардид,
Дили ман з-он чу пурхун машк гардид.
Гулӯ бигрифт аз дарди ҷигарсӯз,
Худоё, ин чӣ ҳол аст, ин чӣ сон рӯз?!
Писар рафт аз бари ман, карда исрор,
Дилаш пур аз умеди рӯзи дидор.
Илоҳо волидайнаш зинда бошанд,
Ба васли ҳам расанду гул бипошанд.

**Ҳасрати раис**

Ду соле пеш як марди фирорӣ,
Ки ашки ҳасраташ гардид ҷорӣ,
Раиси дар Ҷиликӯл обрӯманд,
Ту гӯӣ як китоби қиссаву панд.
Зи дасти ину он дилгир гашта,
Ба ғам печида яксар, пир гашта.
Писар гум карда дар ҳангоми ҷанге,
Фирорӣ гашта аз аҳволи танге.
Шикоят бар Худованди тавоно,
Намуд ӯ аз ҳаёти серғавғо:
- «Чаро тоҷикро ту хор кардӣ?
Варо саргашта чун паргор кардӣ?
Агар кайфияте дорӣ аз ин рӯз,
Ҷаҳонатро саросар гиру месӯз!
Агар номи ту Раҳмону Раҳим аст
Чаро дунё ба халқи мо ҷаҳим аст?!
Бубахшо, кирдигоро, гаштам осӣ,
Ҳама буд ин сазои носипосӣ.
Гурӯҳе баҳри мансаб карда иғво,
Фиреби сахт медоданд моро.
- Ки Шӯро давлати беадлу дод аст,
Ки доди халқро додан мурод аст.
Мусулмонем, моро нанг бояд,
Алайҳи коммунистон ҷанг бояд.
Ки онон ҷумла хунхоранду кофар,
Бибояд нест бинмоем яксар.
Тамоми халқ истиқлол хоҳад,
Ҳама бо мост, некӯ фол хоҳад.
Расад пирӯзӣ бар куфру ҷаҳолат,
Шавад подор ислому адолат.
Ҳар он кас, ки нахоҳад давлати мо,
Яқинан ҳаст хасми миллати мо.
Ситоди тозае эълом кардем,

«Наҷоти Тоҷикистон» ном кардем.
Ҳама аҳли хирад бо мо шариканд,
Ватанхоҳон ҳама дар ин тариқанд»…
Хулоса, халқро гумроҳ карданд,
Ватанро пур зи дуди оҳ карданд.
Гурезон гашта худ, монданд моро
Ба гирдоби қитолу хуну иғво.
Ҳар он к-ӯ бо таассуб ёр бошад,
Ба коми халқ заҳри мор пошад.
Чароғи ақлҳоро хира созад,
Ҳаёти мардумонро тира созад.
Равад аз дасташон домони иффат,
Шарор афтад ба ҳар ҷо аз хусумат.
Касофатро кӣ карду кӣ зарар дид?
Кӣ оташ зад дар ин боғу самар чид?
Аз ин кирдорҳо бадном гаштем,
Забонкӯтоҳу бадфарҷом гаштем.
Раис овард бар ёдаш, ки дирӯз,
Ҳама машғули заҳмат буду фирӯз,
Фаровон буд равған, орд, ҳам қанд,
Либос арзону мардум буд хурсанд.
Китобу дафтару доруи арзон,
Таваллудхона, мактаб, ҷои дармон,
Ба ҳоҷатманд бепул истироҳат,
Набуда ҳеҷ касро қасди ғорат.
Касе дасте ба кас боло намекард,
Хаёли куштану яғмо намекард.
Раис оҳе кашиду гашт хомӯш,
Чу марди хаста, вазнин бор бар дӯш.
Пас аз ин қиссае дар ёд омад.
Ки ақл аз ҷаҳл дар фарёд омад.
Ба саддаҳои пешин сайр кардам,
Назар бар масҷиду бар дайр кардам.
Ба ёд омад Абулмаҷди Саноӣ
Адиби нуқтасанҷу порсое.

**Қиссаи Саноӣ**
(1080 – 1141)

Ҳакиму шоири оташмизоҷе,
Ки ӯро аз қаноат буд тоҷе.
Расид аз шоҳи Ғазнинаш паёме,
Ба чандин илтифоту эҳтироме.
- Ҳакимо, то ки ту танҳо набошӣ,
Мудовим дар адаб созӣ талоше,
Туро хоҳам, ки гирӣ маҳрами тан,
Шавад ҷуфти ҷанобат хоҳари ман.
Ҳакими Ғазнавӣ бо расми матлуб,
Ба изҳори ташаккур кард мактуб:
-«Ман на марди зану зару ҷоҳам,
Ба Худо гар кунам в-агар хоҳам,
Гар ту тоҷе диҳӣ зи эҳсонам,
Ба сари ту, ки тоҷ настонам»[18].

[18] Ин абёт аз Ҳаким Саноӣ аст.

Шоҳ ранҷид аз ҳакими замон,
Оташе монд дар ниҳодаш аз он.
Қозии шаҳр воқифи асрор,
Рафта бар шоҳ кардааст изҳор:
Ин Ҳаким, шоҳи ман, мусалмон нест,
Устуворӣ варо дар имон нест.
Достоне «Ҳадиқа» кард ба ном,
Нашри куфр аст он сухан ба тамом.
Асли он ҳам хилофи шаръ бувад.
Фаръи он чун ғилофи шаръ бувад.
Зандиқ аст ин ҳаким, то донӣ,
Ҳукми исломро бад-ӯ ронӣ.
Иттиҳоме варо ба куфр кунем,
Решаи куфр, то ҳама биканем,
Чун Ҳаким ёфт огаҳӣ з-ин кор,
Рафт аз ӯ тамом сабру қарор.
Туҳмати хушкро чӣ чора бувад,
Сахту сард он чу санги хора бувад.
Кард фарёд аз таассуби шум,
К-ақлу идрокро кунад маъдум.
Ҷаҳлро пояи амал хонад,
Халқро аз «Ҳадиқа» гардонад.
Аз ғазаб ногаҳон гирифт оташ,
Ҳамчу нафти равон гирифт оташ,
Хост сӯзад таассубу авҳом,
То ҷаҳон пок гардад аз олом.
Қаламу коғазе ба пеш ниҳод,
Нома бинавишт ӯ сӯи Бағдод.
То ки имдод ҷӯяд аз Бурҳон[19],
Қозии ҳақпарасту бовиҷдон.
- «Эй ту бар дини Мустафо солор,
Бар тариқи бародарӣ кун кор.
Аҳди деринаро ба ёд овар,
В-аз тариқи бародарӣ магузар.
Дини ҳақро, ба ҳақ, туӣ бурҳон,
Мар маро з-ин ақилҳо бираҳон!
Ту ба Бағдод шоду ман ношод,
Худ нагӯӣ варо расам фарёд.
Солу маҳ тарсноку андӯҳгин,
Монда маҳбуси турбати Ғазнин.
Гарчи ҳастам асири ҳар ноаҳл,
Чашм дорам, ки кор гардад саҳл…
Ҳарчи донистаам зи навъи улум,
Кардаам ҷумла халқро маълум:
Он чи насс асту он чи ахбор аст,
В-аз машоих ҳар он чи осор аст,
Андар ин нома ҷумлагӣ ҷамъ аст,
Маҷлиси рӯҳро яке шамъ аст…
Як сухан з-ину оламе донаш,
Ҳамчу Қуръони порсӣ хонаш»[20]…
Пас аз чанде ҷавоб омад ба Ғазнин,
Зи Бағдод аз имому сарвари дин.

---

[19] Қозӣ Бурҳониддин, ки дӯсти дар Бағдод қозӣ

[20] Ин абёт аз «Ҳадиқа»-и Саноист

Хилофи шаръ набвад ин «Ҳадиқа»,
Басо олист дар силку тариқа.
Саноиро паёме на, ки ҷон шуд,
Раҳоӣ аз каманди ҷоҳилон шуд.

**Фоҷиаи Айнулқузот**
(1099 - 1132)

Ҷавоне буд зебову сухангӯ,
Наҷобатпеша ҳамчун субҳи дилҷӯ,
Ҳақиқатпешае андар Ҳамадон,
Миёни қозиён чун шамъ тобон.
Ҳама дар ҳайрат аз ақли расояш,
Зи фикри бикр, аз дарку даҳояш.
Ба дарсаш саҳни масҷид танг мешуд,
Ҳама дар сӯҳбаташ якранг мешуд:
«Ҷаҳону оламӣ ҳамошноянд,
Таҷаллигоҳи анвори Худоянд.
Худову одамӣ аз ҳам ҷудо не,
Касе бо ваҳдат аммо ошно не.
Ҳама дар асл ҳамсон бо Худоянд,
Вале дар мартабат аз ҳам ҷудоянд.
Ҳар он кас ишқи ӯ дорад, биболад,
Дили бе ишқ чун бисмил бинолад».
Ба ногаҳ хест шӯре аз миёна,
Таассуб кард тири худ равона.
Сари дарвозаро худ дор карданд,
Зи гардан дар танобаш бор карданд.
Ҳамекананд аз тан пӯсташро,
Заданд оташ вуҷуду гӯшташро.
Фиғон аз аҳли ақлу илм бархост,
Ки ҷаҳли ақлсӯзе дар бари мост.
Таассуб душмани ақл асту дониш,
Аз он ёбанд аҳли илм коҳиш.
Зи ориф монд лекин иштиҳоре,
Чу «Тамҳидот»-у «Зубдат» ёдгоре.
Агар куштанд, аммо зинда аст ӯ,
Ба рағми ҷоҳилон поянда аст ӯ.

**Фоҷиаи Ҷордано Бруно**
(1548 – 1600)

Дар аъсори васат, даврони Эҳё,
Таҳаввулхоҳ шуд халқи Урупо.
Зи байни дастаи равшанзамирон
Бруно кард ҳамчун баҳр туғён.
На туғёне, ки бо теғу силаҳ буд,
Уруҷи ақл боло аз нигаҳ буд.
Ба бунёди таассуб тешае зад,
Ҳалокатзарба андар решае зад:
- «Ҷаҳони мо, замини мо чу гард аст,
Ҷаҳон беохиру андар навард аст.
Ба монанди низоми шамсии мо,

Ҳазор андар ҳазорон аст он ҷо.
Худо андар ҷаҳон чун ҷон ниҳон аст,
Вуҷуди ваҳдати олам ҳамон аст».
Калисо ёфт з-ин андеша дарде,
Ки гӯё аз вуҷудаш рафт мардӣ.
На ӯро фикри баҳсе буд дар сар,
Набояд зинда монад илм дигар.
Агарчи ҳашт соле буд зиндон,
Вале аз фикри худ ҳаргиз нагашт он.
- Ҳақиқат як, ба он побанд ҳастам,
Агар сӯзанду гар созанд, ҳастам.
Бруно сӯхт, лекин машъал афганд,
Ҷаҳони кӯҳнаро аз бех барканд.
Бруно буд моҳи бегуноҳе,
Калисо чун зуғоли рӯсиёҳе.
Калисо душмани илму хирад шуд,
Бруно ҷоҳилонро ҳамчу сад шуд,
Чароғи илм шуд аз ӯ фурӯзон,
Бруно кард равшан роҳи инсон.

**Изтироби Аҳмади Дониш**

Пас аз Сомониён аҳли Хуросон,
Даҳ асре буд дар фармони туркон.
Гаҳе Маҳмуду гаҳ Салҷук метохт,
Гаҳе Темур манор аз калла месохт.
Зи Шайбонӣ русуми турктозӣ,
Мубаддал гашт бар як кори бозӣ.
Чу омад оли Манғиту табораш,
Ҷаҳолат буд нақши рӯзгораш,
Вале ду халқ бо ҳам дӯст буданд,
Ду бодоме, ки дар як пӯст буданд.
Бухоро маркази ислому дин буд,
Вале бо илми дунёӣ ба кин буд.
Урупо пешрав дар илму фан шуд,
Бухоро зиндагӯронро ватан шуд.
Барои аҳли равшангар Бухоро
Чу шоми тирае буд ақлфарсо.
Касе гӯяд, ки ӯ тайёра дидаст,
Ҳамегуфтанд ӯ девона ё маст,
Намояд нақл аз парвози инсон,
Ҳамегуфтанд онро кори шайтон.
Разолат ҳам ҷаҳолат ҳукмфармо,
Чу чуғзе буд дар мулки Бухоро.
Дар ин ҷо зоғ хонад хеш товус,
Шағолонро садо донанд ноқус.
Хабар не аз Хитову не Фаранг аст,
На аз Тотору Макка, не зи Ганг аст.
Дар ин кишвар агар бо ақлу хушӣ,
Набошад пешаат ғайр аз ҳамӯшӣ.
Намоӣ қисса гар аз роҳи оҳан,
Зи киштӣ, телеграф ё аэроплан,
Варо девона мехонанду бангӣ,
Ҷуз инаш нест мизоневу санге.

Тараддуд нест ин ҷо матлаби мард,
Аз ин рӯ ҳоли ӯ бошад табу дард.
Фарангистон талошу саъй дорад,
Бухоро коҳилиро пеш орад.
Саробе ҳаст дунё бар мусулмон,
Кунад таҳқиқ онро марди Юнон.
Чаро? – Ақли мусулмон дар «камол» аст,
Юнонӣ «ноқисулақлу муҳол» аст?.
Аз ин вазъи ватан Дониш ҳазин буд,
Аз ин ҷаҳли мураккаб бас ғам ин буд.
Фарангиён чу дар ҷаҳду талошанд,
Мусулмонон чаро бесаъй бошанд?
Дар ин ҷо илму фарҳанги замон нест,
Чу Анқо аз саодат ҳам нишон нест.
Амиру кӯшбегӣ боданӯшанд,
Ватанро бо Расӣ арзон фурӯшанд.
Басе дуранд аз илми сиёсат,
Чи маҳруманд аз дарку фаросат!
Ҳама олуда дар фисқу фуҷуранд,
Зи нури ақл маҳруманд, кӯранд.
Хаёли беҳии мардум надоранд,
Зи шаб то рӯз дар рафъи хуморанд.
Дар он мулке, ки сарвар нест олим,
Шавад беқадр устоду муаллим.
Агар сарвар накӯкирдор бошад.,
Тамоми халқ миннатдор бошад.
Шавад гар дур аз расми адолат,
Ба садҳо сол мехонанд лаънат.
Бинои ҷаҳлу фақр обод гардад,
Ватан майдони истибдод гардад.
Ҳама дахлаш шавад аз амри тороҷ,
Раиси дуздҳо монад ба сар тоҷ.
Ба худ месӯхт, меларзид Дониш,
Чу вулқон буду метаркид Дониш.
Ба мисли наррашере дар қафас буд,
Ҳама атроф ғавғои магас буд.
Асас, қозӣ, мирохур, қӯшбегӣ,
Ҳама ҷамъанд дар атрофи деге.
Ба ришват ҳар яке пайваста кӯшад,
Бигӯяд: гӯр сӯзад, дег ҷӯшад.
На назме ҳаст дар дарбору давлат,
Фақат мондаст суммотеву савлат.
Халоиқ орзуманди таҳаввул,
Амиронро ҳаволат бар таваккул.
Зи вазъи аср Дониш дар азоб аст,
Зи тақдири ватан дар изтироб аст.
Насиҳат бар амиро коргар нест,
Зи кӯи адл онҳоро гузар нест.
Чу таҳқиқе намуд андар тамаддун,
Ва тадқиқот дар назми таовун.
Қирони собиту сайёра санҷид,
Аморатро дар устурлоби худ дид.
Бидуни шубҳае таҳрир бинмуд,
Давоми умри он тақрир бинмуд:
Зи бас он ғарқа дар фисқу фуҷур аст,

Зи ислоҳу тамаддун низ дур аст.
Набошад дур он рӯзе аморат,
Сукут орад чу фарсуда иморат,
Қиём оранд гар мардум, савоб аст,
Ба истиқболи даври нав ҷавоб аст[21].

**Тӯфон**

Ҷаҳон дар гирудори меҳру кин аст,
Замон обистани рӯҳи навин аст.
Чу мушкил гашт, инсон роҳ кобад,
Илоҷи зиндагӣ охир биёбад,
Бихезад, бо асорат дарситезад,
Ба кини хеш хоки зулм безад.
Ҳаёти тоза хоҳад, адл ҷӯяд.
Мароми хешро озод гӯяд.
Мизоҷи халқ тӯфонофарин аст,
Барандозад зи по гар садди Чин аст.
Набошад қудрате волотар аз халқ,
Набошад қуллае болотар аз халқ.
Касе, ки халқро ночиз донад,
Чу хар албатта по дар гил бимонад.
Амире дар ғами мардум набошад,
Ба чашми хеш охир хок пошад.
Шавад шармандаву аз тахт уфтад,
Ба сахтӣ аз саманди бахт уфтад.
Чу аз тӯфони Рус огоҳ гардид,
Бухоро низ ҳурихоҳ гардид.
Ба кишвар болшевики рус омад,
Низоми кӯҳнаро аз по даровард,
Дар ин майдон хиёнат буд ҳам нанг,
Дар ин ҷо сулҳ меболид ҳам ҷанг.
Хазон ҳам буд ин ҷову баҳоре,
Ба ин ҷо омадан буду фироре.
Гаҳе аз ҷаҳл масҷид гашт вайрон,
Гаҳе дар коми оташ рафт Қуръон.
Гаҳе беҷурм мулло шуд гирифтор,
Ватанхоҳи асиле рафт бар дор.
Гаҳе бишкаст ин ҷо боли парвоз,
Дар ин ҷо гашт парвози нав оғоз.
Аз ин тӯфон дарахте решакан шуд,
Ниҳоле боз сабз андар чаман шуд.
Ки қомат рост карду пурсамар шуд,
В-аз он хони халоиқ борвар шуд.
Заминаш гарчи тангу тор гардид,
Вале тоҷик давлатдор гардид.
Таваллудхонаҳо эъмор гардид,
Ба тифли давлати нав ёр гардид.
Барои кӯдакон мактаб бино шуд,
Ба дунёи тамаддун чашм во шуд.
Чароғу роҳ омад сӯи деҳа,

[21] Дар баъзе байтҳои ин қисм ибороти Аҳмади Дониш аз «Таърихча» ва «Наводир-ул-вақоеъ» айнан зикр шудаанд.

Фурӯзон гашт чун маҳ рӯи деҳа.
Зи қашшоқӣ раҳой ёфт деҳқон,
Фаровон гашт дар ҳар хонае нон.
Зи силу чечаку табларза, ярқон
Раҳо гардид мардумро тану ҷон.
Чу «ришта» шуд гадой ҳам фаромӯш,
Ба ҳар ҷо боз дастурхону оғӯш.
Заводу фабрики нав гашт эҷод,
К-аз он шуд зиндагии халқ обод.
Ғуломи дина акнун коргар шуд,
Зан аз чодар баромад, роҳбар шуд.
Ҷаҳон ангушти ҳайратро газида,
Ки таърих инчунин давлат надида.
Бишуд Иблис аз ин кор ғамгин,
Кашид оҳиста тарҳи тӯҳмату кин.
Ба ҳар сӯ рафт андар сурати ёр,
Вале нақши харобӣ кард тайёр,
Чу ӯ дид одамон ваҳдатшиоранд,
Барои дӯстӣ ҷон месупоранд.
Нифоқу кинаро аз кӯза берун,
Намуду халқро афганд дар хун.
Бародар гашт душман бо бародар,
Яке оташ бишуду об дигар.
Яке ханҷар кашиду дигаре тир,
Падар кушт он яке, ин модари пир.
Яке оташ бизад дар хонаи ин,
Дигар дар масҷиде хун рехт аз кин.
Яке саф мекашад баҳри ҷиҳоде,
Дигар ғорат кунад мулку заводе.
Шавад Иблис шод аз кардаи хеш,
Ки оташ рехт дар як мазҳабу кеш.
Басе тағйир карда ҳоли даврон,
Шавам ангушт бар лаб гоҳ ҳайрон.
Рафиқеро бидидам чанд гаҳ пеш,
Чу хеш аст ӯ ба ман, аз хеш ҳам беш.
Рафиқи шӯх, зебо, хоксоре,
Басе ӯ дошт сода рӯзгоре.
Кунун ҷоҳу ҷалоли хуб дорад,
Ба каф сармояи матлуб дорад.
Вале сармояаш чун гашта афзун,
Шуда каммеҳру афкораш дигаргун.
Ба мо бо шавқу фахре кард изҳор,
Ки бо се зан варо бошад сару кор.
Фақат бо гулрухони чордаҳсол,
Ҳамоғӯш аст ҳамчун гардану ёл,
Агарчанде, ки ман хомӯш будам.
Аз ин сӯҳбат таассуфҷӯш будам.
Бубин имрӯз навсармоядорон,
Шино доранд дар номуси арзон.
Зи мӯҳтоҷии мардум айшҷӯшанд,
Зи гулхуни бакорат боданӯшанд.

* * *

Ба кохи илм вақте по ниҳодам,

Зи пеш омад ба ногаҳ устодам.
Нигоҳаш мавҷи барқи ақлу дониш,
Сафои тинату яксар навозиш.
Зи сар то пош ахлоқи ҳамида,
Шароби маърифат яксар чашида.
Ҷаҳонро дида бо чашми дилу сар,
Шуда инсоншиноси некмазҳар.
Ҷавони ҷоҳиле дар маҷлис ӯро
Ба алфози дурушту лаҳни беҷо,
Ба иғвопешагӣ мехост беоб
Намояд, то ки созад бетабу тоб.
Ҷавобаш дод устоди хирадманд,
Ба оромӣ, ба нармӣ нуктаи панд:
-«Агар хоҳӣ, ки миллатдӯст бошӣ,
Ба дунё тухми некӯӣ бипошӣ,
Адабсармоя мебошу накӯрой,
Дароз аз бистарат ҳаргиз макун пой.
Агар одат кунӣ бар кизбу озор,
Шавӣ шарманда, халқ аз ту кунад ор.
Ҳар он к-ӯ илм хоҳад, ҳилм бояд,
Ки бо ин ду силаҳ дил мерабояд.
Агар зарро бигӯӣ борҳо мис,
Тавозӯъпешаро хонӣ ту Иблис,
Шавӣ аз боргоҳи илм ронда,
Чу мардуди халоиқ якка монда.
Шавӣ беобрӯ аз бадсиголӣ,
Наёбӣ ҳеҷ гаҳ иззу камоле».
Агар ин сон бузургон раҳнамоянд,
Ба инсон боби хушбахтӣ кушоянд.
Маро афзуд з-ин уммедворӣ,
Ба фардои адолат, беғуборе.

**Муноҷоти гаҳворасоз**

Худоё, бахри кӣ гаҳвора созам!
Ба кӣ гӯям ба хун оғушта розам?
Аз ин ҷангу ҷафо гаҳвораам сӯхт,
Ҷаҳони орзӯ, гулкораам сӯхт.
Ба ҳар ҷо мардумон бечора гаштанд,
Аз ин бечорагӣ овора гаштанд.
Яке аз кори худ маҳрум монда,
Дигар ӯро ба таҳдиде биронда.
Яке дар рӯзи равшан дузд бошад,
Дигар кас моҳҳо бемузд бошад.
Худоё, ин чи рӯзи сахти ман гашт,
Ки аз гаҳвораи ман бахт баргашт.
Дилам дар ғуссаи гаҳвора хун шуд,
Магар минои бахтам сарнагун шуд?
Надорам муштарӣ, акнун чӣ созам,
Ба ин гаҳвораам пеши кӣ нозам?
Гираҳ аз риштаи бахтам ту во кун.
Ба ин гаҳвораам тифле ато кун.
Ба халқаш мӯнису ғамхор гардад,
Ба аҳли илму дониш ёр гардад.

Вафодору дилогаҳ, соф бошад,
Ҳақиқатҷӯй, боинсоф бошад.
Зи ифроту таассуб дур бошад,
Ватан аз ҳимматаш маъмур бошад.
Биёр он тифли Адламро дубора,
Ки парвояш кунам дар гоҳвора.
Набинад рӯзи бадро ҳеҷ гоҳо,
Саодатманд гардонӣ, илоҳо!

**Анҷом**

Аё хонанда, бахшо, хаста кардам,
Хаёлатро ба ғам вобаста кардам.
Нагуфтам қиссаҳои дилписанде,
Надодам аз бароят низ панде.
Фақат хоҳам равем аз он тариқат,
Барад моро ба водии ҳақиқат.
Ба ҷисми ин диёри нотавоне,
Дамад рӯҳе, зи нав орад ҷавонӣ.
Фазояш босафо, пурнур гардад,
Заминаш хурраму маъмур гардад.
Ҷавононаш саодатманд бошанд,
Бузургон ҷумла иззатманд бошанд.
Муборак бод бо ту ҷашни Наврӯз,
Ҳама рӯзи ту бошад шоду фирӯз.
Шавад Наврӯзи нав – Наврӯзи ваҳдат,
Биёрад армуғон сулҳу саодат.
Насими иттиҳоди ҷовидонӣ,
Ба Истиқлол файзи осмонӣ.
Чаро ин кӯҳсорон сарбаланданд?
Матину устувору бегазананд?
Чу онҳо такя бо ҳам менамоянд,
Шукӯҳи ҳамдигарро мефизоянд.
Ба ҳам мо низ бояд такя созем,
Ба нирӯю тавони ҳам бинозем.
Ба дунё то шавад боло сари мо,
Ба гардун ҷилва созад ахтари мо.
Сазад гумкарда бахти хеш ёбем,
Ба истиқболи субҳи нав шитобем.
20-23 марти соли 1993

**Ду Душанбе**

Душанбе шаҳри дилдорон,
Душанбе шаҳри бедорон.
Душанбе шаҳри меҳру ишқ
Душанбе шаҳри кору сидқ.
Душанбе шаҳри арзонӣ,
Душанбе шаҳри меҳмонӣ.
Душанбе шаҳри боғу гул,
Навои қумрию булбул.
Душанбе дӯстро маъво,
Душанбе шаҳри рӯҳафзо.
Душанбе шаҳри ақлу ҳилм,

Дили фарҳангу ҷои илм.
Умеди Айнию Мирзо,
Садои дилкаши Барно.
Чароғон кӯчаю барзан,
Савора пирамарду зан.
Бале, шаҳре чунин дидем, чандин моҳ пеш аз ин,
Бале, шаҳре чунин дидем, холӣ аз низову кин.
Валекин баъд….
Душанбе шаҳри дурӯён,
Душанбе шаҳри берӯён.
Душанбе шаҳри бозорон,
Душанбе шаҳри безорон.
Душанбе шаҳри бадкинон,
Душанбе шаҳри бадбинон.
Душанбе шаҳри туҳматҳо,
Ҳаводорони бидъатҳо.
Душанбе шаҳри ҳаннотон,
Душанбе шаҳри хавфи ҷон.
Ситоди қатлу ғоратҳо,
Харобии иморатҳо.
Душанбе шаҳри мансабҷӯ,
Маҳалбозӣ, таҷовузхӯ.
Душанбе шаҳри бетақво,
Гаравгонгир шуд мулло.
Гурезон олиму фозил
Зи дасти мардуми ҷоҳил.
Душанбе шаҳри бекорӣ,
Душанбе шаҳри беморӣ.
Душанбе шаҳри беқонун,
Ба ҳар сӯ як ситоди хун.
Чи беранг аст фарҳангаш,
Чи бефарҳанг шуд рангаш,
Душанбе шаҳри пурташвиш,
Ба ҳар бандар ҷуволи риш.
Ҳукумат дасту по баста,
Ба масҷид хаста биншаста.
Гарав гардида аъзояш,
Шуда ларзон саропояш.
Ҳазор афсӯс, эй шаҳри азизам, шаҳри дилоро,
Зи дасти чанд бемағзе шудӣ бадном дар дунё.
Шудӣ майдони бозиҳои нирӯҳои бегона,
Ба доми куфру исломи замон гардидаӣ дона.
Маранҷ аз манн, агар ки рост гӯям андар ин хона
Надорӣ чун Ғафуров марди ботадбиру фарзона.
Туро як сарваре бояд адолатхоҳу ҳақгӯе,
Ҷаҳонбину ҷаҳондоне,сухансанҷу сухангӯе.
Нагӯяд: ман шимолӣ, ё ҷанубӣ, ё бадахшонӣ,
Замираш пок бошад аз разолатҳои инсонӣ.
Чудо ҳаргиз насозад Ленинободу Бадахшонро,
Чу модар дӯст дорад хоки поки Тоҷикистонро.
Насозад хешро вобастаи дунёи ҳаннотон,
Насозад паст қадри марди дониш, заҳмати деҳқон.
Ба монанди уқобон покбозу дурбин бошад,
Ба ваҳдат ҷонсупору халқро бахтофарин бошад.
Аминам, рӯи кор оянд фарзандони бономус,

Наҷотат медиҳанд аз рӯзгори нохушу манҳус.
Октябри 1992

**Ба Устод Рӯдакӣ**
**(Дар ҳошияи қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» )**

Аё ифтихори ҷаҳони адаб,
Бузургахтари осмони адаб.
Фазояндаи шӯҳрати тоҷикон,
Гулистони озодаи бехазон.
Пару бол додӣ ба мурғи Сухан,
Дарӣ машъале шуд ба ҳар анҷуман.
Забони тавонои халқи куҳан,
Ки Ширин шавад ошиқи Кӯҳкан.
Зи ту назми тоҷик шуд тоҷвар,
Басе шӯҳрат афганд дар баҳру бар.
Чу бархостӣ аз диёри Аҷам
Каломи ту шуд посдори Аҷам.
На танҳо туӣ шоире хушбаён,
Пай афкандӣ Кохе зи назми каён.
Биёмехтӣ ҳамчу ширу шакар
Ту панду сухан чун садаф бо гуҳар.
Шуд аз сеҳри шеъри ту тарзи баён
Дилангезу ширину поку равон.
Мақоми Бухоро ба шеъри дарӣ
Бишуд нардбоне ба пайғамбарӣ.
Чу парвардаи лутфи Сомониён,
Ту шӯҳрат фузудӣ ба ин хонадон.
Ту дар маркази давлати тоҷикон
Шудӣ сарвари шоирони замон.
Зи шеъри ту дилҳо биёмад ба ҷӯш,
Баромад зи ҳар сӯй бонгу хурӯш.
Задӣ захма мастона бар тори руд,
Чу хондӣ ба оҳанги шево суруд:
-« Бӯи ҷӯи мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме»,
Барангехтӣ шӯри ишқи диёр
Чунон дар дили подшоҳи Бухор,
Сафар аз Ҳарӣ ногаҳон ихтиёр
Намуд аз сари ваҷд он шаҳриёр.
Чунон кард асар сеҳри шеъри дарӣ,
Ки парвоз гӯё намуд аз Ҳарӣ.
Яке мӯза дар пову дигар ба даст
Равон гашт сӯи Бухоро ба шаст.
Ки з-ин азми шаҳ аз вазиру сипоҳ
Тааҷҷуб ҳувайдо шуд аз ҳар нигоҳ.
Надида касе шоҳи бас ҳушёр
Чунин беқарору чунин масти ёр.
Ҳамерафт аспаш чу боди сабо,
Ки мехест гард аз пояш то само.
Чу омад ба Омуи пурмавҷу об
Шиновар бишуд аспи шаҳ бо шитоб.
Ту гӯӣ ба зери сумаш парниён
Бигустурда будӣ , на реги равон.

Ба паҳно чунон менамуд аспи шоҳ,
Ба гардуни нилӣ чу киштии моҳ.
Саворону лашкар ҳама беқарор ,
Равонанд гӯё паи корзор.
Машомаш зи ёди гулоби равон
Муаттар чу бӯи хуши Мӯлиён.
Ҳувайдо дар он акси ҳамчун парӣ
Нигоре, ки яктост дар дилбарӣ.
Зи рухсори ӯ оташе андар об
Бияфтода ё пораи офтоб.
Чи ҳусне, ки ошиқ шавад об ҳам,
Бидуздад аз ӯ шӯъла маҳтоб ҳам.
Зи чашмони рахшандаи нурбор
Фитад барқ дар дил, шавад беқарор.
Ба лабҳои чун барги садбарги тар
Суханҳо ниҳон дар садаф чун гуҳар.
Бувад гӯши ӯ бо зарин гӯшвор
Садопарвари шиҳаи аспи ёр.
Ба мижгони ӯ сурмаи интизор,
Нигоҳаш чу сайёди вақти шикор.
Чу аз интизорӣ шудаст ӯ малол
Ба худ медиҳад ёри шаҳ ин суол:
-«Магар шаҳ накардаст ёд аз диёр?
Фаромӯш кардаст ишқи нигор?
Чаро дер мондаст ӯ дар сафар,
Мабодо дучор ояд ӯ бо хатар».
Дили ёр бо шоҳу чашмаш дар об
Вуҷудаш чу мавҷаст дар печутоб.
-«Аё оби поку дилангези руд,
Бубар сӯи он шоҳи Сомон дуруд.
Бигӯ: «Шоҳи тоҷики бедордил,
Бухоро бувад бе вуҷудат хиҷил.
Мабодо ғуломон зи оли Тагин
Кашанд аз сари ҷаҳл теғе зи кин?
Ғулом ар шавад серу боихтиёр
Кунад орзу ғасби тахти Бухор!
Гадо гар шавад андаке мӯътабар
Шавад носипосу худобехабар.
Шавад кори ӯ зулму торочу хун,
Кунад Кохи фазлу адолат нагун.
На қадри ҳунар монаду ному нанг,
Ниҳад номи худ шер рӯбоҳи ланг.
Мабодо бародар зи иғфолу кин
Бигирад ба қасди бародар камин!
Ва ё бигзаронад зи ҳад айшу нӯш,
Ба ғафлат бимонад чу сайди хамӯш.
Худоё, бимон, тоҷики тоҷвар
Дар олам кунад паҳн илму ҳунар».
Чунин буд андешаҳои нигор
Ки дар роҳи шаҳ дошт ду чашми чор.
Ба ногаҳ даромад ба шаҳри Бухор
Ба шавкат , ба ҳашмат шаҳи бовиқор.
Ҳама шаҳр омад зи шодӣ ба ҷӯш
Баромад зи ҳар сӯй бонгу хурӯш:
-« Биёмад маҳи осмони Бухор!

Равонсарв дар бӯстони Бухор!»
Сипоҳону хидматгузорони шоҳ
Ҳама хаста буданд аз ранҷи роҳ.
Вале шод буданд аз омадан
Ба маскан , ба паҳлуи фарзанду зан.
Ҳама офарин хонд бар Рӯдакӣ,
Ба он шоири некному закӣ.
Чунон васф бинмуд ишқи Ватан,
Ки шаҳ маст шуд аз шароби сухан.
Агарчи ҳазору садуанд сол
Гузашт аз замони сууду завол.
Аз он шӯҳрату фарри Сомониён,
Ҳамон давлати миллати тоҷикон.
Чаро рафт бар дасти боди фано?
Шуд аз марказу шаҳр миллат ҷудо?
Зи ваҳдатзудоӣ буду аз нифоқ,
Ки душман зафар ёфт аз иттифоқ.
Кунун боз эҳё шуд он тоҷу фар,
Биёмад замони шукӯҳи дигар.
Зи нав соҳиби иззату давлатем,
Шарафманду соҳибватан миллатем.
Ба мо монд панду сухан ёдгор,
Аз Устод дар васфи шоҳу Бухор.
Кунун қадри Устоди бас арҷманд,
Нигар, дар Душанбе чи сон шуд баланд.
Бузургии Устод аз тоҷикист,
Бузургии тоҷик бо Рӯдакист.

**Ба меҳроби миллат суҷуд оварем**
**Эҳдо ба Гулназар ва Саидалӣ Маъмур**
Биё, соқиё, ғам зи дил дур кун,
Ба паймонае шоду масрур кун,
Дилам хун шуд аз гирудори замон,
Зи баҳси дуруштии яқину гумон.
Тану ҷонам аз зиндагӣ пир шуд,
Бидеҳ ҷом, к-ин бода тадбир шуд,
Бидеҳ бода, то ҷӯям асрори худ,
Саранҷоми инкору иқрори худ.
Бидонам чи розест дар ин ҷаҳон,
Чаро ман падидору аз худ ниҳон.
Дар ин коргоҳи замону замин,
Туӣ бо парешондилон ҳамнишин.
Туӣ хотири ҷамъи ошуфтагон,
Ту бедорсози дили хуфтагон.
Ту таскини ҷонӣ ба ҳангоми дард,
Бубахшой гармӣ ба дилҳои сард.
Биё, сиқиё, базми мо гарм кун,
Дуруштии моро ба май нарм кун.
Ба давр овар он косаи арғувон,
Дили аҳли сӯҳбат намо шодмон.
Шавам ҳамдами рӯҳи Хайёми мо,
Бубинад чи ранг аст айёми мо.
Чи хуш махмали сабз густурда шуд,

Зи хотир ҳама сардӣ бистурда шуд.
Бубин кӯю саҳро бишуд гулфишон,
Сабо атрафшон шуду меҳрубон.
Гаҳе абри найсон кашад чатри хеш,
Гаҳе ояд аз абр борони беш.
Гаҳе шӯълаи барқ рахшон шавад,
Гахе раъд якбора ғуррон шавад.
Падидор дар гӯшаи осмон
Бишуд ҳамчу меҳроб рангинкамон.
Ба сар кард бодом чатри сафед,
Ҳарири арӯсона дар субҳи ид.
Бишуд нури хуршед сеҳрофарин,
Ба таҳрик овард набзи замин.
Ба ҳини тулӯъи шафақ зудтар
Сабӯҳӣ биёвар маро ин саҳар,
Шавам сархуши меҳрубонии ёр,
Фаромӯш гардид чаври нигор.
Бубин сабзаҳои зумуррадчабин,
Тароватфазоянду бас дилнишин,
Садои маҳине, ки аз чашмасор
Ба гӯш ояд, орад навиди баҳор.
Баҳори ғазалпарвари рӯҳбахш,
Ба ҳар ранг ҳар лаҳза дорад дурахш.
Маю соқию ёри бар дил қарин,
Фазояндаи умр бошад яқин.
Намо соқӣ аз лутфи худ сарфароз,
Ки ояд ба кошонаам бахт боз.
Маи тоҷикӣ рез дар соғарам,
Шавад мавҷзан ҳар раги пайкарам.
Кунам васфи ёру диёри азиз,
Забон то шавад аз сухан шаҳдрез.
Ситоиш кунам Тоҷикистони хеш,
Ки ишқам маро мазҳари дину кеш.
Қадаҳ пур кун, эй соқии арҷманд,
Зи минои ваҳдат, ки бошад писанд.
Дили хештанро мусаффо кунем,
Дури ишқ дар ин садаф ҷо кунем,
Бисӯзем бо оташи май риё,
Бисозем як миллати порсо.
Набошад дар он ҳирсу ғоратгарӣ,
Ғанӣ аз адаб бошаду дилбарӣ.
Набинем як фарди муҳтоҷро,
Дигарбора куштору тороҷро,
Зи дониш шавад чашмҳо ғарқи нур,
Сар озод аз ҷаҳлу боди ғурур,
Фурӯтан шавему ҳама сарбаланд,
Зи душман набинем дигар газанд.
Сабақ гир аз дарси Сомониён,
Ҳам аз фитнаҳои ғуломонашон.
Бубинем ояндаи дурро,
Ватанрову тоҷики масрурро.
Биё соқии меҳрубон, ин баҳор
Диҳад муждаи покии рӯзгор,
Биё, маст гардем аз лутфи ту,
Шавад зиндагӣ пуршукӯҳу накӯ.

Намо мутриби шӯх акнун қиём,
Навозу бихонем аз «Шашмақом».
Фалакро бигӯем, акнун шунав,
«Фалак» шодмонӣ бубахшад зи нав,
Нанолад дигар халқи мо аз ҷафо,
Намояд низоми адолат ба по.
Дигар нест баҳси «шимолу ҷануб»,
Чу хуршеди ваҳдат надорад ғуруб.
Бидеҳ, соқиё, аз майи шергир,
Раҳо гаштам аз макри дунёи пир.
Ба меҳроби миллат суҷуд оварем,
Ба Наврӯз бар ӯ дуруд оварем,
Фирӯзем гулхан дар ин анҷуман,
Зи нав зинда созем расми куҳан.
Ба пиндору гуфтору рафтори нек
Ҳама аз дилу ҷон бигардад шарик,
Ки то ҳаст даври замину замон,
Ҷавон монад ин давлати тоҷикон!
Қадаҳ гир, соқӣ, бигӯ нӯшбод,
Ғаму ранҷи гетӣ фаромӯш бод!
Муборак, муборак баҳори навин
Ба ҳар фарди ин кишвари нозанин.
Диёри пур аз меҳри озодагон,
Умеди ҳама тоҷикони ҷаҳон.

**Соқиномаи наврӯзӣ**

Аё соқӣ, эй маҳрами рози дил,
Бишав аз сари меҳр дамсози дил.
Биёр он маи софи ғулғулфикан,
Ки афтад аз он шӯр дар анҷуман.
Расид ин саҳар чаҳ -чаҳи булбулон,
Бишуд ишқ ҳангома дар гулситон.
Биё, як ду рӯзе, ки дорем умр,
Ғанимат чу гавҳар шуморем умр.
Биё, соқӣ, саршор кун ҷомро,
Махур дигар андӯҳи айёмро.
Биё бо маи арғувонии хеш,
Илоҷе бикун захми дилҳои реш.
Зи ҷоме, ки бар мо расида зи Ҷам,
Бинӯшем бе шиква аз бешу кам.
Ба ҳам, соқиё, меҳрубонӣ кунем,
Кунун мастию шодмонӣ кунем.
Баҳори нав омад, тарабҷӯш шав,
Бикун тавба аз зӯҳду майнӯш шав.
Ҳамасола битвон ба тақво нишаст,
Вале соғар акнун маяфган зи даст.
Баҳору маю сабза поянда нест,
Ғанимат шумар дам, ки оянда чист?
Ба ҳар сӯ нигар мавҷи гул ҷилвагар,
Биҳишт аст гӯё ҷаҳон дар назар.
Ба шукронаи кишвари файзбор,
Ки бар мо бидодаст парвардигор.
Ба шукронаи ваҳдату сулҳи мо,

Ба рӯҳи мададгору поки ниё.
Ба шукронаи давлати тоҷикон,
Ки шуд маркази тоҷикони ҷаҳон,
Ба шукронаи кӯҳу дарёи мо,
Ки бахшад зару оби умри бақо.
Ба шукронаи парчами ҷилвагар,
Ки хуршедро саҷдагоҳи саҳар.
Бишӯшем майро зи дастони ту,
Ки бошем дар силки мастони ту.
Чаро ман нанӯшам маи арғувон.
Ки бахшад маро қуввати ҷисму ҷон?
Басе шукр гӯям ба Эзид, ки ӯ
Маи ноб додасту ҷому сабӯ.
Маю соқию дилбари меҳрубон,
Суруди равонбахшу оби равон.
Муғаннӣ, наво ор аз Шашмақом,
Тарабро бидеҳ чанд рӯзе давом.
Зи нав бози давлат ба китфам нишаст,
Будам зердасту шудам чирадаст.
Бишуд давлатам соҳиби ихтиёр,
Бишуд миллатам миллати тоҷдор.
Кунун ҷоми тоҷик гетинамост,
Шароби муҳаббат атои Худост.
Бинӯшу бинӯшон барои савоб
Ба даҳришиорону аҳли китоб.
Агарчи замон мекунад душманӣ,
Диҳад ғам ба афъоли аҳриманӣ.
Ҷавобаш бидеҳ, соқиё, бо тараб
Чу Хайём аз хумми бинтулинаб.
Бидонад, ки морост аслу нажод
Зи Ҷамшеду Зардушту аз Кайқубод.
Ба ҳар як забон номи Наврӯзи мо
Диҳад ҳамчу шайпури ваҳдат садо.
Диҳад муждаи сулҳу ишқу баҳор,
Зудояд зи дилҳо ғами рӯзгор.
Навид орад аз шодии зиндагӣ,
Зи нобудии ғуссаву бандагӣ.
Ки дилҳо шавад поку маъвои нур
Зудояд хурофоту занги ғурур.
Биё, соқӣ, бар гирди гулхан кунун
Бисӯзем бунёди ғамро ба хун.
Ба хуне, к-аз-ангури маҳбуси хум
Биҷӯшиду аз асли худ гашт гум.
Ва ё ин ки пайваст бо асли хеш,
Даво гашта бар доғи дилҳои реш.
Биё, соқиё, май бидеҳ бемалол,
Ки озод гаштам зи хавфи завол.
Кунун давлатам шоду поянда аст,
Паёми накӯ баҳри оянда аст.
Ба Наврӯзи мо мисли май дар ҷаҳон
Бидод Эзидам ярлиғи ҷовидон.
Ҷаҳонӣ шуд имрӯз Наврӯзи мо,
Сари соли халқи дилафрӯзи мо.
ЮНЕСКО чу эълон кард ин қарор,
Дили ман зи шодӣ бишуд беқарор.

Ҷаҳон донад акнун , ки Наврӯзи Ҷам
Бувад тӯҳфаи хусравони Аҷам.
Аё соқӣ, ҷоми паёпай бидеҳ,
Бидеҳ май, бидеҳ май, бидеҳ май, бидеҳ.
Баҳорону Наврӯз ин ҷашни мост,
Атои ниёгону лутфи Худост.
ноябри соли 2009 Париж-Душанбе

**Илтиҷои наврӯзӣ**

Халқи ман бас сахтҷонӣ, сангҷонат зодаанд,
Аз шарори сангҳо оташ ба ҷонат додаанд.
Ҳар куҷо меҳробу минбар, ҳар куҷо нақшу нигор,
Бошад аз эҷози халлоқонаи ту ёдгор.
Ҳар китобе, ки варақгардон намояд рӯзгор.
Қиссаи пайкору васфи туст дар он бешумор.
Кирдигор аз баҳри ту килки заринро сохтаст,
Шаккари шеъри равонатро дар он андохтаст.
Шеъри Ҳофизро ба маънӣ осмонӣ хондаанд.
Пандҳои Рӯдакӣ ҳам ҷовидонӣ мондаанд.
Як ҷаҳон таъзим месозад ба номи Бӯалӣ,
Сабт шуд дар сафҳаи айём бо хатти ҷалӣ.
Ҳаққи устодӣ барои насли инсон доштанд,
Номи неку кори нек аз хештан бигзоштанд.
Душманони хешро дарси адаб омӯхтанд,
Ҷаҳли онҳоро ба барқи сабру дониш сӯхтанд.
Дор маъзурам, ки ақлу дониши мо костаст,
Гӯиё Иблис дар роҳи дигар андохтаст.
Бас набуд оё, ки хунатро дигарҳо рехтанд,
Асрҳо хоки туро яғмогаронат бехтанд.
Гаҳ зи санги кӯҳ баҳри хеш болин сохтӣ,
Гаҳ ба водӣ ҷони худро дар хатар андохтӣ.
Ҳамдилию ҳамзабонӣ буд лекин пешаат,
Ҳамчу оби чашмасорон пок буд андешаат.
Пас чаро имрӯз қасди қатлу ғорат мекунӣ,
Баҳри хуни хештанрезӣ ҷасорат мекунӣ.
Гӯш нанмо ҳарфи душманро дигар, ҳушёр шав,
Кишварат обод созу бо бародар ёр шав.
Кинаро аз дил бурун кун, фасли Наврӯз омадаст,
Дар диёрам офтоби оламафрӯз омадаст.
Маст мегардад димоғ аз бӯи ҷонбахши баҳор,
Савти ваҳдат ояд аз мурғон зи боғу шохсор.
Тифлакон дар орзуи сулху рӯзи шодианд,
Хонасозӣ мекунанду дар паи ободианд.
Ҳайф бошад, гар намефаҳмем ҳарфи ҳамдигар,
Чашм медӯзем баҳри оштӣ сӯи дигар.
Муттакое баҳри мо ғайр аз манну ту нест, нест,
Гар намефаҳмем инро оқибат шармандагист!
То ба кай дасти тамаъ созем мову ту дароз
Сӯи кишварҳои дигар чун гадоён бо ниёз?
Доллару динор оё муфту арзон медиҳанд?
Тавқҳои бардагӣ бар гардан осон мениҳанд.
Аз диёре, ки замину обу хокаш зарфишон

Айб бошад ризқ ҷӯем дар рӯи ҷаҳон.
Ҳайф бошад ору номуси падарҳо зери по
Гардаду шарманда дар рӯи ҷаҳон гардем мо.
Гар зани тоҷик бо рухсори зарду чашми тар
Пора нонеро биҷӯяд кӯ ба кӯю дар ба дар,
Номи мардӣ баҳри мову ту бувад оё раво?
Сад силоҳу пул агар дорем, номардем мо!
Соли навро бе туфангу тир истиқбол гир,
Фоли неки хештан омода дар ин сол гир.
Дур бод аз бурҷи иқболи ту наҷми наҳсбор,
Миллати маҳбуби манн ёрат шавад авҷу барор.
Соли Нав сулҳу вафову меҳру ваҳдат орзуст,
Адлу инсофу муҳаббат пояҳои обрӯст.
Баҳри фардои бақои тифлҳо боист зист,
Ҷуз камонҳоро ниҳодан роҳи дигар нест, нест!
Ҷашни Наврӯзат муборак, халқи ҳастиофарин,
Пайки нек орад, илоҳо, бо ту Наврӯзи навин.
Марти 1994

**Хотираи сафари Эрон**

Дили мо шод шуд аз дидани Эрону Теҳронаш,
Зи осори бузургонаш, ҳам аз қасри «Гулистонаш.
Кушод оғӯши худро боғи ошиқпарвари Ҳофиз,
Ба фоли нек то гаштам дар он маҳфил ғазалхонаш.
Чу нӯшидам гулоб аз гулситони Саъдии Шероз,
Бигуфтам: -Офарин бар соқию пири сухандонаш.
Зиёратгоҳи хосу ом дидам марқади Хоҷу,
Ва дар паҳлуи он ғоре, ки дорад рози пинҳонаш.
Зи даврони Ҳахомониш дорад қисса тахти Ҷам,
Сикандар кард ин кохи хирад аз рашк вайронашэ
Зи осори Куруш имрӯз монда сахраву гӯраш,
Пасаргарде, ки буда рашки чандин Руму Юнонаш.
Бихондам офарин бар мардуми соҳибдили Ҳамдон,
Чу дидам дар сари Бобои Тоҳир ман ғазалхонаш.
Зиёратгоҳи мардони хирад шуд марқади Сино,
Паноҳ оврд ин ҷо то ки аз Маҳмуду турконаш.
Шифо бар мардуму шоҳи Бухоро дод аз дониш,
Надод арчи наҷот аз бардагон ӯ Оли Сомонаш.
Ба даври марқадаш садҳо гиёҳе кишта аз «Қонун»,
Дар ин ҷо баҳри ҳар дарде, ту гӯӣ, ҳаст дармонаш.
Шукӯҳи Дориюш аз синаи кӯҳ аст боланда,
Чу ин ҷо сабт оинномае аз адли давронаш.
Шудам масти рубоиҳои Хайёми Нишопурӣ
Ва ё аз меҳрубониҳои мардони сухандонаш?
Ҷабини хеш молидам ба санги турбати Аттор,
Ба поси «Мантиқ-ут-тайр»-у уруҷи илму ирфонаш.
Ҳакими Тӯсро нозам, ки дар васфи ватандорӣ
Набошад дигаре дар хиттаи Эрону Тӯронаш.
Камоли мо шакар бурд аз Хуҷанд оё ба Табрезаш,
Ки то имрӯз ширин аст шеъри шаккарафшонаш.
Амир Сайидалӣ эҷоди Эрони сағире кард,
Зи файзи рӯҳи ӯ обод бинам мулки Хатлонаш.
Нафисиро ба ёд овар, ки баҳри дӯстон мегуфт:

Ду тан ҳастему як ҷон тоҷикону халқи Эронаш.
Пули пайванди нав эҷод кард устод Лоҳутӣ,
Зи Кирмоншоҳ чун омад ба қасди Тоҷикистонаш.
Манам имрӯз масти бодаи даврони Истиқлол
Ки яктан аз ҳазорон собитам дар аҳду паймонаш.
Дарахти дӯстӣ бояд нишонад ҳар кас аз ҳиммат,
Ки боғи ҳар ду миллат ҷовидон бошад гулафшонаш.
Намоишгоҳи Теҳрон гашт як бурҳони қотеъе
Ба авҷи табъу нашру қудрати фарҳангу имконаш.

**Паёми Покистон ё дуруд ба Иқбол**

Мо ба Покистон – диёри Шайх Иқбол омадем,
Бо дили пурмеҳр ҳангоми Сари сол омадем.
Аз Душанбе – пойтахти Тоҷикистон омадем,
Андар оғӯши ҳароратбори ирфон омадем.
Аз диёри сулҳу ваҳдат, аз диёри кохи нур,
Халқ к-аз Наврӯзи истиқлоли худ дорад сурур.
Рӯҳи Мавлонову Иқболанд ин ҷо ҷилвагар,
Аз муҳаббат, аз садоқат медиҳад моро хабар.
Рӯҳи Мансуру Ҷунайду Боязиду Булҳасан,
Ҳар яке дар асри нав гӯяд ба мазмуни куҳан:
-Аз таассубҳою куштору низоъ гардед дур,
Қалбҳои хештан созед монанди булӯр.
То шавад дилҳо таҷаллигоҳи анвори Худо,
Ҳосил ояд аз тариқи ростӣ ҳар муддао.
Сулҳ бояд кард, эй мардони аз Ҳақ бохабар,
То насӯзад ин ҷаҳони сӯхта бори дигар.
То нагардад тифлҳои нозпарвар дар ба дар,
То нагарад аз ситезу кина тифле бепадар,
То намирад кӯдаки маъсум дар хоки Ироқ,
То нанолад модари афғонӣ аз дарди фироқ,
То шавад масдуд боби тиру тӯп андар Яман,
То供 бародар бо бародар ҷамъ ояд дар Ватан.
Бар ҷиҳоди Сулҳ бояд баст, эй ёрон, камар,
Сулҳ дар ҳар кишвару ҳар қора то ёбад зафар.
Бояд инсонро биёмӯзем оини вафо,
То ки ояд аз таассуб бар таҳаммул бе риё.
Бояд омӯзем дарси сулҳи Турсунзодаро,
Шоири вассофи ишқу мардуми озодаро.
Орзу мекард сулҳу дӯстӣ ёбад бақо,
То шавад хушбахт халқи Осиёву Африқо.
Файз Аҳмад ҳам ба монанди бародар дошт дӯст,
Бо бузургоне чу Мирзо дӯст будан обрӯст,
Бояд омӯзем дарси ишқро бисёртар,
То ниҳоли меҳри инсонҳо шавад пурбортар.
То нагӯяд кас: «Мусулмонам ману ту бутпараст,
В-он масеҳӣ в-ин яҳуду он дигар зардуштӣ аст.
Чун таассуб мениҳад тафриқу меорад ба ҷанг,
Одамиро мекунад маҳрум аз номусу нанг.
Ҷангҷӯён боз дар Лоҳур карданд инфиҷор,
Рехт хуни бегуноҳи марду зан дар ин диёр.
Ҷанг, ин бадбахтии ҳар парду ҳар миллат бувад,
Ҷанг, ин заъфи асоси қудрату давлат бувад.

Ҷанг, ин беморию мӯҳтоҷию вайронӣ аст.
Оташи сӯзандаи хушбахтии инсонӣ аст.
Нест боке баҳри тоҷирҳои бозори силоҳ,
Сӯзаду мирад ҳазорон хона аз кори силоҳ.
Сӯфиён з-ин рӯ ба кори Сулҳи кул пардохтанд,
Зиндагии хеш вақфи бахти инсон сохтанд.
Хостанд инсон мақоми эзидӣ пайдо кунад,
Одами комил шавад, то асли худ эҳё кунад.
Бояд омӯзем дарси ваҳдати халқи Худо,
То шавад хушбахт авлоди башар зери само.
Нур борад аз дилу аз дидаи ҳар фард-фард,
То шавад озод фарзанди башар аз ранҷу дард.
Офарин бар ҳар касе, к-ӯ ёри ирфонӣ шавад,
Покдил чун сӯфиёну дӯсте ҷонӣ шавад.
Эй азизон, баҳри Сулҳи кул мададгорӣ кунед,
Баҳри бахти безаволи халқҳо ёрӣ кунед.
Нест сӯи бахт роҳи дигаре ғайр аз вафо,
Ваҳдату сулҳу мадоро ҳаст дастури Худо[22].
Исломобод. марти 2010

**Ба ёди устод Турсунзода**

Шеър бояд маҳрами розе шавад,
Лаҳзаи танҳоӣ дамсозе шавад.
Шаст гардад баҳри марди ҳақпараст,
Моҳии мақсуд то орад ба даст.
Чун шаробе, ки давои дил шавад,
Ҳар ки нӯшад, одами комил шавад.
Бар мусофирҳо бигардад ҳамсафар,
Дур ронад аз дил эҳсоси хатар.
Шодмон созад дили озурдаро,
Зинда созад орзуи мурдаро.
Ҳарфи аввал бар забони ошиқон
Дастагул гардад ба ёри меҳрубон.
Панди пирони хирадманду накӯ
Бар ҷавонони дурушту тундхӯ.
Ноумедонро умеди нав диҳад,
Зиндагии тираро партав диҳад.
Ҷамъ орад хотири ошуфтаро,
Суфта созад гавҳари носуфтаро.
Камбағалро ҳиммати шоҳӣ диҳад,
Бехабарро шавқи огоҳӣ диҳад.
Худписандонро диҳад дарси шуур,
Ҷуръату мардӣ ба шахси беғурур.
Ошно созад ба ҳам бегонаро,
Раҳ ба дил ёбад чу гесӯ шонаро.

---

[22] Ин шеър ба муносибати Конфронси байналмилалии « Тасаввуф ва сулҳ», ки аз 14 то 16-уми марти 2010 дар шаҳри Исломободи Покистон баргузор гардида буд, иншо гардида, дар он бештар аз сад давлат олимон даъват шуда буданд. Баъд аз қироати маърӯзае,ки доштам, бо хоҳиши Раиси Конфронс, Раиси Анҷумани нависандагони Покистон ҷаноби Фахр Замон ин шеър қироат шуд ва ҳозирин аз он хуш истиқбол намуданд ва ҳангоми шунидани номи устод Турсунзода бисёр касон аз ҷой хеста кафкӯбӣ карданд. Дар ин Конфронс аз Тоҷикистон узви вобастаи АИ ҶТ Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев низ иштирок ва суханронӣ дошт.

Занги дилҳоро зудояд мисли нур,
Ҳамчу Мӯсо дар таҷаллигоҳи Тур.
Золимонро раҳнамои адлу дод,
Бахри мазлумон шавад субҳи мурод.
Муждаи васле ба ёри интизор,
Чун насими атрафшони баҳор.
Ҳомии халқу Ватанро теғи тез,
То аз ӯ душман ниҳад рӯ бар гурез.
Парчами сулҳу вафову меҳру ишқ,
Дӯстию некию покию сидқ.
Бар ватангумкарда гардад раҳнамо,
Бевафоёнро диҳад дарси вафо.
Пораҳои миллате орад ба ҳам,
Мумиёӣ гардад аз лутфу карам.
Ошиқонро волаву шайдо кунад,
Ҳамчу Исо мурдаро эҳё кунад.
Аз диле ҷӯшад, ки бошад софу пок,
Оварад дар ҷӯш дил чун оби ток.
Гардад исёне ба ҳангоми ситам,
Рӯҳи озодипарастонро алам.
Ҷӯшад он аз мағз-мағзи зиндагӣ,
То раҳонад халқро аз бандагӣ.
Қудрати эҷози Мавлонои мо
Буд шеъри ваҳдати халқи Худо.
Бо суруди ваҳдати халқи ҷаҳон
Гашт Мирзо ифтихори тоҷикон.
Ёфт дар дилҳои мардум ошён,
Бо хулуси нийяту шеъри равон.
Душмани сарсахти истеъмор шуд,
Ҳиндро ҳамчун бародар ёр шуд.
Ӯ васият кард бар мо, тоҷикон,
Дӯст бояд дошт дар рӯи ҷаҳон.
« Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гумм макун».
Ҳар куҷое рафт, овард ошно,
Мисли атри гул, ки меорад сабо.
Сулҳхоҳони ҷаҳонро пешрав
Гашт, ҷони хешро монда гарав.
Шоирон гар дил ба миллат додаанд,
Ҷовидон монанди Турсунзодаанд.

**Оинаи сафар**

Бо супоришҳо сафарҳо кардаам,
Хотирот аз баҳру бар овардаам.
Гоҳ будам дар диёри Ҳинду Чин,
Дар миёни мардуми меҳнатқарин.
Борҳо кардам ба Амрико сафар,
Кардам аз Орому Атлантик гузар.
Гоҳ Ҷопону гаҳе ҳам Куриё,
Гоҳ Эрону гаҳе ҳам Туркиё,
Гоҳ дидам шаҳрҳои Аврупо,
Сарзаминҳои араб, ҳам Африқо.
Бурҷҳову қасрҳои сарбаланд,
Боғҳову роҳҳои дилписанд.

Ақл дар ҳайрат аз он эъҷозҳо,
Аз чунин суръат, аз он парвозҳо.
Борҳо ҳам дар замин, ҳам дар ҳаво
Пурсуҷӯ аз хеш мекардам: Чаро
Дар Фаронса,Чину Амрику Япон
Мардумон ҳаргуна дар дину забон,
Кишвари худро биҳиште кардаанд,
Маскани анбарсириште кардаанд?
Аз Ватан, аз миллату фарҳанги худ,
Фахрҳо доранд ҳар як беҳудуд.
Бетаасссуб мекунанд ин ҷо назар
Бар забону дину фарҳанги дигар.
Қадри илми дунявӣ бошад баланд,
Аҳли илму фазлу дониш арҷманд.
Кардаам таҳқиқ инро борҳо,
Дида аз бехобиям озорҳо.
Дар Аморат чанд рӯзе меҳмон
Будам андар хонаҳои дӯстон.
Дидам он ҷо мактабу таълимро,
Кӯшиши шогирдро, тасмимро.
Дӯсти мо Ҷумъа ал-Моҷид буд,
Бо муҳаббат меҳмондорӣ намуд.
Ҷамъ меорад зи ҳар кунҷу канор
Дастхатҳову китоби бешумор.
Мекунад тармим бо шавқу ҳавас,
То шавад ояндагонро дастрас.
Баҳри ин пири хирад қадри китоб
Нест камтар аз фурӯғи офтоб.
Мактабу литсейи нав карда бино
Насли наврасро шудаст ӯ раҳкушо.
Гуфт: «Ҳар ҷо қадри дониш шуд баланд,
Зиндагӣ бошад дар он ҷо дилписанд.
Илм дар ҳар ҷо агар гардид хор,
Мешавад бадбахт халқи бешумор».
Ин суханҳо ростанду беғараз,
Оре, беилмӣ асоси сад мараз.
Дидаам бо чашми сар, ки борҳо
Аз ҷаҳолат халқ мебинад ҷафо.
Ҳар куҷо аз илми дунёист дур,
Мардум он ҷо ҷоҳил асту беғурур.
Мешавад побанд бар ҳар ҷоҳиле.
Ё ки як сармоядори коҳиле.
Мешавад хидматгузори дигарон,
Хуш ба чандин танга ё бо чанд нон
Нанг бошад бар араб ҷое дигар
Баҳри муздурӣ кунад азми сафар.
Мардуми бегонаи хидматгузор,
Гар араб набвад, надорад эътибор.
Баҳри рӯзӣ омада аз ҳар диёр,
Кардаанд ин ҷо сукунат ихтиёр.
Бо ҳама зебоию боғу чаман
Нест бар бегонагон ин ҷо Ватан.
Дар Дубай дидам биноҳои баланд,
Мегазад ангушти ҳайрат ҳушманд.
Хонаҳои осмонбӯси чу кӯҳ,

Роҳҳо, майдонҳои бошукӯҳ.
Фикри илми дунявӣ ҳам дин кунанд,
Оби шӯри баҳрро ширин кунанд.
Фарқи шаҳру деҳаҳоро бурдаанд,
Ҳусни мулки хешро афзудаанд.
Дар ҷаҳон дигар чунин зебо бино
Ман надидам дар шукӯҳу иртифо.
Ҳайратовар андар он аквариум,
Ҷонварҳо чун наҳангу говдум.
Моҳии ҳар гуна дорад беҳисоб,
Шишабаҳре сохтанд оличаноб.
Ин ҳама маҳсули илми дунявист,
Гар чунин дониш набошад, ақл нест.
Мо агар хоҳем, фарзандони мо
Дар ҷаҳон ёбанд роҳи хешро,
Бояд аввал илми дунёӣ диҳем,
То ки аз доми таассуб вораҳем.
Чашм бикшоем, дунёи кунун
Меравад гоҳо ба маҷрои ҷунун.
Аз ниёгон дарси ахлоқу хирад
В-з замон аз илми дунёӣ мадад
Ҷуст бояд, то ки тақдири Ватан
Бод дар фитроки зини хештан!

**Ёде аз устод Халилуллоҳи Халилӣ**

Ба ту, шоири осмонӣ, дуруд,
Ба ту, кимиёгар, салому суҷуд.
Басе ранҷ дидӣ зи доғи Ватан,
Хазон гаштани боғу роғи Ватан.
Зи бедоди дунёи бунёдбод,
Нагардид як фарди озода шод.
Басо кӯчиён аз ҷанубу шимол,
Басо ғарбиёни парастанда мол,
Ба теғу сипоҳу ба тӯпу ба тир
Бикуштанду бурданду карданд асир.
Ба фарзонагон танг омад ҷаҳон.
Аз ин бори ғам гашт қомат камон.
Ба ин қомати хам ба ҳар як замон
Ҳамебурд мероси Сомониён.
Зи санги ҳаводис, зи кини адӯ,
Ки ҳамвора мерехт аз чор сӯ,
Фалак ҳам мададро фаромӯш кард,
Ватандорро хонабардӯш кард.
Яке сарзаминро ба се пора кард,
Ба ҳар порае халқ овора кард.
Хуросон кашад бори номусу нанг,
Вароруд ҳам монда дар ҳоли танг.
Ту хун хӯрдаӣ аз парокандагӣ,
Парокандагӣ роҳ бар бандагӣ.
Вуҷуде, ки саршори меҳру вафо,
Хазон гашту пажмурда шуд аз ҷафо.
Ватан то зи хун шуд ҳама лолазор,
Ба ҳар ҷо бино гашт чандин мазор.

Мазори ҷавонони боҳушу рой,
Ки аз азмашон буд кишвар ба пой.
Ватанхоҳу фарҳангдору далер,
Зи дидорашон чашм ногашта сер,
Замин гашта чун гушнагурге ба ком
Кашид оқибат ин далерон ба дом.
Навиштӣ ба хуни дилат достон,
Зи тақдири хунини Афғонситон.
Ба ёдам расид он замоне, ки ту
Сухан кардӣ аз шеъри нобу накӯ.
Душанбеи гулпӯши меҳмоннавоз
Ба сӯи ту оғӯши худ кард боз.
Басе баҳс ҷӯшид аз шеъри нав,
Дили сомеон бар сухан шуд гарав.
Дар он маҳфили шеъру лафзи дарӣ
Сухан гуфтӣ чанде зи навоварӣ.
Дар он рӯзи гарми баҳори накӯ
Арақшор шуд Нодир[23] аз гуфтугӯ.
Ба илҳому шодӣ чу булбул сухан
Ҳамекард аз шеър дар анҷуман.
Басе сайди дилҳо, ки Моил[24] намуд,
Суханро аз ӯ обрӯ мефузуд.
Зи Мирзо[25] басе доштем ифтихор,
Ки маҷлис аз ӯ ёфт файзи баҳор.
Ҳама –форсӣ, тоҷикӣ ё дарӣ
Ҷудо ному ҳастанд як гавҳаре.
Сухангустарӣ дошт бас Хонларӣ,[26]
Ба шамъи сухан дода равшангарӣ.
Бишуд рӯҳи Иқболу Мавлои Рум
Ҳумоюн, парафшон дар ин марзу бум.
Зи сӣ сол беш аз ҳамон рӯзгор
Гузашт, анҷуман монд ёдгор.
Гузаштанд онҳо, ки доди сухан
Бидоданд он рӯз дар анҷуман.
Ҳамон маҷлисе буд ваҳдатшиор,
Забон худ яке, халқҳо ҳамҷивор.
Вале фитнаҳо боз боло гирифт,
Ки пеши раҳи ваҳдати мо гирифт.
Кашиданд ҳар сарзаминро ба ҷанг,
Ки маҳрум созанд аз ному нанг.
Вале боз шуд мазраи сарнавишт,
Чу тухми муваддат ба дилҳо бикишт.
Биёмад ба мо пайки сулҳу вафо,
Бишуд хонаи тоҷикон босафо.
Аз он минбаре карда будӣ сухан
Зи васфи ту гул кард ҳамчун чаман.
Шавад рӯҳи покат чу гул шодмон,
Биболида дар хонаи тоҷикон,
Ба Навшоҳӣ[27] гуфтем ҳамду сано,
Ки овард аз «Кӯи» ту «Ошно»[28].

---

[23]Шоири машҳури Эрон Нодири Нодирпур дар назар аст.
[24] Манзур шоири Афғонистон Моили Ҳиравӣ аст.
[25] Устод Мирзо Турсунзода дар назар аст.
[26] Донишманди Эрон Парвиз Нотил Хонларӣ дар назар аст.
[27] Орифи Навшоҳӣ- муҳаққиқи покистонӣ, ки иродатманди Халилӣ аст.

Зи нав ҷамъ гаштем бо ёди ту,
Зи шеърат шунидем фарёди ту:
«Чун ба ғурбат хоҳад аз ман пайки ҷонон нақди ҷон
Ҷо диҳедам дар канори турбати оворагон.
Гӯри ман дар паҳлуи оворагон беҳтар, ки ман
Бекасам, овораам, бемайҳанам, бехонумон».[29]
Вале ҷои ту шуд муқимӣ ба дил,
Ту рӯҳӣ, ҷудо гашта аз обу гил.
Чу рӯҳи бузургони маъвои ман,
Фари эзидии тавонои ман.
Ҳамин рӯҳ пайванди се кишвар аст,
Ба ҳар миллате мисли болу пар аст.
Ҳамин рӯҳ бахшид моро ғурур,
Ҳам озодию ваҳдату ҳам сурур.

**Насиҳат ба ҷавонон**

Насиҳат шунав аз ман, эй навҷавон,
Шавӣ то ки хушбахт андар ҷаҳон.
Ҳамон пешаеро бикун интихоб,
Ки ошиқ ба онӣ зи аҳди шубоб.
Набошад агар ишқи эҷодкор,
Бани одам уфтад ба дунёи тор.
Ҳамин ишқ равшан кунад хонаро,
Шараф бахшад аз ҳусн оинаро.
Зи ҳиммат кунад фатҳ Мирриху Моҳ,
Бубахшад ҷаҳонро ба холи сиёҳ.
Ҳамин ишқи озод аз чоҳу банд
Ба зӯраш асоси ғуломӣ биканд.
Фурӯзад гаҳе машъали инқилоб,
Ки андар талотум шавад офтоб.
Аз ин ишқ Колумб карда шино
Кушод оқибат қораи Амрико.
Ҳамин ишқ обод карду хароб
Ба дастони Ҷамшеду Афросиёб.
Шукӯҳе бибахшид бар тахти Ҷам
Сикандар харобаш намуд аз алам.
Аз ин ишқ тоҷик шуд тоҷвар,
Суханро бидод аз хирад болу пар.
Чу ишқ аст созандаву файзбор,
Ҷаҳон ёбад аз вай шукӯҳи баҳор.
Агар рахна орад ба дилҳо ҳасад,
Ҷаҳоне ба ҳоли табоҳӣ расад.
Ба инсон шавад ишқ агар раҳнамун,
Ба ҳар хона з-ӯ бахт гардад фузун.
Адолат шавад ҳар куҷо барқарор,
Набошад зи ғам дидае ашкбор.
Зи ишқи ҳақиқист номусу ор,
Сарафрозию покии рӯзгор.
Зи ишқи ҳақиқӣ Ватан гул кунад,
Лабу чеҳраи марду зан гул кунад.
Суханҳо навозандаи рӯҳу дил,

[28] Асари Навшоҳӣ «Дар кӯӣ Халил» ва китоби Халилӣ дар бораи Муҳаммад Иқбол «Ёри ошно» дар назар аст, ки дар Душанбе чоп шудааст.
[29] Ин абёт аз Халилӣ мебошанд, чун васият пеш аз маргаш гуфтааст.

Назарҳо гудозандаи обу гил.
Ҳамин ишқ миллат ба ваҳдат барад,
Қабои риёву таассуб дарад.
Ба мақсад расонад ватандорро,
Намояд нагун кундаву дорро.
Ба кас раҳнамои саодат шавад,
Ливои фурӯзони миллат шавад.
Саноат шавад пояи иқтисод,
Нагардад кишоварз кораш касод.
Ба сад ранг дар ҷилва ояд ҳунар,
Шавад рӯҳбахшо чу файзи саҳар.
Равад аз тиҷорат низоми фиреб,
Ба қимат наояд фарозу нишеб.
Шавад зиндагонӣ гуворову хуш,
Зи покӣ чу сарчашма ояд ба ҷӯш.
Сиёсат мубаддал ба бозӣ шавад,
Чу аз қоғазе киштисозӣ шавад.
Даме рӯи обу шавад сарнагун,
Шавад ҳоли бозигар аз вай забун.
Ҷавони азизу насиҳатниюш,
Ба гуфтори манн бохирад дор гӯш.
Бишав дар раҳи ошиқӣ устувор,
Вафодор бошу ҳақиқатшиор.
Шавад бахт доим ба ту ҳамсафар ,
Бубахшад муҳаббат туро болу пар.
Чу парвозгоҳи ту бошад баланд,
Ҳамеша, ба ҳар ҷо шавӣ арҷманд.

**Саломномаи**
**наврӯзии аҳли илм ба аҳли адаб**

Салом эй Меҳмон, аҳли қаламро сарвари доно.
Салом, Абдулҳамиди меҳрубону мӯниси дилҳо.
Салом, эй Гулназар, эй шоири рамзошнои дил,
Салом, эй Маъмури дардошно, ҳар дил туро манзил.
Салом, эй дӯсти дерин Кароматуллаҳи мумтоз,
Ки дар майдони насру филмсозӣ соҳиби эъҷоз.
Саломи оташин Саттори Турсун, устоди наср,
Ки осори ту бахшидаст рӯҳи тоза дар ин аср.
Салом, эй Аскари дар ҳикмату маънӣ ҳакими мо,
Саломе сӯи Маҷлис, бар Низоми назму қонунҳо.
Салом, эй шоири дилдодаҳои нав, Камоли мо,
Салом, эй Равшани дар қиссасозӣ гашта беҳамто.
Салом, эй Ҷонибеки мо, «Садои Шарқ»-ро сарвар,
Саломе бар Ҳалимшо, бар қасида гашта эҳёгар.
Салом, эй Зулфия, оинаи «Фирӯза»ро дидор,
Салом, эй Шаҳрия, бонуи хушхӯи накӯгуфтор.
Салом, эҳёгари оҳангари Озар Ато Ҳамдам,
Ки бо Чигрин гиреҳи дӯстиро бастаӣ маҳкам.
Саломи оташин Фарзонаи шеъру адабро тоҷ,

Ки бар силки муҳаббатномаҳои дил шудӣ минҳоҷ.
Саломе бар Атохони мунаққид, носиру шоир,
Кушод ӯ «Мактаби Айнӣ»-ю насри давраи охир.
Салом, эй Ҳақназар, эй гӯшагири хиттаи Хатлон,
Ки шеърат чун матои бофта аз риштаи ирфон.
Салом, эй Ғоиби ҳозир ба шеъри дилписанду ноб,
Саломе бар Бароти аз Сикандар гашта нусратёб.
Салом, эй Кӯҳзод, аз ҳиммати ту наср равнақдор,
Салом, эй Файзалӣ, к-аз ҳаҷви зебо гашта шӯҳратёр.
Саломе бар ду Раъно, ду гул аз ду гӯшаи кишвар,
Салом, эй нуктадон Меҳринисо, дар шеър некахтар.
Салом, эй Бахтиёри Муртазо дар насри нав мумтоз,
Ки додӣ аз ҳақиқатмашрабӣ очеркро пардоз.
Салом, эй Мӯмини шаҳри қадимӣ ҷуста дар Дарвоз,
Салом, эй Назри Яздон, ки суруд овардӣ бар парвоз.
Салом, эй мавҷи туғёнпарвари андеша Гулрухсор,
Салом, Эмом Алӣ, сармояқурбонкарда бар ашъор.
Саломе бар Ҳабиби шоири дар пардаи тамкин,
Саломе бар Гурези рафта аз роҳи падар, таҳсин.
Салом, эй Шералӣ Мӯсо, зарофатгӯи маҳфилҳо,
Салом эй шоири шеъри наву фарҳанги нав Доро.
Саломе бар Азимқул, фанни тарҷумониро мӯътод,
Салом, Одинаю Ҳоҷимуроди бар «Адиб» имдод.
Салом, эй Ҳикмати Раҳмат, суханро додаӣ ҷавлон,
Салом, эй Раҳмати Назрӣ, ки кардӣ «Солҳо гардон».
Саломе бар адибони Ҳисору Рашту хатлонӣ,
Ба шоирҳову носирҳои суғдию бадахшонӣ,
Салому маъзарат гар номи онҳое, ки дар ин ҷо
Накардам зикр, ислоҳаш кунам дар номаи фардо.
Дар ин Наврӯзи зебои баҳори кишвари тоҷик,
Фиристам бар адибони Ватан ман номаи табрик.
Шавад аз килки гавҳарборашон ҳар сафҳа нуронӣ,
Шавад равнақфазо бозори ашъору сухандонӣ.
Ҳама дар хидмати халқу Ватан маҳкам камарбаста,
Чи даркурсинишаста, ё ки аз ҳар қайд вораста,
Ба оромию сулҳу дӯстӣ бошем ҳампаймон,
Шавад тоҷик аз ваҳдат накӯахтар дар ин даврон.

## Марсияҳо

### Марсия

Ба академик Ҳабибулло Саидмуродов

Фалак теғе занад ҳар дам ба ҷисми нотавони ман,
Зи ғам сӯзад рагу пайванду мағзи устухони ман.
Кадомин гӯш дорад тоқати оҳу фиғони ман,
Ҷудо аз дӯст гардидам, ки гӯё буд ҷони ман,
На танҳо ҷони манн, файзи баҳори бӯстони ман.

Ҷудо кард аз Ҳабибе, ки дили дардошёне дошт,
Ҳам аз меҳру садоқат дар ҷабин хатти аёне дошт,
Зи дониш дар дили худяк ҷаҳон ганҷи ниҳоне дошт,
Зи дарди миллаташ бар дӯши худ бори гароне дошт,
Аз ин дуди мусибат тира шуд охир ҷаҳони манн.

Заковат васфи зотӣ буд андар ҷавҳари покаш,
Ба авҷи осмони ҳушмандӣ буд идрокаш,
Ба вақти баҳс дар илм аз ҳарифи худ набуд бокаш,
Ба таҳсин зикр мекарданд ёрон ақли даррокаш,
Зи мурғи авҷи дониш монд холӣ ошёни манн.

Ҳамеша ваҳдати халқи Ватан буд орзуи ӯ,
Саодатмандии тоҷик роҳи ҷустуҷӯи ӯ,
Вафову дӯстию меҳрубонӣ гуфтугӯи ӯ,
Зи хислатҳои олӣ гашт боло обрӯи ӯ,
Надорад қудрати тавсифи атвораш забони ман.

### Барои санги мазори академик Ҳ.Саидмуродов

Рукне аз илми тоҷикон ин ҷост,
Он Ҳабиби Муроди ҷон ин ҷост.
Ғами миллат ҳамеша дар дил дошт,
Дили дардошно ниҳон ин ҷост.
То ки тоҷик ҳасту дарду алам,

Як ҷаҳони пур аз фиғон ин ҷост.
Ку чу ӯ ёри бовафову садиқ?
Маҳфилорои меҳрубон ин ҷост.
3-Истаравшан буд аз табори баланд,
Дар Душанбе абадмакон ин ҷост.

**Барои санги мазори Муборакхон**
( 25.04.1930-26.03.2000)- модари Анварҷон Султонов)

Эй модари неку хоксорам,
Аз дарди фироқ дилфигорам.
Оғӯши ту чун биҳишт будаст,
Бе ту ҳама сангу хишт будаст.

**Марсия**
Ба вафоти Дадахон Назиров (аз номи фарзандонашон, 4 марти 1995)

Дод аз дастат аҷал, бурдӣ падарҷони маро,
Маҳрами рози ману нирдармони маро,
Сӯхтӣ дар гулхани ғам гулшани ҷони маро,
Пора кардӣ шишаи уммеду армони маро,
Кардаӣ хомӯш шамъи бахти тобони маро.

Рафтӣ аз пеши манну ғамхона кардӣ хонам,
Дар набарди зиндагӣ бар хок мондӣ шонаам,
Ком ширин доштам,шуд талх ин паймонаам,
Тмурғи аҷал гардид обу донам,
Доғ шуд дар шамъи ғам болу пари парвонаам.

Хушзабону хушбаёну меҳрубон будӣ маро,
Носеҳи беминнату дар тан равон будӣ маро,
Маҳфили гарми манну тобу тавон будӣ маро,
Ҳалқаи васле ба хешу дӯстон будӣ маро,
Ақлу идроки манну нутқу забон будӣ маро.

Дар дилат сад ғам ниҳону ханда бар лаб доштӣ,
Дар дили ман донаи уммеди даврон коштӣ,
Маслиҳатгар будию бемаслиҳат бигзоштӣ,
Эй падарҷон, бо аҷал чун шуд, ки кардӣ оштӣ,
Ё ки бахти хеш дар хобби абад пиндоштӣ?

Ҳамчу фарзанди ту хоҳам зистан бообрӯ,
Аз насиҳатҳои ту берун нагардам қадри мӯ,
Дар амл хоҳам намудан ҳар чӣ будат орзу,
Ҳифз созам шавкату номи накӯву обрӯ,
То ки аз манн розию хурсанд гардад рӯҳи ту.

Эй падарҷон, эй падарҷон, эй падарҷон алвидоъ!
Эй маро пушту паноҳу ақлу виҷдон, алвидоъ,
Қиблагоҳи меҳрубону шавкату шон, алвидоъ,
Бод ёри ту илоҳо, нури имон , алвидоъ,
Бод ҷоят ҷаннатулмаъво, падарҷон, алвидоъ!

**Марсия**
Ба муносибати фавти Ҳоҷӣ Нуруллоҳ Содиқов
29-ми декабри соли 2009 (аз номи фарзандонашон)

Аниси хотири ғампарварам будӣ, падарҷонам
Ба ҳар парвози ман болу парам будӣ, падарҷонам.
Чу хуршеди саодат бар сарам будӣ, падарҷонам,
Фурӯғи хонаву бому дарам будӣ, падарҷонам.

Ту рафтиву ба кунҷи ғуссаву ғам ман гирифторам,
Фиғону нолаву «воҳасрато» з-ин ғам бувад корам,
Зи дасти ман чи ояд, хуни дил аз дида меборам,
Чароғи раҳнамою раҳбарам будӣ, падарҷонам.

Дар ин фасли зимистон сард кардӣ хонаи моро.
Саросар ҷои оҳу дард кардӣ хонаи моро,
Макони ранҷ, ғампарвард кардӣ хонаи моро,
Баҳори гулфишон, гулпарварам будӣ, падарҷонам.

Ғами сӯзони Раъно дар вуҷудат гулхане афрӯхт,
Пас аз он марги ҳамсар ҷисму ҷонатро саросар сӯхт,
Бароят сарнавишт аз мотами онхо кафан медӯхт,
Агарчи ханда бар лаб дар барам будӣ, падарҷонам.

Баҳорон чун шавад, аз хоки ту сад лола мехезад,
Чу най аз банд-банди ҷисму ҷонам нола мехезад,
Чу вулқон аз дили ман оташи ҷаввола мехезад,
Пас аз модар падар ҳам модарам будӣ, падарҷонам.

Ту будӣ сахтгиру меҳрубон бар ҷумла фарзандон,
Ки то бошем некӯному ботамкину боимон,
Ҳама бообрӯю боҳунар боилму бовиҷдон,
Мураббии накӯ, тоҷи сарам будӣ, падарҷонам.

Дилам ҳарчанд аз доғи ҷудоият ҳазин бошад,
Кунун панди ту бар ман ёдгори беҳтарин бошад,
Бихоҳам аз Худо, ҷои ту фирдавси барин бошад,
Видоъ, эй раҳнамоям, сарварам будӣ, падарҷонам.

**Марсия ва таърих**
**ба фавти писархолаам Олимхон Усмонов( аз номи фарзандон)**

Эй дод, аҷал бурдӣ сару сарвари моро,
Санги ту шикаст оқибат ин гавҳари моро,
Оташкада кардӣ дили ғампарвари моро,
Хам кардӣ ба бори ғами худ пайкари моро.

Рафтӣ падаро, ин ҷигари сӯхта бо мост,
Чун ҳалқаи дар чашми ба раҳ дӯхта бо мост.

Аз оташи дил хирмани афрӯхта бо мост,
Дар ҳар қадам ашки чу дури рехта бо мост,
Бишкаст фалак шишаву ҳам соғари моро.

Дар сӯҳбати ту лаззати ширу шакаре буд,
Дар дидаи ту шӯълаи файзи саҳаре буд,
Рухсори ту оина ба ҳар як басаре буд,
Уммеду фараҳ ҳосили лутфу назарее буд,
Бурдӣ ту шукӯҳу ҳашаму афсари моро.

Будӣ ту сухандону сухансанҷу сухангӯ,
Ороиши ҳар маҳфилу ҳар маҷлиси некӯ,
Мардон ҳама тан дода ба мардонагии ту,
Аз сеҳри каломат ҳама буданд шифоҷӯ,
Дар синаи худ кардӣ ниҳон дафтари моро.

Дар гирди ту домоду арӯсон ба фиғонанд,
Аз ҳар мижае хуни ақиқвор фишонанд,
Ду хоҳари ту сабру таҳаммул натавонанд,
Аз сӯхтани ҳамсари ту халқ чӣ донанд?
Бингар фалако, ахгару хокистари моро.

Теғи алами ҳаҷри ту бинмуд ҷигарчок,
Эй ахтари тобон, ту чи сон рафтаӣ дар хок?
Рӯҳи ту ба ҳамроҳи фалак рафт бар афлок,
Таърихи ту «як мурғи ҷинон» зад дили ғамнок, (1374 ҳ.қ.)
Ҳам «дасти қадар канду бисӯзад дили моро».( 1415 ҳ.ш.)

**Боз моддаи таърихи фавти Олимхон Усмонов ба ҳисоби мелодӣ**
Чун зи ангуштарам фитод нигин,
Дилам аз теғи ғусса гашт ду ним.
Ҷон бирафт аз ҷаҳон бигӯ ба Масеҳ:
«Рафт Олим аз ин ҷаҳони ғамин» (1995)

**Марсия**
**Ба Фирӯзҷон аз номи падараш Атахон Сайфуллоев**

Чу сафар кардӣ аз ин даҳр ба уқбо писарам,
Ҷигарам рехт чу селоб зи ду чашми тарам.
Омад аз реҳлати ту шӯри қиёмат ба сарам,
Бе рухат нест кунун равшание дар назарам.
Писарам, во писарам, во писарам, во писарам,
Канд чанголи аҷал болу парам, болу парам.

Ту гули боғи баҳорони муҳаббат будӣ,
Шамъи тобандаи уммеду саодат будӣ,
Ба дилу дидаи ман нури наҷобат будӣ,
Ба ман аз толеи фирӯз башорат будӣ.
Писарам, во писарам, во писарам, во писарам,
Канд чанголи аҷал болу парам, болу парам.

Рафтию синаи ман кӯраи оташ гардид,
Хотири ғамзадаам боз мушавваш гардид,
Рухам аз хуни мижа боз мунаққаш гардид,
Модари рафтаат аз ин сафарат хуш гардид?

Писарам, во писарам, во писарам, во писарам,
Канд чанголи аҷал болу парам, болу парам.

Вақти пирӣ ту ниҳоди ба дилам доғи дигар,
Меравад ҷои нафас аз даҳанам оҳу шарар,
Қоматам хам шуд аз ин бори гарон ҷони падар,
Ману ҳайронию тӯфони ғаму дори дудар,
Писарам, во писарам, во писарам, во писарам,
Канд чанголи аҷал болу парам, болу парам.

Даст бардошта ҳар лаҳза дуо мегӯям,
Бод фирдавси барин ҷой туро мегӯям,
Мағфират бод зи даргоҳи худо мегӯям,
Манзилат бод пур аз нуру зиё мегӯям,
Писарам, во писарам, во писарам, во писарам,
Канд чанголи аҷал болу парам, болу парам.

**Марсия ба муносибати қатли Раиси Сулҳи олии Афғонистон Бурҳониддини Раббонӣ**

Боз дасти қотилон бар хуни нав олуда шуд,
Чашмҳо з-ин мотами нав боз хунполуда шуд.
Синаҳои сулҳхоҳон реш шуд аз захми нав,
Орзуи сабз зери пои дунон суда шуд.
Боз Кобул шуд макони ҳасрату оҳу фиғон,
Ҳар нафас аз сӯзи дилҳои азизон дуда шуд
Чун ҷаҳолат бо разолат решапайванданд, з-он
Мезананд оташ дар он манзил, ки он осуда шуд.
Чун Хуросон шуд фиғонистон зи ҷаври рӯзгор,
Чеҳраи шодонаи мардум ба ғам андуда шуд.
Рӯҳи Аҳмадшоҳ з-ин ғам боз нооpом гашт,
То ки Раббонӣ шаҳиди роҳи нопаймуда шуд.
Баҳри таърихи шаҳодат гуфт бо тарки «ҷаҳон»
«Кӯҳи Қофи ғам» бар «андӯҳи фалак» афзуда шуд.
(1389-и ҳиҷрии шамсӣ)
24 сентябри соли 2011

**Боз ба фавти Б.Раббонӣ**

Душманони сулҳ шӯри дигаре ангехтанд,
Боз хуни тоҷики сулҳофареро рехтанд.
Хоки фарҳангу тамаддунро дар он куҳандиёр
Бо силоҳи маргборони таассуб бехтанд.
Қасрҳои бошукӯҳи илму ирфон шуд нагун,
Аҳли илму фазлро бар дори ҷаҳл овехтанд.
Дар ниқоби дин чунон даррандахӯӣ кардаанд,
К-оқилон з-ин Бӯлаҳабҳои навин бигрехтанд.
Кишвари Афғонситонро ақлфарсохоҷагон
Аз фидоӣ сохтан бо хоку хун омехтанд.

**Ба куштори кимиёвӣ дар Сурия**

Замон имрӯз бо тақдири инсон мекунад бозӣ,
Сари савдоии мо бо чи чавгон мекунад бозӣ.
Ҷаҳонисозие гӯянд куштори ҷаҳониро,
Ҷаҳонсӯзист ин ҷо, баски бо ҷон мекунад бозӣ.
Вузӯ бо хуни инсон шуд мубоҳи дину бединӣ,
Чу теғи шайтанат бо куфру имон мекунад бозӣ.
Зи бас чашмони ҳақбини адолат баста мебинам,
Қазоватгоҳ бо зарҳои ҳамён мекунад бозӣ.
Ҷаҳонро маслахи беинтиҳои мардумон карданд,
Ки тӯпу теғ бо хуни мусалмон мекунад бозӣ.

**Ба фоҷеаи Ливия**

Ин асри ҷунуне зи ҳаё моя надорад.
Ҷуз бешарафӣ ҳиммату сармоя надорад.
Ин хона, ки бунёдаш аз обу гили зулм аст,
Аз санги адолат ба таҳаш поя надорад.
Чӯпонии ин тоифа аз маслаки гург аст,
Андешаи бегонаву ҳамсоя надорад.
Не пайрави ислому на дар силки масеҳанд,
Сар холӣ зи мағз аст, ки пироя надорад.
Канданд чу аз реша дарахтони адолат,
Нахле ба сари аҳли хирад соя надорад.
Гоҳе зи замин, гаҳ зи фазо тир биборанд.
Дар шаръи худ ин қавм ҷуз ин оя надорад.
Бингар ба чи ҳоласт ҷаҳони араб имрӯз,
Аз Ғарб ба ҷуз ҷанг дигар моя надорад.

## Шеъри вазири фарҳанги Тоҷикитсон барои Гарморӯдӣ

Дар рӯзи ифтитоҳи намоишгоҳи фарҳангии «Ёди ёр», рӯзи 22 декабри соли 2002 дар маҳалли Филармонияи давлатии Тоҷикистон (собиқ Қасри иттифоқҳои касаба) ин ҷониб дар поёни суханони кӯтоҳи ифтитоҳия шеъри «Меҳрубонӣ»-и худро низ ба поси меҳрубониҳои мардуми тоҷик хондам. Аммо аз номеҳрубонии ҳавои зимистонӣ ва барфу борони Тоҷикитсон гилоя кардам.

Ҳангоме ки суханони ман ба поён расид, ҷаноби оқои доктор Кароматулло Олимзода – вазири фарҳанги донишманди тоҷик барои як лаҳза пушти минбар баромаданд ва ба ҳамон вазн ва кофия ва радифи шеъри ман ин байтро бадеҳатан суруданд:

Шиква аз абру ҳавои Тоҷикистон хуб нест,

Бар кудуми дӯстон гавҳарфишонӣ кардаанд.

Ин посухи шоирона бисёр мақбули соҳибназарони ҳозир дар маҷлис қарор гирифт.

Ду рӯз баъд номае бо хатти вазири мӯхтарами фрҳанги Тоҷикистон ба дасти ман расид, ки дар он навишта буданд:

«Ба ҳузури ҷаноби оқои Гарморӯдӣ шодбоше ба муносибати ифтитоҳи намоишгоҳи «Ёди ёр» дар шаҳри Душанбе, ки ба радифи шеъри эшон эҳтироман иншо шуда аст. Кароматулло Олимзода».

Сипас 9 байт шеъри дилкаш ва олӣ дуруст бар вазни қитъаи «Меҳрубонӣ»-и инҷониб сурудаанд, ки ин аст:

Шод бош эй дил, ки ёрон меҳрубонӣ кардаанд,
Аз камоли дилнавозӣ дилситонӣ кардаанд.
Рутбаи эшон агарчи меҳмонӣ будааст,
Аз уруҷи ҳиммат акнун мизбонӣ кардаанд.
Дар мазоқи ҷон суханро чун найистон рехтанд,
Дар сари хони адаб шакарфишонӣ кардаанд.
То дарахти порсӣ эмин бимонад аз хазон,
Мисли Фирдавсии Тӯсӣ боғбонӣ кардаанд.
Ғунчаи шодӣ шукуфт аз файзи субҳи «Ёди ёр»,
Чеҳраҳо з-ин нашъа ранги арғувонӣ кардаанд.
То ки табъи нозукашро сактае н-ояд гарон,
Байтҳову хомаҳо машқи равонӣ кардаанд.
Шиква аз абру ҳавои Тоҷикистон хуб нест,
Бар қудуми дӯстон гавҳарфишонӣ кардаанд.
Ифтихоре дорам аз даврони истиқлоли худ,
Баски озодии миллат ҷовидонӣ кардаанд.
Ин ҷавоби шеъри пур аз меҳри Гарморӯдӣ аст,
К-аз дили мо ҷониби ӯ армуғонӣ кардаанд.
**Кароматулло Олимзода**

Барои ин ки дарёбед, то чӣ андоза шеъри эшон устодона ва хуб суруда шуда, ман шеъри худро низ дар ин ҷо меоварам:

**Меҳрубонӣ**
Эй хуш онон, к-андар ин номеҳрубон дунёи зишт,
Умрро дар кори хуби меҳрбонӣ кардаанд.
Худ чу хур пайваста саргардони олам будаанд,
Пеши пои дигарон партавфишонӣ кардаанд

Пеши по уфтодагони дашти ҳасратро чу кӯҳ,
Бо шукӯҳу устуворӣ пуштбонӣ кардаанд.
Сахраҳои соҳили сабру наҷобат будаанд,
Бо ҳуҷуми мавҷи ғамҳо саргаронӣ кардаанд.
Гар чу абр аз гиря бори дил гаҳе бигшудаанд,
Гиря ҳамчун шоми боронӣ ниҳонӣ кардаанд.
В-ар зи дилтангӣ чу ғунча даст бар сар бурдаанд,
По ба пои ҳар насиме шодмонӣ кардаанд.
Даҳ забон доранду хомӯшанд чун савсан, вале
Бо ҳазор ово ҳазорон ҳамзабонӣ кардаанд
Чун чанори пир, к-орад дар баҳорон барги нав,
Панҷа гоҳе нарм бо ёди ҷавонӣ кардаанд.
Он касон, к-андар ҷаҳон ин гуна некӯ зистаанд,
Рост монанди шаҳидон зиндагонӣ кардаанд.
Чун дур афшондам зи Гарморӯд ман ин қитъаро,
Бар сари онон, ки умре ҷонфишонӣ кардаанд.

Ингуна муҷовибати шеърӣ дар таърихи адабиёти мо собиқаи бисёр тӯлонӣ дорад ва ба он «шеърҳои бародарона» ё «ихвониёт» мегуфтанд. Масалан байни Ҷазоирӣ ва Унсурӣ, Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ ва бисёре аз шоирон. «Бародарона» ба шеърҳое гуфта мешавад, ки дар онҳо шоире шеър ё асар ё дониш ва фазли шоирии дтгарро меситояд ва ё аз вай чизе мехоҳад ва ё гоҳ аз вай гилаи дӯстона мекунад.

Шоире ҳам, ки шеъре хитоб ба ӯ суруда шуда аст ғолибан дар ҳамон қолаб ва ҳамон вазн ва ҳамон қофия посухи ӯро медиҳад.

Худи ман дар Эрон бо беш аз бист шоир шеъри бародарона мубодила кардаам.

Аз ҷумла, шоири бисёр машҳури мо Маҳдии Ахавони Солис қитъае хитоб ба ман сурудаанд, ки онро дар охирин китоби шеъри худ «Туро эй куҳан буму бар дӯст дорам» ҳамроҳ бо посухи ман, ки дар ҳамон вазн ва ҳамон қофия сурудаам, оварда аст.

Хулосаи калом он ки ман ҷаноби оқои доктор Кароматулло Олимзодро илова бар вазири фарҳанг ва ба унвони як донишманд мешинохтам, бо ин шеъри бисёр равон ва устодона ба унвони як шоири гаронмоя низ эҳтиром ва дӯстдории ман нисбат ба эшон бисёр афзуда шуд. Пойдор ва пирӯзу саломат бимонанд. Чунин бод, чунинтар бод.

**Мундариҷа**

**Суруди садоқат**

**Ашъори гуногун (ғазалҳо, сурудҳо, қасидаҳо)**

**Алвидоъ, модар!**……………………………………………………..
Модар…......................................................................................................
**Ҷамоли Ватан**……………………………………………………………
**Ватан тоҷи сар**…………………………………………………….
**Ошёни бахт**……………………………………………………..
**Забони модарӣ….. **………………………………………………..
**Ватан гӯям**……………………………………………………………
**Эй Ватан, эй хонаи ободи ман поянда бош,**………………………..
**Ёдгори ҷовидон**………………………………………………………..
**Фаввораи Душанбе**…………………………………………………
**Суруди ҷавонӣ**…………………………………………………………
**Ба шоираи азизи тоҷик Фарзона**………
**Ёри вафодор**………..
**Таваҳҳумгоҳ**…………..
**Орзуи дидор**……………..
**Аз назар афтодаем**…………..
**Пайки оштӣ**………..
**Руҷӯи академик Раҷаб Амонов**………………….
**Офтоб**…………………………..
**Сеҳри забони модарӣ**………………..
**Ба Истаравшан**………………
**Зинда бодо ишқ** ……………………
**Тақдир**…………………………………
**Кохи босафо**………………
**Оҳиста-оҳиста**…………………………
**Дил**…………………….
**Бигзарад**……………………
**Ҷонон, биё**………………………
**Башорати ваҳдат**…………………
**Баҳори нав**…………………
**Ёди ту**…………
**Ёди зодгоҳ**…………….
**Баҳори дӯстӣ**………………..
**Нанги ҷаҳон**……………
**Ёди деҳа**…………………..
Ба **ҳамдеҳагон**……………………
**Қадри Ватан**……………………….
**Тоҷику эронӣ**…………………………
**Оқибат**……………………….
**Ҳамсинфҳо**……………………
**Диёри ваҳдат**…………………………
**Диёри ваҳдат**…………………………….
**Муборак бод мегӯям**…………………..
Чатри гул бар сар кашад боғи муроди мову ту………………
**Тазмин ба ғазали устод Турсунзода**…………………
Тоҷикистони азизам, шуд фазоят беғубор…………………
Дӯстон, бар зиндагӣ ҳар субҳу шом ошиқ шавед………………
**Тазмин ба шеъри Шаҳриёр**…………………………………..
Чист ҳастӣ? Хешро афрӯхтан………………………………
**Ба Зулфия Атоӣ**…………………………………………
Имшаб набурд хоб, вуҷудам хароб буд……………………..

**Сарҳад………………………………………………………**
**Ба ёри бадахшонӣ…………………………….**
Чатри гул бар сар кашад боғи муроди мову ту……………..
**Ба Абдуфаттоҳ Кулолӣ……………………………………**
**Дӯстӣ…………………………………………………**
Шабе дар хоб дидам,ҷони ман, рӯи чу моҳи ту…………………
**Ғафлати умр………………………………………………………..**
Хуш бош Ватан, толеъу даврони ту омад…………………………
**Муноҷот………………………………………**
Боз Наврӯз ба кӯҳсору даман омадааст…………………………
Сад варақ нолаву чун ғунча хамӯшам, ё раб………………………
Чун сипанд аз доғи ғам мушти фиғон гардидаам…………………
Аз ин замонаи бебандубор метарсам…………………………
**Сабақи ҳаёт……………………………**
Баҳор……………………………………………..
**Ба Турсунпӯлод Аминҷонов……………………………**
**Эҳсоси нотакрор……………………………………….**
**Нигори хуҷандӣ…………………………………**
**Илҳом…………………………………………………**
**Сулҳ…………………………………………**
**Субҳи Ваҳдат………………………………………**
**Тоҷикистони шод мехоҳад…………………………………**
**Аз ваҳдат бувад……………………………………………..**
Нагардад бе ғаму ҷон кандани кас пора нон пайдо……………
**Муҷассамаи устод Айнӣ……………………………………**
**Хоҳад монд………………………………..**
**Шеъри Ҳофиз……………………………………………**
Гаҳе маҳви ҷунуномези як наззора мегардам……………………
**Сандалӣ……………………………………………..**
**Ба муаллим………………………………………**
**Ҷавонӣ ва ишқ…………………………………………..**
**Ба ёри ваҳдатгаро…………………………………**
**Роғун…………………………………………………**
**Ба Низомӣ……………………………………………….**
**Ба дӯстони озарӣ…………………………………………….**
**Камоли ишқ…………………………………………………**
**Бемори нимашаб…………………………………………….**
**Паноҳи вопасин…………………………………………………**
**Чашмони ту…………………………………………………..**
**Ба Зоҳир Аҳрорӣ…………………………………………………**
**Ба як муфаттишзани ришватхоҳ……………………**
Мувашшаҳ ба Фарзона…………………………………………………
Мувашшаҳ
**Дареғ……………………………………………………**
**Бонуи Тоҷикистон…………………………………………**
**Нома ба ҳаммиллати бегонашуда……………………………..**
**Баҳору ёди модар………………………………….**
Дили ман………………………………………..
**Субҳи Хуҷанд…………………………………………….**
Эй нозанин диёрам………………………………………..
Навниҳолони боғи Истиқлол……………………………
Қуллаи Президент……………………………………………
**Ба силоҳбозон…………………………………………….**
**Бразил- Саразм……………………………………**
**Соҳили Лейк Параноа……………………………….**

**Лоладарахт……………………………………………………**
**Парчами Бразилия………………………………………**
**Ба профессор Акино……………………………………..**
**Руди Ватан……………………………………………………..**
**Ёри вафодор…………………………………………………………**
**Пораи алмос……………………………………………………..**
**Панди рӯзгор……………………………………………………..**
**Тоҷикистон……………………………………………………..**
**Ватан…………………………………………………………………….**
**Панди таърих…………………………………………**
**Ватан чист?.......................................................................................**
**Хоҷаи чилдиёр…………………………………………….**
**Дин чист?..........................................................................................**
**Рӯзи висол……………………………………………………**
**Илтиҷо………………………………………………………………**
**Хотира………………………………………………………………**
**Саразм……………………………………………………………..**
**Ба Шукрӣ Иброҳим……………………………………..**
**Чанори Боғикалон……………………………………………**
**Дубайтиҳои наврӯзӣ………………………………………………**
**Рубоиҳо………………………………………………………………………………**
**Муноҷот ба субҳ……………………………………………….**
Гаштаам басе дилгир……………………………………..
**Дидори вопасин бо Абдуқодир Маниёзов………………………….**
Дар ин Ватан , диёри кӯҳсори дилнишин………………………………
**Ба Варзобруд……………………………………**
**Муноҷот……………………………………………………**
**Ба табибони ҳозиқ…………………………………………**
Ёди модар…………………………………………………
Некӣ……………………………………………………………
**Ба зани фирории тоҷик…………………………………………**
**Ба Сироҷиддин Осимӣ………………………………**
Тоҷикистон, Тоҷикистон……………………………………
Муроҷиат ба дил………………………………………………
Тоҷи сар…………………………………………………………
**Меҳмони диёри тоҷикон шав…………….....................................**
Шаби пурситора…………………………………………
Ниҳоли истиқлол…………………………………………………
Илтиҷо ба офтоб……………………………………………..
Хотира………………………………………………………………
**Забони ман, ҷаҳони ман……………………………………………**
Асоси саодат……………………………………………
Хотира……………………………………………………..
Рӯймол……………………………………………………………………
Нигоҳ………………………………………………………………
**Ба профессор Хазиев В.С…………………………………………**
**Ба рӯҳи Ақмулло………………………………………………….**
Ноки Содиқӣ…………………………………………………
Рӯъё……………………………………………………………..
Ванҷ…………………………………………………………..
**Ба Соҳиб Табаров…………………………………………….**
**Мухаммасҳо**
**Фарзанди Ватан бояд...................................**
**Мухаммас бар ғазали Ҳофиз……………………………………………**
**Мухаммас бар ғазали Ҳофиз…………………………………………**

**Мухаммас бар ғазали Бедил……………………………………..**
**Мухаммас бар ғазали Ҷавҳарӣ……………………………………..**
**Мухаммас бар ғазали Ҷавҳарӣ………………………………………..**
**Мухаммас бар ғазали устод Лоҳутӣ……………………………..**
**Мухаммас бар ғазали Қутбӣ Киром…………………………..**
**Маснавиҳо**
**Гаҳвораи адл……………………………………………..**
**Ду Душанбе………………………………………………..**
**Ба Устод Рӯдакӣ…………………………………..**
**Ба меҳроби миллат суҷуд оварем……………………**
**Соқиномаи наврӯзӣ…………………………………………**
**Илтиҷои наврӯзӣ……………………………………………**
**Хотираи сафари Эрон…………………………………**
**Паёми Покистон ё дуруд ба Иқбол……………………………**
**Ба ёди устод Турсунзода………………………………………**
**Ёде аз устод Халилуллоҳи Халилӣ ……………………………**
**Насиҳат ба ҷавонон……………………………………**
**Саломномаи наврӯзии аҳли илм ба аҳли адаб …………………………**

**Марсияҳо**

**Марсия ба академик Ҳабибулло Саидмуродов……………………………………**
**Марсия ба вафоти Дадахон Назиров……………………………………..**
**Марсия ва таърих ба фавти писархолаам Олимхон Усмонов**
**Марсия ба муносибати фавти Ҳоҷӣ Нуруллоҳ Содиқов ……………………………**
**Марсия ба вафоти Фирӯзҷон аз номи падараш А.Сайфуллоев……………………………**
**Марсия ба Бурҳониддини Раббонӣ…………………………………………………**
**Боз ба фавти Б.Раббонӣ ………………………………………………………………**
**Ба куштори кимиёвӣ дар Сурия…………………………………..**
**Ба фоҷеаи Ливия………………………………………………………………..**
**Шеъри вазири фарҳанги Тоҷикитсон барои Гармрӯдӣ**

**Кароматулло Олимзода**

**Паёми садоқат**
**(Маҷмӯаи ашъор**

Ороиши О. Раҳмонӣ
Муҳаррири ороиш Р. Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова

Ба матбаа …………………………супорида шуд.
Чопаш……………………ба имзо расид.
Андозаи…………Ҷузъи чопӣ……..
Адади нашр………………………….

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018 ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев,17 а

Кароматулло Олимзода яке аз шахсиятҳои шинохта дар Тоҷикистон ва берун аз он аст. Ӯ дар ҷомеаи мо ба ҳайси олими варзида, сиёсатмадори дурандеш, ходими давлатию ҷамъиятӣ соҳиби обрӯю эътибор гардидааст. Кароматулло Олимзода дорои унвонҳо ва дараҷаҳои илмии баланди доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи ҶТ мебошад. Дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии кишвар ба ҳайси узви Комиссияи оштии миллӣ хидмати арзанда кардааст. Дар вазифаҳои пурмасъулияти давлатӣ- вакили Маҷлиси намояндагони Маҷиси Олии чумҳурии Тоҷикистон, вазири фарҳанг, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муваффақият кор кардааст. Кору фаъолияти асосии Кароматулло Олимзода ба илм вобаста аст. Ӯ ҳамчун олим ва ташкилотчии илм аз ходими илмӣ, мудири сектори таърихи фалсафаи Институти фалсафа Академияи илмҳои ҶТ то ба вазифаҳои директори институти фалсафа, директори институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ расида, имрӯз ва вазифаи ноиби президенти Академияи илмҳои ҶТ-ро ба уҳда дорад. Аз соли 2001 то 2011 Раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО буд ва барои ба феҳристи ёдгориҳои ЮНЕСКО ворид кардани «Шашмақом», Саразм, Боғи миллии Тоҷикистон, баргузории чорабиниҳои бузург дар ин Созмони бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО (Париж, октябри 2005) ва чандин фестивалҳо ва маҷлисҳо ва лоиҳаҳо хидмати арзандаи ватанпарастонаро анҷом додаст.Дар айни ҳол Раиси ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон бо Покистон буда, барои сулҳу дӯстӣ саҳм мегузорад.

Кароматулло Олимзода дар навиштани шеър низ қалами бурро дорад, ҳарчанд аз камоли хоксорӣ ҳеҷ гоҳ худро ҳамчун шоир муаррифӣ намекунад. Табъи шеъргӯӣ ба ӯ мероси аҷдодӣ аст. Гузаштагони ӯ низ дар илму шеър шуҳрат доштаанд. Шеърҳои Кароматулло Олимзода равон, самимӣ, ҳақиқатнигорона ва некбинона эҷод шудаанд. Ғазал, маснавӣ, манзума, мухаммас, марсия ва намунаҳои дигари ашъори ӯ, ки дар ин маҷмӯа гирд омадаанд, маҳсули эҷодиёти рангини шоир мебошанд.